Дар бораи рушди иқтисоди сабз Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш (аз 28. 12. 2023) ба Парлумони кишвар қайд намуданд, ки «…Бо мақсади истеҳсоли «энергияи сабз», рушди «иқтисоди сабз» ва паст кардани партови газҳои гулхонаӣ зарур аст, ки дар самти сармоягузории давлатӣ ва рақамикунонии ҳифзи муҳити зист тадбирҳои иловагӣ амалӣ карда шаванд…» [3,3]. Амалӣ намудани ин иқдомҳо ба рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ, бахусус, рушди соҳаи кишоварзӣ, саноат, сайёҳӣ, махсусан, туризми экологӣ, ки ҳамчун соҳаи камхарҷу сердаромад шинохта шудааст, мусоидат намуда, ба сохтмони босуръати иншооти табобатӣ-маишӣ, базаҳои сайёҳӣ ва ташкилотҳои тандурустӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ имкониятҳои мусоид фароҳам меорад. Ин ҷо мақомоти органҳои дахлдори давлатию маҳаллӣ ва ширкатҳои ватаниро лозим аст, ки дар таблиғи (реклама)-и сайёҳии ватанӣ бештар диққат дода, ҷалби сайёҳони хориҷӣ ва истеҳсолу фурӯши обҳои нӯшокии худӣ ва дигар хизматрасониро тақвият бахшида, ба ҷалби бештари сармояҳо, аз ҷумла сармояҳои мустақими хориҷӣ заминаи мусоид фароҳам оранд.

Дар шароити мусоир аксар кишварҳои дунё ҳангоми арзёбии рушди иқтисодиёти худ омилҳои экологиро дар мадди аввал гузошта, таъсири манфиро

ба муҳити зисти одамон омили асосӣ меҳисобанд. Ин аст, ки даҳсолаҳои охир мавзуи иқтисодиёти сабз аз ҷониби олимону коршиносони сатҳи баланд дар форуму ҳамоишҳои сатҳи байналмилалӣ садо медиҳанд ва роҳбарони аксари кишварҳо ба ин мавзуъ диққати махсус медиҳанд. Роҳбари давлати мо низ якчанд маротиба аз минбарҳои баланд доир ба мавзуи мазкур суханронӣ намуда, иқтисоди сабз ва истеҳсоли маҳсулоти озуқавории камхарҷу аз нигоҳи экологӣ тозаро омили муҳимми рушди устувори иқтисодӣ ва истифодаи самраноки захираҳои табииро барои рушди иқтисодиёти кишвар муҳим арзёбӣ намудаанд.

Яке аз самти муҳимми рушди «иқтисоди сабз» истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ, пеш аз ҳама, захираҳои замину об дар соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Таҷриба нишон медиҳад, ки натиҷаи истифодаи нодурусти захираҳои замину об дар кишоварзӣ, бахусус, заминҳои обёришаванда ва риоя нагардидани қоидаҳои агротехникӣ-мелиоративӣ дар баъзе мавридҳо боиси харобшавӣ ва аз гардиши кишоварзӣ боз мондани заминҳои кишти кишоварзӣ мегардад. Масалан, дар минтақаҳои кишвар дар майдони зиёда аз 9% заминҳои обӣ баландшавии сатҳи обҳои зеризаминӣ, 17% маъданнокии обҳои зеризаминӣ, 7% шӯрашавии заминҳо ва дар зиёда аз 5%-и заминҳои аҳаммияти кишоварзидошта равандҳои эрозияшавӣ мушоҳида карда мешавад. Зарари иқтисодӣ аз ҳар як гектар замин бо воҳиди пулӣ ба ҳисоби миёна 1093 сомониро ташкил медиҳад [6, 3] ва вазъи экологии заминҳои кишоварзӣ ба пастшавии ҳосилхезии заминҳои кишт ва ифлосшавии муҳити зист оварда мерасонад. Ба андешаи мо, маҳз механизми дурусти танзими экологӣ-иқтисодии истифодаи захираҳои замини кишоварзӣ метавонад бозори дохилии кишварро бо маҳсулоти озуқаворӣ таъмин намуда, барои содироти иловагии онҳо мусоидат намояд.

Дар шароити кунунӣ амалӣ намудани ин иқдомҳо метавон аз ҳисоби ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои минтақаҳои наздикӯҳӣ ва кӯҳӣ таъмин намуда, барои ташкил ва рушди боғпарварӣ ва истеҳсолоти баландсифати маҳсулоти кишоварзӣ заминаҳои мусоид фароҳам орем. Аз рӯйи пешгӯиҳои коршиносон, ин заминҳо зиёда аз 22,5%-и заминҳои кишти

кишоварзиро, ки дар баландии аз 800-2500 м аз сатҳи баҳр ҷойгир шудаанд, ташкил медиҳанд, ки миёни минтақаҳои кишвар чунин тақсим карда шудаанд: қисмати зиёди ин заминҳо 35,9% ба ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ; 29,9% ба минтақаи Хатлон; 29,6% ба минтақаи Суғд ва 4,6% ба ВМКБ рост меояд, ки бо ҷалби ками сармояҳо метавон истеҳсоли маҳсулоти аз нигоҳи экологӣ тозаро ба роҳ монда, барои таъмини дарозумрии аҳолии кишвар шароити мусоидат фароҳам овард, ки ин нукта дар Паёми имсолаи Президенти кишвар хеле хуб баён гардид ва ин ҳам яке аз ҳадафҳои асосии рушди «иқтисоди сабз» мебошад.

Агар ба масъалаи таъмини бехатарии озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти аз нигоҳи экологӣ тоза назар афканем, аз рӯйи ҳисоби коршиносону мутахассисон қонеъгардонии талаботи зиёда аз 9 миллиард аҳолии кураи замин то солҳои 2050-ум ба яке аз масъалаҳои рӯзмарраи ҷомеаи ҷаҳонӣ мубаддал мегардад. Агар ба таҳлили нишондиҳандаҳои оморӣ назар афканем, барои ҷумҳурии мо 25 соли охир (1998-2023) афзоиши аҳолӣ ба 4,6 млн нафар баробар мебошад. Аз рӯйи пешгӯиҳои коршиносон бо чунин раванди афзоиш то соли 2030 аҳолии кишвар ба 12 млн нафар мерасад, ки ин ба масъалаи таъмини бехатарии озуқаворӣ ва сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ бетаъсир намемонад. Ҳалли масъалаи мазкур бо назардошти ояндабинӣ зарурати воридоти маҳсулоти ғизоӣ ва таъмини аҳолии кишварро бо озуқаи ватанӣ ба миён меорад. Дар ин маврид, рӯёндани 2-3 ҳосил аз ҳар як гектар заминҳои обӣ дар минтақаҳои кишвар ин ишора ба ҳалли яке аз се ҳадафи асосии сиёсати иқтисодии давлат, яъне таъмини бехатарии озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти аз нигоҳи экологӣ тозаю безарар мебошад.

Самаранокии истифодаи захираҳои замину об дар минтақаҳои кишоварзӣ ҳамчун унсури муҳимми истиқлоли озуқаворӣ ва бехатарии иқтисодӣ хизмат менамояд. Ба маънои дигар, инро ҳамчун маҷмуи муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоие номид, ки ба таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ мутобиқи меъёру миқдор ва сифати баланди маҳсулот мусоидат мекунад. Бехатарии озуқаворӣ дар ин маврид бо чунин унсурҳо, ба мисли: миқдори кофӣ ва аз ҷиҳати экологӣ тоза, мувофиқати он ба ратсион ё вояи хӯрок, миқдори маводи ғизоӣ бо мавҷудияти

намаки ёддор ва ба саломатии одамон безарар ва амсоли инҳо такя мекунад. Аз ин лиҳоз, дар минтақаҳои ҷумҳурӣ зарур аст, ки низоми хуби аз нигоҳи илмӣ асоснокнамудаи ташкилӣ-иқтисодӣ, рушди бозори дохилии озуқаворӣ, шароити хуби таъмини маҳсулоти озуқаворӣ босифат ва беҳтаршавии вазъи зиндагии аҳолиро ба роҳ монем.

Қайд кардан ба маврид аст, ки норасоии оби нӯшокӣ низ имрӯз ба яке аз проблемаҳои глобалӣ табдил ёфтааст. Аз руйи маълумоти омории ҷаҳонӣ то солҳои 2030 масъалаи қонеъгардонии талаботи солонаи аҳолии кураи замин бо оби нӯшокӣ ва дастрасии он аз сарчашмаҳо ба масъалаи муҳимми ҳастӣ табдил меёбад. Аз ҷониби дигар, эҳтимолияти беҳдошти вазъи санитарию гигиении зиёда 2,6 млрд аҳолии кураи замин дар назар дошта шудааст ва имрӯз дар ҷаҳон зиёда аз 884 млн нафар одам аз истифодаи обҳои нӯшокӣ танқисӣ мекашанд. Амалӣ намудани ташаббусҳои Пешвои миллат оид ба масъалаҳои байналмилалии истифодаи об ва ҳифзи пиряххо низ яке аз самтҳои муҳимми рушди «иқтисоди сабз» ба ҳисоб рафта, барои беҳдошти вазъи обҳои тозаи нӯшокӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ созгор мебошад.

Ба андешаи мо, дар сурати ҳалли дастаҷамъонаи рушди сифатан нави «иқтисоди сабз» дар сатҳи байналмилалӣ ва минтақавӣ дар базаи технологияи нави аз нигоҳи экологӣ тоза, рушди соҳаи кишоварзии органикӣ, самаранокии баланди энергетикӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ, рушди инфрасохтори бозорӣ, кам кардани партовҳои истеҳсолӣ ба муҳити зист ва шинонидани дарахтон дар макони зист, кӯчаҳо, ноҳияҳо, шаҳрҳои кишвар, инчунин истифодаи нақлиёти экологии тоза метавон вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии кишварро беҳ намоем. Дар заминаи истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ минтақаҳои кишвар ва беҳдошти муҳити зист ба ҳадафҳои сенарияи инерсионӣ СРМ то солҳои 2030 метавонем ноил гардем ва барои ин ҳамаи имкониятҳо мавҷуд мебошад, фақат ирода, муттаҳидӣ ва дастгирии сулҳу суботи мамлакат лозим аст.

**АДАБИЁТ:**

1. Бобылев С.Н. Устойчивое развитие: парадигма для будущего // Мировая экономика и международные отношения. - 2017. Т. 61. - № 3. - С.107-113.

2. Захарова Т.В. «Зеленая» экономика как новый курс развития: глобальный и региональный аспект //Вестник Томского государственного университета. - 2011. - № 4 (16). - С. 28-37.

3. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 28.12. 2023с.

4. Фюкс Р. Зеленая революция: Экономический рост без ущерба для экологии / Пер. с нем. М.: Альпина нон-фикшн, 2016. - С. 12-15.

5. Шералиев Э.Н. Оценка эффективности землепользования в сельском хозяйстве аридного региона. Актуальные вопросы развития региональной экономики //Коллективная монография. - Душанбе: «Эр-график», 2023. - С. 212-213.

6. Шарифов, З. Р. Рақамикунонӣ омили баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ-экологии соҳаи кишоварзӣ / З. Р. Шарифов, Ф. П. Арабов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2024. – No. 3(53). – EDN QVSXCL.

7. UNEP. Глобальный «зеленый» курс. Доклад, 2009. URL: http:// greenlogic.by /content/files/GREENTRANSPORT/UNEP90-RUS.pdf

**Маълумот дар бораи муаллиф: Давлатзода А. Д.** - муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии фанҳои гуманитарии ДДМИТ, Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/4, E-mail: mehrob-mardon@mail.ru. Телефлон: (+992) 907-73-23-11.

**Самадов С. С.** - унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/4, E-mail: mehrob-mardon@mail.ru. Телефлон: (+992) 907-22-89-03.

**Сведения об авторах: Давлатзода А.Д.** - старший преподаватель общеуниверситетской кафедры гуманитарных наук ТГФЭУ. Адрес: Республика Таджикистан. ш. Душанбе, ул. Нахимова, 64/4, E-mail: mehrob-mardon@mail.ru. Тел: (+992) 907-73-23-11.

**Самадов С.С.** - соискател Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, ш. Душанбе, ул. Нахимова, 64/4, E-mail: mehrob-mardon@mail.ru. Тел.: (+992) 907-22-89-03.

## ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ ТАНЗИМИ ЭКОЛОГӢ-ИҚТИСОДИИ ЗАМИНҲОИ ОБЁРИШАВАНДА ДАР МИНТАҚА

***Комилзода Н.Б. ( Комилов Н.Б.)** - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои назариявии баъзе аз дастгириҳои давлатӣ дар самти танзими экологӣ-иқтисодии заминҳои обёришаванда дар минтақа мавриди таҳқиқот қарор дода шуда аст. Муаллиф бештар ба масъалаи фишангҳои асосии таъсиррасон ба заминҳои обёришаванда танзими экологӣ-иқтисодии истифодаи заминҳои обёришаванда, механизми идораи заминҳои обёришаванда дар ҷумҳурӣ дар ҳамбастагӣ бо органҳои давлатӣ SWOT- танзими давлатии самараноки истифодаи заминҳои обёришаванда дар минтақа мароқ зоҳир намудааст. Дар интиҳо вобаста ба таҳқиқи натиҷаҳои дасгириҳои давлатии танзими экологӣ-иқтисодии заминҳои обӣ хулосаҳои илмӣ бароварда шудааст.

**Калидвожаҳо:** заминҳои кишоварзӣ, дастгириҳои давлатӣ, танзими экалогӣ, танзими иқтисодӣ, заминҳои обӣ, технологияи инноватсионӣ.

## ГОСУДАРСТВЕННАЯ ПОДДЕРЖКА ЭКОЛОГО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ОРОШАЕМЫХ ЗЕМЕЛЬ В РЕГИОН

В данной статье рассматриваются теоретические аспекты некоторых государственных мер вмешательства в области эколого-экономического регулирования использования орошаемых земель региона. Автора, главным образом, интересуют вопросы основных рычагов воздействия на орошаемые земли, эколого-экономического регулирования использования орошаемых земель, механизма управления орошаемыми землями в республике во взаимодействии с государственными органами, SWOT-анализа – эффективного государственного регулирования использования орошаемых земель региона. В заключение делаются научные выводы на основе изучения результатов государственных мер вмешательства в области эколого-экономического регулирования использования орошаемых земель.

**Ключевые слова:** земли сельскохозяйственного назначения, государственная поддержка, экологическое регулирование, экономическое регулирование, орошаемые земли, инновационные технологии.

Танзими давлатии соҳаи кишоварзӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии экологӣ-иқтисодии истифодаи захираҳои замин, бахусус, заминҳои обёришаванда ва фаъолияти босамари корхонаҳои кишоварзӣ дар шароити минтақаҳои кишвар хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Дар ин раванд, якчанд омилҳое мавҷуд мебошад, ки хусусиятҳои минтақавии танзими давлатии истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда ва нақши дахолати давлатииро нисбати рушди соҳаи кишоварзӣ тақозо менамояд. Дар мавриди дуруст амал накардани

механизми ташкилӣ-хоҷагидорӣ ва молиявӣ-иқтисодии истифодаи оқилонаи заминҳои обёришаванда, вобаста ба хусусияти хоси минтақавӣ, ки ба қонеъ гардонидани ниёзҳои аввалиндараҷаи аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ ва сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ равона гардидаст, ба раванди истеҳсолоти кишоварзӣ дар минтақаҳо таъсири мутақобила мерасонад.

Хусусияти хоси соҳаи кишоварзӣ ва комплекси агроозуқаворӣ дар минтақаҳо, ки асоси онро ҷараёни биологӣ ва истифодаи самараноки заминҳои обёришавандаро медиҳад, ки он бештар ба дастгирии давлатӣ ниёз дорад. Ба андешаи Э.Н. Шералиев: «... Яке аз масъалаи муҳимми истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ - ин ташкили механизми иқтисодии танзими истифодаи заминҳои обёришаванда ба ҳисоб меравад. Ин механизм, пеш аз ҳама, дар муқаррар намудани пардохтҳо барои истифодаи заминҳои обёришаванда, ҷори намудани меъёрҳо ва манъ кардани истифодаи ғайрисамараноки онҳо, ҷаримаситонӣ ва дигар ҷавобгариҳо, ки ба вайроншавии ҳолатҳои экологии заминҳои обёришаванда оварда мерасонад, зуҳур меёбад...».[6,с.213]· Ин ҷо сухан, пеш аз ҳама, дар бораи ба ҳам мувофиқат намудани рушди устувори минтақа ва дастгирии давлатии истифодаи самаранокии захираҳои замин, бахусус, заминҳои обёришаванда ва беҳдошти вазъи экосистемаи минтақаҳои кишвар меравад.

Танзими давлатии истифодаи заминҳои обёришаванда - ин низоми махсуси идоракунӣ мебошад, ки қоидаҳои асосӣ ва қонунияҳои танзими истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда ва беҳдошти муҳити зистро дар минтақаҳо таъмин менамояд, ки мақсади асосии он аз лиҳози илмӣ асоснок намудани низоми идораи заминҳои обёришаванда, ки аз чорабиниҳои ташкилӣ-иқтисодӣ, экологӣ-иҷтимоӣ, банақшагирӣ реҷаи истифодаи обҳои кишоварзӣ, механизми ҳавасмандкунии иқтисодӣ ва ҷаримаситонӣ, ки он аз баҳогузории самаранокии экологӣ-иқтисодии заминҳои обёришаванда дар минтақа хизмат менамояд.

Дахолати давлатӣ дар иқтисодиёти минтақа ҳамчун объекти зарурӣ барои дилхоҳ давлат, новобаста аз низоми ташкилӣ-иқтисодӣ ва шакли моликият ба замин зарур буда, дар ҳолати ғайрисамаранок амал накардани механизми

ташкилӣ-иқтисодӣ ва технологӣ-хоҷагидорӣ, инчунин экологӣ-иҷтимоӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Назари Исайнов И.Р. дар ин бора чунин аст: «...Танзими давлатии комплекси агросаноатӣ таъсирасонии мақсадноки давлат ба низоми амалкунандаи иқтисодӣ бо мақсади таъмини фаъолияти муътадили сектори аграрӣ ва тараққиёти устувори иқтисодиёти минтақа мебошад..» [4,с.421].

Дар назария ва амалияи иқтисодиёт усулҳо ва фишангҳои гуногуни танзими давлатии соҳаи кишоварзӣ, хусусан, истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда, ки ҳамчун манбаи асосии таъмини бехатарии озуқаворӣ ва сатҳи зиндагии мардум истифода бурда мешавад. Ин дар навбати худ, дар заминаи ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, махсусан, заминҳои обёришаванда дар минтақа амалӣ гардида, пиёда сохтани сиёсати аграрии давлат дар минтақаҳои агросаноатӣ шарти зарурӣ мебошад.

Баланд бардоштани самаранокии экологӣ-иқтисодии истифодаи заминҳои обёришаванда чуноне, ки дар боло қайд карда будем, шарти муҳимми рушди устувори соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб рафта, такмили механизми давлатии истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда роҳҳои асосии таъмини рушди устувори комплекси агросаноатӣ масҳуб ёфта, ҳамчун механизми махсус аз усулҳо ва фишангҳои зерин таркиб меёбад, ки мо онҳоро дар расми 1 таҳия ва пешниҳод намудем.

Танзими давлатии истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда фишанги муҳимми муайян намудани самаранокии чорабиниҳои экологӣ-мелиоративии муҳофизати экосистемаи минтақавӣ ба ҳисоб меравад. Баҳодиҳии истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда дар навбати худ самти асосии рушди устувори экологӣ-иқтисодии минтақаҳои кишвар ба ҳисоб рафта, тавассути пардохтҳои истифодаи заминҳои обёришаванда, рушди шаклҳои нави соҳибкорӣ дар минтақаҳо, васеъ истифода намудани ҷаримаситониҳо оидба вайрон намудани вазъи экологии заминҳои обёришаванда ва беҳдошти муҳити зист амалӣ карда мешавад. Якчанд усули танзими давлати истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда истифода бурда мешавад, ки муҳимтаринашон инҳоянд.




**Расми 1. Танзими давлатии истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда дар минтақаҳои кишоварзӣ**

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Танзими экологӣ-иқтисодии истифодаи заминҳои обёришаванда - ин маҷмуи чорабиниҳои таъсирасони давлатие мебошад, ки бо ёри он шароити хубтарин ва беҳтарин барои рушди соҳаи кишоварзӣ ва истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда дар шароити минтақаҳо таъмин карда мешавад. Ин чорабиниҳо бевосита ба ҳавасмандкуниҳои моддӣ ва маънавӣ, ё ин ки ба кам

намудани зарарҳои экологӣ ба минтақаҳои кишвар равона карда шудаанд. Вай дар шароити кунунӣ фишанги асосӣ арзёбӣ гардида, тавассути механизмҳои асосии иқтисоди бозорӣ, ба монанди талаботу таклифот, рақобати озоди молистеҳсолкунандагон, нарх ва нархгузорӣ ба маҳсулоти кишоварзӣ, ҳавасмандкуниҳои молиявию қарзӣ, ҷалби бештари сармояҳо ба минтақаҳо ва амсоли инҳо амалӣ карда мешавад.

Дар Барномаи ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ дар бахши захираҳои обӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025 мақоми хоссаро истифодаи принсипи идораи ҳавзавии захираҳои обӣ ташкил медиҳад, ки он имконияти тавозуни дараҷаи истифодаи обҳои зеризаминӣ ва руизаминиро бо назардошти соҳаҳои асосии истифодабарандаи заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ ба роҳ мемонад[1]. Вай ҳамчун фишанги махсуси идораи заминҳои обёришаванда, такрористеҳсол ва муҳофизати заминҳои мазкури кишоварзӣ, инчунин таъмини санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии идораи заминҳои обёришаванда ва молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ баромад мекунад.

Усулҳои мазкури танзими истифодаи заминҳои обёришаванда бо якдигар зич алоқаманд буда, зимни ҳалли масъалаҳои самаранок истифодаи заминҳои обёришаванда онҳо дар якҷоягии ба назар гирифта мешавад. Муҳим он аст, ки ҳар як фишанги танзими давлатӣ ба таври дастаҷамъона ба рушди устувори иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳои кишвар таъсир расонад.

Дар амалӣ намудани механизмҳои мазкур функсияҳои банақшагирии истифодаи захираҳои обӣ роли калон бозида, тавассути меъёри (лимити) истифодаи обҳо барои кишоварзӣ дар заминаи (балансӣ) хоҷагии об амалӣ карда мешавад. Тавозуни хоҷагии об ҳуҷҷатест, ки талабот ба захираҳои обиро бо назардошти минтақаҳои кишоварзӣ муайян менамояд. Он барои банақшагирӣ ва қабули қарорҳо ва муҳофизати иншоотҳои обтаъминкунӣ, барои таъмини баҳои ҳақиқӣ ва дараҷаи истифодаи иншоотҳои идораи заминҳои обёришаванда истифода бурда мешавад. Тавозуни хоҷагии об аз ҷониби органи давлатии

масъул, ки ба зиммаи он идораи истифода ва муҳофизати фонди обии кишвар вогузор карда шудаааст, тартиб дода мешавад.

Новобаста ба тағйироти ҷиддӣ дар сохтори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкили органҳои нави идоракунии захираҳои замин, тақсимоти вазифаҳо ва ӯҳдадориҳо дар риштаи идораи заминҳои обёришаванда миёни сохторҳои давлатӣ ҳоло ҳам дар заминаи салоҳияти ташкилоти махсуси танзим ва муҳофизати заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4-уми феврали соли 2002, таҳти №39, 24 ба роҳ монда шудааст, ки он то андозае такмил ва рушд мехоҳад [2].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон органҳое, ки масъули танзими истифодаи заминҳои обёришаванда барои кишоварзӣ мебошанд, салоҳиятҳои бартариятнокро нисбати ташкил, муҳофизат ва назорати самаранок истифодабарии заминҳои мазкур ба души худ доранд. Ба органҳои давлатие, ки бевосита барои ҳалли масъалаҳои истифодаи заминҳои обёришаванда масъуланд, инҳо мебошанд: Вазорати энергетика ва захираҳои обӣ, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати кишоварзӣ), инчунин, Кумитаи ҳифзи муҳити зист, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва муҳофизати шаҳрвандӣ ва дигар органҳои давлатӣ, масалан, Саридораи геологӣ, Агентии беҳдошти замин ва обёрикунонии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғ.

Механизми идораи заминҳои обёришаванда дар ҷумҳурӣ дар ҳамбастагӣ бо органҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки фаъолияташон бо истифодаи заминҳои обёришаванда мебошанд, ба роҳ монда мешаванд. Дар ҷумҳурӣ ташкилоти ҷамъиятии махсусгардонидашуда, ки ҳуқуқи идора ва низоми дохилихоҷагии обёрикунӣ ва назорати тақсимоти дурусти онҳоро ба роҳ мемонад, ин ассотсиятсияи обистифода барандагон (АИО) мебошад.

Таҷрибаи ҷумҳуриҳои собиқ Шуравӣ оид ба пардохти ҳаққи истифодаи заминҳои обёришаванда барои кишоварзӣ дар корҳои илмии олимон рус Горбунов Е.Н. ва Красношеков В.Н. хеле хуб арзёбӣ гардида, онҳо оид ба ин масъала чунин андеша доранд, ки натиҷаи таҷриба нишон медиҳад, ки ҷорӣ намудани ҳаққи пардохт барои истифодаи заминҳои обёришаванда дар соҳаи

кишоварзӣ якчанд мушкилотро ҳал мекунад, аз ҷумла, паст кардани обталабии зироатҳои кишоварзӣ, кам кардани хароҷоти ҷории буҷети давлатӣ барои нигоҳдорӣ ва ҳифзи заминҳои обёришаванда, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, беҳтаршавии ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда ва дар ниҳояти кор баланд бардоштани самаранокии соҳаи кишоварзӣ. Принсипи мазкур дар таҷрибаи аксарияти давлатҳои тараққикардаи кишоварзӣ эътироф гардида, дар акасиряти онҳо ба таври васеъ истифода бурда шуда, аз ҳисоби ҳақмузд дар шакли пардохти истифодаи заминҳои обёришаванда ситонида шуда, пурра ё қисман хароҷоти нигоҳдорӣ ва таъмини хоҷагии об пӯшонида мешаванд[3, с.41].

Дар расми 2 (SWOT) - танзими давлатии самаранокии истифодаи заминҳои обёришаванда дар минтақаҳо рӯйи кор оварда мешавад, ки он аз тарафҳои мусбат ва манфӣ, инчунин имкониятҳо ва таҳдидҳоро ба экосистемаи минтақавӣ иборат мебошад.

Яке аз чорабиниҳое, ки ба баланд бардоштани самаранокии чорабиниҳои экологӣ-мелиоративӣ заминҳои обёришаванда мусоидат менамояд, ин истифодаи идораи захираҳои обии дохилихоҷагӣ, ташкили ассотсиатсияҳои истифодабарандагони захираҳои обӣ мебошад. Шуъбаҳои низоми обёрикунии дохилихоҷагӣ ва байнихоҷагӣ дар заминаи беҳшавии истифодаи заминҳои обёришаванда ташкил карда шуда, низоми байнихоҷагии обёрикунӣ дар асосии идораи давлатии низоми обёрикунӣ дар заминаи ислоҳоти шаклҳои куҳнаи хоҷагидорӣ ва ташкили ассотсиатсаҳои обистифодабарандагон ба маврид мебошад.

Дар шароити кунунӣ ассотсиатсияҳои обистифодабарандагон истифодаи васеи заминҳои обёришаванда бо роҳи такмилдиҳии низоми идораи захираҳои обӣ, баҳои ҳолати мелиоративӣ-ирригасионӣ ва нархи об, ки ба самаранок истифодабарӣ ва сарфаи захираҳои обӣ, такмили санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва ташкилоти хизматрасони хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) зарур мебошад. Дар ин раванд, нақша ва тақсимоти дурусти истифодаи захираҳои обӣ бояд мақоми

махсусро касб намуда, хусусиятҳои минтақаҳои кишвар ва пешниҳоди аз лиҳози илмӣ асоснокардашудаи экологӣ ба назар гирифта шавад.

**Ҷадвали 2. - (SWOT) Танзими давлатии самараноки истифодаи заминҳои обёришаванда дар минтақа**

| Тарафҳои мусбат | Тарафҳои манфӣ |
|---|---|
| ➢ мавҷудяти ҳосилхези заминҳои обёришаванда дар минтақа;<br>➢ мавҷудияти захираҳои кофии меҳнатӣ;<br>➢ шароити мусоиди иқлим барои рушди соҳаи растанипаврварӣ ва чорводорӣ дар минтақа;<br>➢ мавҷудияти чарогоҳҳои аҳаммияти ҷумҳуриявӣ дошта;<br>➢ мавҷудияти таҷрибаи бои парвариши пахта ва дигар зироатҳои техникӣ;<br>➢ шароити мутобиқ барои парвариши полезиҳо ва кабудиҳо;<br>➢ иқтидори табиӣ-иқлимии рушди сайёҳӣ дар минтақа;<br>➢ мавҷудияту имконоти ташкили корхонаҳои саноатии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ;<br>➢ имконоти ташкили ҷойҳои нави кори ва паст намудани сатҳи бекорӣ дар минтақа;<br>➢ ташкили бозори байналхалқии фуруши маҳсулоти озуқаворӣ ва саноатӣ ва ғайра. | ➢ риояи нодурусти низоми киштгардони заминҳои обёришаванда;<br>➢ бад будани ҳолати экологӣ-мелиоративии заминҳои обёришаванда;<br>➢ баланд будани сати обҳои зеризаминӣ, шуршавии заминҳо ва таназулёбии онҳо;<br>➢ таназулёбии заминҳои чарогоҳҳои мавҷуда ва сари вақт татбиқ нагаштани чораҳои дахлдор оид ба беҳсозии вазъи онҳо;<br>➢ сатҳи пасти самаранокии экологӣ-иқтисодии заминҳои обёришаванда;<br>➢ паст будани ҳосилнокии зироатҳои асосии кишоварзӣ дар минтақа;<br>➢ набудани корхонаҳои хурди замонавии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва ба талаботҳои муосири бозор ҷавобгу будани онҳо;<br>➢ паст будани малакаю дониши ҳуқуқии соҳибкорони кишоварзӣ;<br>➢ риоя нагардидани чорабиниҳои ҳифзи экосистемаи минтақавӣва ғайра. |
| **Имкониятҳо** | **Таҳдидҳо** |
| ➢ аз худ намудани заминҳои нави заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ дар доираи барномаҳои давлатӣ ва минтақавӣ;<br>➢ ҳавасмандии ҷалби сармояҳо ва донорони ватанию хориҷӣ ҷиҳати самранок истифодабарии заминҳои обёришаванда дар минтақа. | ➢ тағйирёбии иқлим ва бухоршавии обҳои кишоварзӣ;<br>➢ офатҳои табиӣ ва тағирёбии экосистемаи минтақавӣ;<br>➢ камшавии оби дарёҳои минтақа ва нобаробар тақсимшавии онҳо барои обёрикунӣ. |

**Сарчашма**: Таҳияи муаллиф.

Ҳамин тариқ, дастгирии давлатии истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда бояд дар чунин як пояе таъмин карда шавад, ки натиҷаи он тайи солҳои тулонӣ самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ ва рушди устувори

комплекси агросаноатӣ дар минтақаҳо таъмин намояд, ки дар амалиисозии ин раванд чорабиниҳои зерин аҳаммияти калон дорад:

- танзими давлатии муносибатҳои заминдорӣ ва ислоҳоти замин дар ин заминае ба роҳ монда шавад, ки шароити хубро барои ҳамаи шаклҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар минтақа таъмин намояд, яъне ислоҳоти мазкур бояд ба ташаккули иқтисодиёти бисёрҷанба мусоидат намуда, молистеҳсолкунандагони кишоварзиро барои ҳарчи зиёдтар истеҳсол намудани маҳсулоти озуқаворӣ ҳавасманд гардонад;

- номунтазамии фаъолияти табиӣ-иқлимии омилҳои истеҳсолоти кишоварзӣ, кулли унсурҳои низоми заминдорӣ хусусан, чорабиниҳои экологӣ-мелиоративӣ дар раванди танзими давлат ба таври максималӣ ба эътибор гирифта шуда, истифодаи самараноки заминҳои обёришавандаи ва беҳдошти вазъи экосистемаи минтақавӣ таъмин карда шавад;

- ба масоили технологияи интенсивии парвариши зироатҳои кишоварзӣ ва низоми обёрикунии заминҳои обёришаванда диққати махсус дода шавад. Хусусан, истифодаи заминҳои обёришавандаи ва масоили экологии муҳофизати онҳо дар минтақаҳои наздикӯҳӣ ва кӯҳӣ таваҷҷуҳи ораганҳои дахлдори идоракунӣ дар маҳалҳо бештар ҷалб карда шавад;

- ҳамаи унсурҳои механизми хоҷагидорӣ рушд дода шуда, барои доимо нигоҳ доштани таносуби оқилона (оптималӣ) ва такрористеҳсол васеъи заминҳои обёришаванда, тараққиёти устувори комплекси агросаноатӣ равона карда шуда, дар низоми танзими давлатии устувори амалкунандаи соҳаи кишоварзӣ ва вазъи экологӣ-иқтисодӣ, иҷтимоии минтақаҳои кишвар дар мадди аввал гузота шавад.

Ҳамин тариқ, дастгирии давлатии механизми ташкилӣ-иқтисодии истмифодаи заминҳои обёришаванда дар минтақа, хусусан, заминҳои обёришаванда бояд дар чунин як пояе таъмин карда шавад, ки натиҷаи он тайи солҳои тулонӣ самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ ва рушди босуботи комплекси агросаноатии минтақаро таъмин намояд, ки дар амалиисозии ин раванд чорабиниҳои зерин аҳаммияти калон дорад:

-танзими давлатии муносибатҳои заминдорӣ ва ислоҳоти заминҳои обҷоришаванда дар заминае ба роҳ монда шавад, ки шароити хубро барои ҳамаи шаклҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар минтақа таъмин намояд, яъне ислоҳоти мазкур бояд ба ташаккулёбию тараққиёти иқтисодиёти бисёрҷанба мусоидат намуда, молистеҳсолкунандагони кишоварзиро барои ҳарчи зиёдтар истеҳсол намудани маҳсулоти озуқаворӣ ҳавасманд гардонад;

-номунтазамии фаъолияти табиӣ-иқлимии омилҳои истеҳсолоти кишоварзӣ, кулли унсурҳои низоми заминдорӣ хусусан, чорабиниҳои экологӣ-мелиоративӣ дар раванди танзими давлат ба таври максималӣ ба эътибор гирифта шуда, истифодаи самараноки заминҳои обӣ ва беҳдошти вазъи экосистемаи минтақавӣ таъмин карда шавад;

-ба масоили технологияи интенсивии парвариши зироатҳои кишоварзӣ ва низоми обёрикунии заминҳои обӣ диққати махсус дода шавад. Хусусан, истифодаи заминҳои обӣ ва масоили экологии муҳофизати онҳо дар минтақаҳои наздикӯҳӣ ва кӯҳӣ таваҷҷуҳи ораганҳои дахлдори идоракунӣ дар маҳалҳо бештар ҷалб карда шавад;

-ҳамаи унсурҳои механизми хоҷагидорӣ рушд дода шуда, барои доимо нигоҳ доштани таносуби оқилона (оптималӣ) ва такрористеҳсол васеъ, тараққиёти устувори комплекси агросаноатӣ равона карда шавад;

-дар низоми танзими давлатии устувори амалкунандаи соҳаи кишоварзӣ ва комплекси агросаноатии кишвар нишонаҳои экологӣ-иқтисодӣ, иҷтимоии рушди босуботи минтақа нигоҳ дошта шавад.

Ҳамин тариқ, дастгирии давлати механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи заминҳои обҷоришаванда дар минтақа дар заминаи такмили механизми ташкилӣ-иқтисодӣ, экологӣ-иқтисодӣ ва маъмурӣ-ҳуқуқӣ ба роҳ монда шуда, манфиатҳои истеҳсолкунандагон ва истеъмолгарони маҳсулоти кишоварзиро дар низоми комплекси агросаноатӣ таъмин намуда, барои таъмини бехатарии озуқаворӣи минтақаҳои ҷумҳурӣ заминаҳои устувор гарданд.

## АДАБИЁТ:

1. Арабов, Ф. П. Пути финансирования эколого-экономического улучшения сельского хозяйства / Ф. П. Арабов // Глобальные проблемы современности. Ресурсы и потенциал : Материалы Международной научно-практической конференции, Краснодар, 30 октября 2024 года. – Краснодар: Индивидуальный предприниматель Алзидан Махер, 2024. – С. 18-22. – EDN HUUSZM.

2. Барномаи ислоҳоти соҳаи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025. - Душанбе, 2015. -34с.

3. Барномаи ислоҳоти соҳаи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025. - Душанбе, 2015. -34с.

4. Горбунова Е.Н. Опыт перевода управлений оросительных систем на хозяйственный расчет // Мелиорация и водное хозяйство. Мелиоративные системы: Обзорн. информ. / ЦБНТИ Минводхоза СССР. - М.: - 1989. - Вып. 7. - С. 41.

5. Исайнов И. Р. Иқтисоди миллӣ. Китоби дарсӣ. - Душанбе: «Ирфон», 2018. - С. 421.

6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 феврали 2002, №39 «Оид ба тасдиғи тақсимоти уҳдадориҳои ташкилоти идораи махсуси органҳои давлатии танзими истифода ва муҳофизати захираҳои обӣ».

7. Шералиев Э. Н. Ҷанбаҳои экологӣ-иқтисодии ислоҳоти замин – қисмати муҳимми рушди босуботи соҳаи кишоварзӣ // Паёми Донишгоҳи миллӣ (Маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иқтисодӣ. №1 (33). - Душанбе: «Сино», 2007. - С. 213.

8. Шарифов, З. Р. Рақамикунонӣ омили баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ-экологии соҳаи кишоварзӣ / З. Р. Шарифов, Ф. П. Арабов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2024. – No. 3(53). – EDN QVSXCL.

**Маълумот дар бораи муаллиф:**
**Комилзода (Комилов) Низомиддин Бегаҳмад** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Тел: 918579290, email : nizomiddin.komilov@mail.ru

**Сведения об авторе:**
**Комилзаде (Комилов) Низомиддин Бегахмад** - кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой финансов и кредита Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки, тел: 918579290, электронная почта: nizomiddin.komilov@mail.ru

# ДИПЛОМАТИЯИ ОБӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАҲКИМИ ҲАМКОРИҲОИ МИНТАҚАВӢ ДАР ШАРОИТИ ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ

***Қурбонов Маъруф Муидинович*** *- ходими илмии Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон)*

Мақолаи мазкур ба таҳлили нақши дипломатияи обӣ ҳамчун абзори муҳимми ҳамкории минтақавӣ ва ҳалли мушкилоти вобаста ба тағйирёбии иқлим бахшида шудааст. Дар он нишон дода мешавад, ки дар шароити асри XXI, об ба захираи стратегӣ табдил ёфта, таъмини устувории иқтисодӣ, амнияти озуқаворӣ ва суботи сиёсиро дар сатҳи ҷаҳонӣ муайян мекунад. Мақола паёмадҳои гармшавии глобалӣ ва обшавии пиряхҳо дар Осиёи Марказӣ, масъалаи коҳиши захираҳои обӣ ва зарурати ҳамкориҳои байниминтақавиро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Тавассути таҳлилҳои назариявӣ ва истинод ба андешаҳои муҳаққиқони соҳа, собит мегардад, ки дипломатияи обӣ метавонад воситаи муассири таҳкими эътимод, пешгирии муноқишаҳо ва рушди ҳамгироии минтақавӣ гардад. Таҷрибаи Тоҷикистон исбот мекунад, ки об метавонад на сабаби ихтилоф, балки воситаи сулҳ ва рушди устувор бошад.

**Калидвожаҳо:** дипломатияи обӣ, дипломатияи сабз ҳамкории минтақавӣ, тағйирёбии иқлим, рушди устувор, захираҳои обӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Осиёи Марказӣ

## ВОДНАЯ ДИПЛОМАТИЯ КАК ФАКТОР УКРЕПЛЕНИЯ РЕГИОНАЛЬНОГО СОТРУДНИЧЕСТВА В УСЛОВИЯХ ИЗМЕНЕНИЯ КЛИМАТА

Настоящая статья посвящена анализу роли водной дипломатии как важного инструмента регионального сотрудничества и решения проблем, связанных с изменением климата. В ней показано, что в условиях XXI века вода превращается в стратегический ресурс, от которого зависят экономическая устойчивость, продовольственная безопасность и политическая стабильность на глобальном уровне. В статье рассматриваются последствия глобального потепления и таяния ледников в Центральной Азии, проблема сокращения водных ресурсов и необходимость межгосударственного взаимодействия. На основе теоретических подходов и мнений исследователей обосновывается, что водная дипломатия может выступать действенным механизмом укрепления доверия, предотвращения конфликтов и углубления региональной интеграции. Опыт Таджикистана показывает, что вода может быть не источником противоречий, а фактором мира и устойчивого развития.

**Ключевые слова:** водная дипломатия, зелёная дипломатия, региональное сотрудничество, изменение климата, устойчивое развитие, водные ресурсы, Республика Таджикистан, Центральная Азия.

Дар асри XXI, об ба яке аз муҳимтарин ва нозуктарин захираҳои стратегӣ табдил ёфтааст, ки аз он на танҳо рушди иқтисодӣ, балки суботи сиёсӣ ва амнияти озуқаворӣ низ вобаста мебошад. Тағйирёбии иқлим, афзоиши аҳолӣ ва истифодаи ғайри самаранокии манобеи табиӣ боиси коҳиши захираҳои обии минтақаҳои зиёд гардида, муколама ва ҳамкориро миёни кишварҳо тақозо менамояд.

Дар ин шароит, дипломатияи обӣ ҳамчун воситаи муҳимми таҳкими эътимод, пешгирии муноқиша ва таъмини ҳамкории устувор миёни давлатҳо аҳаммияти афзоянда пайдо кардааст. Ин тарзи дипломатия шакли наву муосири дипломатия буда, ҳадафи он ҳалли масъалаҳои муштараки обӣ тавассути гуфтугӯи созанда ва ҳамкории байниминтақавӣ мебошад.

Бино ба гуфтаҳои Раҳимов А.И. ва Эркаев С.А., "Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ ба сифати кишвари ташаббускори масъалаҳои об ва иқлим шинохта шудааст, ки ин иқдом на танҳо нуфузи байналмилалии кишварро боло бурдааст, балки ба таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ низ мусоидат намудааст" [1, с.54].

Дипломатияи об дар худ маҷмуи усулҳо ва механизмҳои ҳамкориро таҷассум мекунад, ки ҳадафи онҳо ҳалли мушкилоти вобаста ба истифодаи оби фаромиллӣ мебошад. Ин мафҳум аслан солҳои охир дар арсаи байналмилалӣ бештар истифода мешавад, зеро муноқишаҳои вобаста ба об дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон аз Африқо то Осиёи Марказӣ эҳтимоли афзоиш доранд.

Муҳаққиқи дигаре дар самти об А. Омарова дар таҳқиқоти худ менависад, ки «дипломатияи обӣ воситаи муҳимми ҳамоҳангсозии манфиатҳои миллӣ ва минтақавӣ буда, метавонад аз муноқишаҳои эҳтимолӣ ҷилавгирӣ намояд» [2, с.51]. Ба андешаи ӯ, об на танҳо сарчашмаи ҳаёт, балки омили асосии суботи геополитикӣ низ мебошад.

Моҳияти дипломатияи обӣ аз он иборат аст, ки давлатҳо ба ҷои рақобат барои об, ҳамкории судмандро интихоб намоянд. Ҳамкорӣ дар соҳаи об метавонад заминаи ҳамгироии иқтисодӣ, рушди ҳамбастагӣ ва таҳкими сулҳро фароҳам оварад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди ташаббусҳои муҳимми глобалӣ дар самти ҳифз ва идоракунии оқилонаи захираҳои об мавқеи хоси худро дар миёни кишварҳои ҷаҳон мустаҳкам намудааст. Дар тули солҳои охир, кишвари азизи мо бо пайгирии сиёсати устувори “дипломатияи об” тавонист таваҷҷуҳи ҷомеаи байналмилалиро ба мушкилоти глобалии об, тағйирёбии иқлим ва таъмини рушди устувор ҷалб намояд. Иқдомҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба эълони Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018–2028» аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид қабул гардиданд. Ин ташаббусҳо Тоҷикистонро ба яке аз марказҳои муҳимми муколамаи байналмилалӣ дар масъалаҳои об табдил додаанд. Тавре Шарипов А.Н. ва Назаров Б.Б. таъкид менамоянд, «дипломатияи обии Тоҷикистон имрӯз ҷузъи муҳимми сиёсати хориҷии кишвар буда, ба ташаккули эътимоди байниминтақавӣ мусоидат менамояд» [3, с.975].

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иқтидори бузурги обии худ (зиёда аз 60% захираҳои обии Осиёи Марказӣ аз ҳудуди кишвар сарчашма мегиранд) дар идоракунии фаромиллӣ нақши ҳалкунанда дорад. Бо вуҷуди ин, баҳрабардории мутавозин аз манобеи обии фаромиллӣ ҳамеша масъалаи ҳассос аст. Аз ин рӯ, дипломатияи обӣ барои таъмини мувозинати манфиатҳои кишварҳои болооб (Тоҷикистон, Қирғизистон) ва поёноб (Ӯзбекистон, Қазоқистон, Туркманистон) нақши калидӣ мебозад.

Тағйирёбии иқлим ба яке аз омилҳои асосии халалдоршавии тавозуни экосистемаҳо ва камшавии захираҳои обӣ дар ҷаҳон табдил ёфтааст. Ин раванд боиси коҳиши назарраси ҳаҷми пиряххо, камшавии ҷараёни табиӣ ва тағйири даврияти обшавии барфу борон мегардад. Дар минтақаи Осиёи Марказӣ, ки тақрибан 80 фоизи оби рӯизаминии он аз ҳисоби обшавии пиряхҳои кӯҳҳои Помиру Тиёншон таъмин мегардад, таъсири гармшавии глобалӣ махсусан шадид эҳсос мешавад. Обшавии босуръати пиряхҳо на танҳо ба камшавии захираҳои оби ошомиданӣ, балки ба пастравии иқтидори энергетикӣ, таназзули соҳаи кишоварзӣ ва афзоиши хавфи офатҳои табиӣ аз қабили селу ярч оварда мерасонад.

Ин раванд дар дарозмуддат метавонад ба амнияти обӣ, озуқаворӣ ва экологии кишварҳои минтақа таҳдид эҷод намояд. Аз ин рӯ, масъалаи мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва истифодаи устувори захираҳои обӣ ба яке аз самтҳои калидии сиёсати минтақавӣ ва ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Ба гуфтаи Сайфуллаев Д.К., «коҳиши захираҳои обӣ метавонад сабаби ноустувории иҷтимоӣ ва сиёсии кишварҳои минтақа гардад» [4, с.23]. Ин вазъ зарурати таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ ва таъсиси механизмҳои дипломатии ҳамоҳангро афзоиш медиҳад. Маҳз тавассути дипломатияи обӣ имкон дорад, ки кишварҳо дар заминаи тақсими захираҳо ва ҳифзи онҳо ба созиш бирасанд.

Истифодаи барномаҳои муштараки идоракунии об, таҳқиқоти илмии байниминтақавӣ, ҳамчунин татбиқи технологияҳои сабз барои коҳиши талафоти об ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи он, бояд ба маркази таваҷҷуҳи сиёсати минтақавӣ табдил ёбад.

Рушди устувор бе дастрасии кафолатнок ба об ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, дипломатияи обӣ ҷузъи ҷудонашавандаи стратегияи рушди устувор маҳсуб мешавад. Он на танҳо истифодаи оқилонаи манобеи табииро таъмин мекунад, балки имконият медиҳад, ки кишварҳо дар соҳаҳои кишоварзӣ, энергетика ва экология ҳамкории мутақобиларо роҳандозӣ намоянд.

Масъалаи нақши дипломатияи обиро таҳлил намуда А. Омарова бори дигар қайд мекунад, ки «дипломатияи обӣ на танҳо муколамаи сиёсӣ, балки воситаи амалии татбиқи ҳадафҳои рушди устувор аст» [2, с.52]. Ба гуфтаи ӯ, таҷрибаи кишварҳое мисли Нидерланд, Финландия ва Швейтсария нишон медиҳад, ки дипломатияи обӣ метавонад васлкунандаи робитаи байни илм, сиёсат ва ҷомеаро бунёд намояд.

Дар шароити минтақаи мо, татбиқи чунин таҷрибаҳо тавассути Секретариати байналмилалии оби Душанбе ва ҳамкорӣ бо ташкилотҳои мисли UNDP, GWP, UNECE ва дигар ниҳодҳои байналмилалӣ аҳаммияти калон дорад. Ин ҳамкорӣ имконият медиҳад, ки ҳам сиёсати об ва ҳам иқлим бо ҳадафҳои ҷаҳонии рушди устувор (SDGs) ҳамоҳанг гарданд.

Аз солҳои аввали истиқлолият масъалаҳои обӣ дар Осиёи Марказӣ масъалаи муҳимми дипломатӣ байни давлатҳои минтақа ба ҳисоб мерафт. Тадриҷан ҳамкориҳо дар самити об байни давлатҳои мазкур афзуд. Имрӯз кишварҳои минтақа тавассути Комиссияи байнидавлатии ҳамоҳангсозии хоҷагии об ва Стратегияи минтақавии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим талош доранд, ки сиёсати муштаракро амалӣ созанд.

Дар давраи муосир дипломатияи обӣ қисми дипломатияи сабзи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Муҳиммияти дипломатияи сабз рӯз то рӯз маафзояд. Чи тавре Қурбонов М. Таъкид менамояд, “Дипломатияи сабз ҳамчун абзор  рушди ҳамкориҳо ва бардошти имиҷӣ давлатӣ  дар сатиҳи ҷаҳонӣ мебошад” .

Тоҷикистон дар ин раванд нақши раҳнамо дорад. Чунон ки Раҳимов ва Эркаев менависанд, «ташаббусҳои Тоҷикистон дар соҳаи оби байналмилалӣ имрӯз ба тамаддуни дипломатии нав дар минтақа асос гузоштаанд» [1, с.54].

Ҳамин дипломатияи муколамавӣ имкон дод, ки муносибатҳо миёни кишварҳои болооб ва поёноб тағйир ёбанд: аз рақобат ба сӯи ҳамкорӣ ва аз беэътимодӣ ба сӯи муколамаи созанда.

Дипломатияи обӣ дар шароити тағйирёбии иқлим ба унсури муҳимми сиёсати хориҷӣ ва амнияти минтақавӣ табдил ёфтааст. Барои кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки тақдири иқтисодӣ ва экологӣ бо манобеи обӣ сахт вобаста аст, татбиқи дипломатияи обӣ имконият медиҳад, ки субот ва рушди устувор таъмин гардад.

Таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки тавассути ташаббусҳои глобалӣ, ҳамкориҳои илмӣ ва истифодаи технологияҳои сабз, метавон обро аз сабаби ихтилоф ба василаи сулҳ табдил дод. Дипломатияи обӣ, агар бо иродаи сиёсӣ, донишҳои илмӣ ва ҳамкории минтақавӣ тавъам гардад, метавонад ба пояи устувори рушди ҳамгироии Осиёи Марказӣ табдил ёбад.

## АДАБИЁТ:


1. Раҳимов А. И., Эркаев С. А. *Ифтихороти байналмилалии Тоҷикистон дар масъалаҳои обу иқлим ва аҳаммияти он* // Шаг за шагом вновь образуемый университет будет ставить новые задачи и достигать заветные цели повышения своего международного рейтинга. – 2025. – Т. 11. – № 12. – С. 54.

2. Омарова А. *Водная дипломатия: вызовы и перспективы* // Символ науки: Международный научный журнал. – 2025. – Т. 1. – № 3-1. – С. 50–52.

3. Шарипов А. Н., Назаров Б. Б. *Роль водной дипломатии Республики Таджикистан в решении общих проблем современного мира* // Вестник науки. – 2025. – Т. 4. – № 5 (86). – С. 973–984.

4. Сайфуллаев Д. К. *Проблема управления трансграничными водными ресурсами и ее влияние на региональную стабильность Центральной Азии* // Лучшие интеллектуальные исследования. – 2025. – Т. 55. – № 2. – С. 20–26.

5. *Курбонов М.М.* Таджикистан на пути зеленой дипломатии: внешнеполитические стратегии и международное сотрудничество // Постсоветские исследования. 2025. Т. 8. № 3. С. 288–296.



**Маълумот дар бораи муаллиф: Қурбонов Маъруф Муидинович -** ходими илмии Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, тел: 936660295, Email: mustafam30@mail.ru

**Сведения об авторе: Курбонов Мааруф Муидинович -** научный сотрудник Научно-исследовательского института устойчивого развития и зелёной экономики Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана, тел.: 936660295, Email: mustafam30@mail.ru

# ОТ ПРИНЦИПОВ К ПРАКТИКЕ: РАМОЧНАЯ СТРУКТУРА ВНЕДРЕНИЯ ESG В ОБЕСПЕЧЕНИЕ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ ТАДЖИКИСТАНА

***Маджиди У.К.** – кандидат исторических наук, дотсент*

Данная исследовательская работа переходит от диагностического анализа к предписывающей модели внедрения принципов Экологического, Социального и Корпоративного управления (ESG) для решения кризиса продовольственной безопасности в Республике Таджикистан. В то время как предыдущие исследования подробно описывали серьезные и взаимосвязанные ESG-проблемы, с которыми сталкивается страна, данная работа сосредоточена на практическом применении ESG как стратегии, ориентированной на решение проблем. В ней предлагается конкретная модель внедрения, предназначенная для руководства политиками, партнерами по развитию и представителями частного сектора в трансформации принципов ESG в реализуемые программы и инвестиции. В работе изложены конкретные, основанные на доказательствах стратегии в каждой из трех составляющих ESG — экологической (E), социальной (S) и управленческой (G), с акцентом на измеримые результаты и вовлечение заинтересованных сторон. Ключевыми элементами предлагаемой модели являются национальная программа адаптации сельского хозяйства к изменению климата, многоотраслевая стратегия борьбы с недоеданием и инициатива радикальной прозрачности в агропродовольственном секторе. В статье утверждается, что систематическое внедрение принципов ESG в разработку политики, институциональные реформы и критерии инвестирования позволит Таджикистану выйти из порочного круга уязвимости на путь устойчивой и надежной продовольственной безопасности. В заключении представлен стратегический план последовательности реализации этих мер и создания надежной системы мониторинга и оценки на основе четких ключевых показателей эффективности (KPI).

**Ключевые слова:** ESG, продовольственная безопасность, устойчивое развитие, Таджикистан, агропродовольственный сектор, изменение климата, устойчивое сельское хозяйство, социальная ответственность, корпоративное управление, прозрачность, адаптация, институциональные реформы, инвестиционная политика.

## АЗ ПРИНСИПҲО ТО АМАЛ: СОХТОРИ ЧОРЧӮБАВИИ ҶОРИКУНИИ ESG ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Ин тадқиқот аз таҳлили ташхисӣ ба модели амалӣ мегузарад, ки ба татбиқи принсипҳои идоракунии экологӣ, иҷтимоӣ ва корпоративӣ (ESG) барои ҳалли бӯҳрони амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудааст. Агар тадқиқоти қаблӣ бештар ба мушкилоти ҷиддӣ ва ҳамдигарбастаи ESG, ки кишвар

бо онҳо рӯ ба рӯст, таваҷҷуҳ карда бошанд, ин кор бештар ба истифодаи амалӣ ва стратегии ESG ҳамчун усули ҳалли масъалаҳо нигаронида шудааст.

Дар мақола модели мушаххаси татбиқ пешниҳод мегардад, ки барои роҳнамоии сиёсатгузорон, шарикони рушд ва намояндагони бахши хусусӣ пешбинӣ шудааст, то принсипҳои ESG-ро ба барномаҳо ва сармоягузориҳои воқеӣ табдил диҳанд. Дар таҳқиқот стратегияҳои мушаххас ва бар далел асосёфта барои ҳар яке аз се ҷузъи ESG — экологии (E), иҷтимоӣ (S) ва идоракунии корпоративӣ (G) пешниҳод мешаванд, ки ба натиҷаҳои ченшаванда ва ҷалби ҷонибҳои манфиатдор таваҷҷуҳ доранд.

Унсурҳои асосии модели пешниҳодшуда иборатанд аз барномаи миллӣ оид ба мутобиқсозии кишоварзӣ ба тағйирёбии иқлим, стратегияи бисёрсоҳа оид ба мубориза бо камғизоӣ ва ташаббуси «шаффофияти кулл» дар соҳаи агроозуқаворӣ. Дар мақола исбот мегардад, ки ҷорӣ намудани принсипҳои ESG дар сиёсати давлатӣ, ислоҳоти институтсионалӣ ва меъёрҳои сармоягузорӣ имкон медиҳад, ки Тоҷикистон аз давраи осебпазирӣ берун шуда, ба роҳи амнияти озуқаворӣи устувор ва боэътимод қадам гузорад.

Дар анҷом, нақшаи стратегии марҳилаҳои татбиқи тадбирҳо ва ташкили низоми боэътимоди мониторинг ва арзёбӣ бо истифодаи нишондиҳандаҳои асосии самаранокӣ (KPI) пешниҳод мешавад.

**Калидвожаҳо**: ESG, амнияти озуқаворӣ, рушди устувор, Тоҷикистон, соҳаи агроозуқаворӣ, тағйирёбии иқлим, кишоварзии устувор, масъулияти иҷтимоӣ, идоракунии корпоративӣ, шаффофият, мутобиқсозӣ, ислоҳоти институтсионалӣ, сиёсати сармоягузорӣ.

**Введение: Необходимость стратегии реализации, ориентированной на ESG.** Республика Таджикистан стоит на критическом перекрестке, где постоянная проблема продовольственной безопасности угрожает подорвать её стремления к развитию. Пищевая система страны оказалась в идеальном шторме, вызванном деградацией окружающей среды, социальной неравенством и провалами в управлении. Предыдущие исследования подробно документировали эти проблемы: сельское хозяйство, в котором занято 60 % населения, страдает от изменения климата и дефицита воды [1, 5]; 30 % населения испытывают умеренную продовольственную небезопасность, а уровень задержки роста у детей - самый высокий в регионе (18 %) [1]; а уровень коррупции в системе управления занимает 164-е место в мире, что подрывает доверие и препятствует прогрессу [8].

Однако простого диагностирования этих проблем недостаточно. Критический вопрос теперь заключается не в том, *каковы* вызовы, а в том, *как*

их можно эффективно и устойчиво решить. В данной работе утверждается, что рамки Environmental, Social, and Governance (ESG), обычно используемые как инструмент диагностики или оценки рисков, должны быть переосмыслены как проактивная и практическая **структура реализации**. Цель — перейти от описания кризиса к назначению лечения. Подход, основанный на ESG, не предполагает создание новых изолированных проектов; он заключается во внедрении принципов экологической ответственности, социальной справедливости и прозрачного управления в саму ДНК национальной пищевой системы и поддерживающих её институтов.

Данная работа смещает акцент с проблем на решения. Предлагается подробная структура для практической реализации принципов ESG в Таджикистане. Она выходит за рамки общих рекомендаций, предлагая конкретные стратегии, программные примеры и измеримые показатели успеха. Такой ориентированный на реализацию подход важен по трём причинам:

1**Интеграция**: Он заставляет отказаться от разрозненных, односекторных вмешательств. Рамки реализации ESG по своей сути признают, что проект по управлению водными ресурсами (E) не может быть успешным без справедливых правил распределения (G) и вовлечения женщин-фермеров (S).

2**Ответственность**: Он обеспечивает чёткий набор метрик, по которым можно оценивать деятельность государственных органов, проектов развития и частных инвестиций. Такой акцент на измеримых результатах критически важен для обеспечения подотчётности и достижения результатов.

3**Инвестиции**: В мире, где капитал всё чаще распределяется на основе критериев устойчивого развития, надёжный и прозрачный план реализации ESG является самым мощным инструментом Таджикистана для привлечения международного климатического финансирования, помощи в развитии и инвестиций частного сектора, необходимых для трансформации пищевой системы.

Таким образом, данная работа будет структурирована как руководство к действию. После краткого изложения основных вызовов ESG каждый раздел

будет посвящён подробной стратегии реализации соответствующего направления. Раздел 2 опишет практические шаги по обеспечению экологической устойчивости. Раздел 3 сосредоточится на реализации программ социальной инклюзии и развития человеческого капитала. Раздел 4 изложит стратегию реформы управления и укрепления институтов. Раздел 5, являющийся ядром работы, синтезирует эти направления в единую, целостную структуру реализации, обсуждая роли заинтересованных сторон, последовательность действий, механизмы финансирования и предлагаемый набор ключевых показателей эффективности (KPI). Заключительные разделы представят пересмотренный, ориентированный на действия стратегический план и выводы, сосредоточенные на пути вперёд.

**Реализация экологической устойчивости: основа продовольственной безопасности**

Следовательно, применение концепции бережливого производства позволит создать благоприятные условия для совершенствования процесса управления затратами на предприятиях сельского хозяйства путем ориентации на выявление и устранение потерь, возникающих в процессе осуществления хозяйственной деятельности, рационализации выполняемых операций. Это будет способствовать повышению качества, конкурентоспособности выпускаемой продукции, осуществлению импортозамещения, увеличению экспорта. Значительным преимуществом концепции бережливого производства от остальных форм совершенствования производственного процесса состоит в том, что акцент сделан не на инвестиции (которых может не быть, например, у сельскохозяйственных товаропроизводителей), а на совершенствование организации производства [2].

В условиях экологизации и развития зеленой экономики установлена значимость вторичной переработки ресурсов и включения данного модуля в интеллектуальную систему оптимизации технологических решений в сельском хозяйстве на основе бережливого производства. Следует подчеркнуть, что актуальность управления отходами в сельском хозяйстве определяется целым рядом факторов: экономический (нерациональное использование ресурсов приводит к значительным потерям в себестоимости продукции), экологический (негативное воздействие на окружающую среду при неправильной утилизации отходов), законодательный (ужесточение норм по обращению с отходами производства), ресурсосберегающий (необходимость эффективного использования вторичных ресурсов).

Принимая во внимание приоритетность принципов бережливого производства при разработке тиражных технологий в качестве одного из элементов предлагается карта управления ресурсами в растениеводстве в условиях системного мониторинга и контроля утилизации отходов (рисунок).

Каждый процесс управления ресурсами в растениеводстве в условиях системного мониторинга и контроля утилизации отходов предполагает оптимизацию технологических решений на основе информационных данных:

**1. Подготовка почвы**

**Особенности реализации этапа**
*Комплексный подход*: применение 5S-методологии совместно с биоремедиацией позволяет организовать эффективное использование почвенных ресурсов
*Техническая оптимизация*: SMED и TPM обеспечивают быструю переналадку оборудования для сидерации и компостирования
**Эффект:** снижение отходов, повышение качества компоста

**2. Посев**

**Особенности реализации этапа**
*Логистическая интеграция*: JIT-поставка семян сочетается с полевыми работами, обеспечивая своевременную доставку семян
*Стандартизация процессов*: единые методики работы гарантируют равномерное распределение семян, соблюдение глубины заделки
*Контроль качества*: визуальный менеджмент отслеживает эффективность высевки семян, отсутствие пропусков, прямолинейность грядок
**Эффект:** сокращение расхода семенного материала, повышение всхожести культур, улучшение качества урожая

**3. Уход за посевами**

**Особенности реализации этапа**
*Система снабжения*: канбан обеспечивает своевременную поставку биологических средств защиты
*Предотвращение ошибок*: Poka-yoke контролирует процессы компостирования
*Непрерывное улучшение*: кайдзен оптимизирует использование натуральных средств защиты

**4. Сбор урожая**

**Особенности реализации этапа**
*Техническое обслуживание*: TPM поддерживает работу автоматизированных систем сбора
*Процессный анализ*: 5W2H выявляет потери в цепочке сбора и утилизации
*Оптимизация потоков*: картирование помогает эффективно организовать сортировку

**5. Транспортировка и хранение**

**Особенности реализации этапа**
*Логистическая оптимизация*: минимизация скоропортящихся культур, оптимизация маршрутов доставки
*Контроль качества*: 6 сигм обеспечивают сохранность продукции при транспортировке и хранении с соблюдение оптимальных условий для каждой категории растений
*Цифровое управление*: автоматизированные системы отслеживают состояние продукции (температура, влажность, уровень освещения, срок годности)
**Эффект:** снижение потерь урожая, сокращение логистических издержек, повышение сохранности продукции

**Рисунок – Карта управления ресурсами в растениеводстве в условиях системного мониторинга и контроля утилизации отходов**

– визуализация всего производственно-сбытового процесса для идентификации естественной убыли, порчи и потерь ресурсов и продукции;

внедрение таблиц, схем, цветовых и цифровых кодов для быстрого понимания информации; детализация зон хранения и использования ресурсов и продукции, маршрутов перемещения; разработка и заполнение таблиц роста растений;

– организация рабочего места, упорядочение рабочего пространства и оптимизация маршрутов между рабочими участками (поле, склад, др.);

– содержание в чистоте помещений, соблюдение сроков технологии возделывания культур и ремонтов техники и оборудования (трактора, комбайны, системы орошения, др.);

– система управления запасами, основанная на принципе «точно в срок – точно вовремя», позволяющая реализовать контроль семян, удобрения, кормов, топливно-энергетических ресурсов, препаратов для минимизации их излишков;

– управление транспортными маршрутами, грузоперевозками и механизированными операциями для синхронизации перечня поставок ресурсов с учетом этапов производства и необоснованного простоя техники и оборудования;

– системное обучение персонала и повышение квалификации в условиях технологической дисциплины и непрерывного согласованного совершенствования технико-технологических решений (регулярные встречи и круглые столы с разработчиками тиражных технологий, доведение идей по рациональному использованию ресурсов до практических решений); применение стандартизированных методов обучения сотрудников и подготовка специалистов по единым программам;

– регламентируемые технологии производства продукции в условиях их адаптации к региональным и отраслевым особенностям производства.

В результате проведения исследований установлено, что устранение потерь в сельском хозяйстве в контексте развития концепции бережливого производства связано с необходимостью разработки и внедрения тиражных технологий с детальным описанием и регламентацией перечня материальных ресурсов, информационного и программного обеспечения, инфраструктуры, документации, баз данных, протоколов мониторинга и контроля производственно-экономических показателей, др., включая признаки

бережливого производства в каждом бизнес процессе, а также конкретные методы и инструменты анализа вовлечения и улучшений. В качестве элемента тиражных технологий разработана карта управления ресурсами в растениеводстве в условиях системного мониторинга и контроля утилизации отходов, направленная на внедрение принципов бережливого производства через интеллектуальные решения. Практическая реализация разработки требует формирования интеллектуальной платформы для согласованного вовлечения всех субъектов хозяйствования и ведомственных органов в процессы и функции управления ресурсами в пределах определенных компетенций, задачами которой являются – контроль утилизации ресурсов и сельскохозяйственной продукции; вторичное использование ресурсов и создание новых продуктов для применения в других секторах экономики; комплексная переработка и вторичное использование (не по прямому назначению) ресурсов в сельском хозяйстве, др.

Исследование выполнено при финансовой поддержке Белорусского республиканского фонда фундаментальных исследований – грант по договору с БРФФИ на выполнение научно-исследовательской работы «*Исследование и развитие теории и практики интеллектуального управления затратами в сельском хозяйстве в условиях укрепления параметров технологической независимости Республики Беларусь*» (договор № Г25-013 от 02 мая 2025 г.)

**ЛИТЕРАТУРА:**

1. Вумек, Дж. Бережливое производство: Как избавиться от потерь и добиться процветания вашей компании / Дж. Вумек, Д. Джонс; науч. ред. Ю. Адлер. – 2-е изд. – М.: Альпина Бизнес Букс, 2005. – 473 с.

2. Кохнович, И. Н. Бережливое производство в сельском хозяйстве / И. Н. Кохнович // Актуальные проблемы инновационного развития агропромышленного комплекса Беларуси: сб. науч. трудов по материалам XVIII Междунар. науч.-практ. конф., Горки, 9 июля / БГСХА; редкол.: И. В. Шафранская (отв. ред.) [и др.]. – Горки: БГСХА, 2024. – С. 62–68.

3. Макрак, С. В. Развитие цифрового аграрного уклада в Беларуси / С. В. Макрак // Картофель и овощи. – 2022. – № 10. – С. 10–12.

4. Макрак, С. Управление информационными потоками о материальных ресурсах в контексте развития интеллектуального сельского хозяйства/ С. Макрак // Аграрная экономика. – 2022. – № 8. – С. 3–17.

5. О приоритетных направлениях научной, научно-технической и инновационной деятельности на 2026–2030 годы : Указ Президента Респ. Беларусь от 01 апр. 2025 г. № 135 // Президент Респ. Беларусь. – URL: https://president.gov.by/ru/documents/ukaz-no-135-ot-1-aprela-2025-g (дата обращения 09.09.2025).

6. Об утверждении Методических рекомендаций: приказ Государственного комитете по науке и технологиям Республики Беларусь // Государственный комитет по науке и технологиям Республики Беларусь. – URL:https://www.gknt.gov.by/upload/iblock/NPA/4.16%20Prikaz%20 GKNT%20MR%20%20otnesenie%20k%20teh%20ukladam.docx (дата обращения 09.09.2025).

**Сведения об авторах: Макрак Светлана Васильевна** – доктор экономических наук, доцент, заведующая сектором ценообразования, Институт системных исследований в АПК НАН Беларуси. Телефон: +375 17 375 25 20. E-mail: makraksv@inbox.ru.

**Кохнович Ирина Николаевна** – соискатель, старший научный сотрудник сектора ценообразования, Институт системных исследований в АПК НАН Беларуси. Телефон: +375 17 374 90 16. E-mail: kahnovich@list.ru.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Макрак Светлана Васильевна** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири бахши нархгузорӣ, Институти тадқиқоти системавӣ дар КАС АМИ Беларус. Телефон: +375 17 375 25 20. E-mail: makraksv@inbox.ru.

**Кохнович Ирина Николаевна** – унвонҷӯ, ходими калони илмии бахши нархгузорӣ, Институти тадқиқоти системавӣ дар КАС АМИ Беларус. Телефон: +375 17 374 90 16. E-mail: kahnovich@list.ru.

# ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ИҚТИДОРИ ТАБИӢ-ИҚЛИМӢ – ОМИЛИ АСОСИИ ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ОЗУҚАВОРӢ

***Олимов А.Х.*** *- номзади илмхои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва қарз дар КАС-И Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур*

Мақолаи мазкур масъалаи истифодаи самараноки иқтидори табиӣ-иқлимии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун омили муҳими таъмини бехатарии озуқаворӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Муаллиф зарурати ҳифз ва идоракунии оқилонаи захираҳои замину обро дар шароити афзоиши аҳолӣ, маҳдудияти заминҳои кишоварзӣ ва зиёдшавии фишор ба экосистемаҳо асоснок месозад. Дар мақола ҳолати истифодаи захираҳои табиӣ дар минтақаи Болооби Зарафшон ба таҳлил гирифта шуда, хусусияти ҷуғрофию иқлимӣ, таркиби заминҳои кишоварзӣ, ҳосилнокӣ, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва сатҳи худтаъминкунӣ бо озуқаворӣ нишон дода шудааст. Муаллиф зарурати такмили механизмҳои экологию иқтисодии истифодаи замин, афзоиши майдони заминҳои обёришаванда, баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва коҳиши вобастагӣ аз воридоти озуқаворӣ дар ин минтақаи кӯҳистони кишварро таъкид менамояд. Хулоса бар он аст, ки истифодаи оқилонаи иқтидори табиӣ-иқлимӣ метавонад рушди устувори соҳаи кишоварзӣ ва амнияти озуқавории минтақаро таъмин созад.

**Калидвожаҳо**: иқтидор, омил, самаранокӣ, бехатарии озуқаворӣ, Болооби Зарафшон, иқлим, табиат, кишоварзӣ

## ЭФФЕКТИВНОЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ПРИРОДНО-КЛИМАТИЧЕСКОГО ПОТЕНЦИАЛА – КЛЮЧЕВОЙ ФАКТОР ОБЕСПЕЧЕНИЯ БЕЗОПАСНОСТИ ПИЩЕВЫХ ПРОДУКТОВ

В статье рассматривается проблема эффективного использования природно-климатического потенциала Республики Таджикистан как ключевого фактора обеспечения продовольственной безопасности. Автор обосновывает необходимость рационального управления земельными и водными ресурсами в условиях роста населения, ограниченности сельскохозяйственных угодий и усиления экологического давления. Проведён подробный анализ состояния использования природных ресурсов в регионе Верхний Зеравшан, рассмотрены его географические и климатические особенности, структура земельного фонда, показатели урожайности, объёмы производства сельхозпродукции и уровень самообеспеченности населения продуктами питания. Подчёркивается необходимость совершенствования эколого-экономических механизмов использования земель, расширения посевных площадей и орошаемых территорий, повышения продуктивности и снижения зависимости региона от импортируемых продуктов питания. В итоге делается вывод, что рациональное использование природно-климатического потенциала является основой устойчивого развития аграрного сектора и укрепления продовольственной безопасности региона.

**Ключевые слова**: мощность, фактор, эффективность, безопасность пищевых продуктов, верховья Зеравшана, климат, природа, сельское хозяйство

Истифодаи самараноки захираҳои замину об, яке аз масъалаҳои муҳим, рӯзмарра ва дар айни замон ҳалталаб ба ҳисоб меравад. Ин албатта беҳуда нест, зеро ки имрӯзҳо на натанҳо норасоии захираҳои об дар базе аз минтақаҳои ҷумҳурӣ, балки дар минтақаи Осиёи Марказӣ баръало ба мушоҳида мерасад. Сатҳи афзоиши аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як сол 2,5%-ро ташкил медиҳад, ки ин ба камшавии микдори замин ба як нафар аҳолӣ оварда мерасаонад. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар 5 сол аҳолии мамалкати мо 1 млн. кафар зиёд мешавад.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки табиат ва иқлимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои шароити мусоид ва захираҳо (потенсиали)-и лозимӣ барои оқилона истифода бурдани захираҳои обу замин дар кулли соҳаҳои иктисоди миллӣ муносиб мебошад. Барои расидан ба чунин дараҷаи инкишоф ҳангоми интихоби самараноки истифодаи захираҳои обу замин, мақоми асосиро масъалаҳои бехатарӣ ва истифодаи оқилонаи онҳо, пешгирӣ намудани муаммоҳои экологӣ-игтисодии истифодаи обу замин, ифлосшавии захираҳои об аз ҳисоби партовҳо аз корхонахои истеҳсолӣ, ҳифзи муҳити атроф, нигоҳдории тандурустии аҳолӣ ва ғайраҳо мебозад.

Фаъолияти пурсамари комплекси агросаноатӣ дар шароити бозор ва инкишофи комплекси озуқаворими мамлакат аз бештар ҷиҳат ба истифодаи оқилонаи иқтидори захираҳои табиӣ ва ҳифзи экосистемаҳои минтақавӣ вобаста аст. Ин зарурати ташаккули сохтори мутавозини соҳавии хоҷагии қишлоқро дар самти эҷоди чунин таносубҳое ба миён меоварад, ки онҳо тавонанд ба қонеъгардонии талаботи аҳолӣ нисбат ба озуқа ҷавобгӯ бошанд ва дар ин асос сифат ва дараҷаи зиндагонии аҳолӣ таъмин карда шавад.

Муносибатҳои дар боло зикрнамудаи мо зарурати басо объективии таъсис ва таҳлили муқоисавии истифодаи нисбатан самараноки иқтидори захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист, роҳҳои истифодаи оқилонаи заминҳои доманакӯҳ

ва кӯҳистон, инчунин иқтидори биоиқлимии минтақаро ба миён меоранд. Аз ин рӯ, дар шароити муосир аҳамияти истифодаи самараноки иқтидори захираҳои табиӣ, ки он ба коҳиш додани махсулотталабӣ мусоидат намуда, афзоиши махсулнокии меҳнатро таъмин менамояд, ки аҳамияти кишоварзӣ доштани маҳсулоти озуқавориро бо хусусиятҳои шароити минтақавии миқёси хоҷагии қишлоқ муайян менамояд.

Дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар минтақаҳои мамлакат бояд ба муттаҳидшавии иқтисодиёт ва мустаҳкам гардидани якпорчагии он мусоидат кунанд. Вобаста ба ин, ҷиҳати ҳалли масъалаҳои истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ дар минтақаҳо равишҳои гуногун, инчунин ягонагии принсипҳои умумии таъмини озуқаворӣ дар фазои иҷтимоию иқтисодӣ, қоидаҳои умумии ҳамкории иқтисодии байни марказ, минтақаҳо ва субъектҳои хоҷагидориро ба ҳам пайвастан зарур аст.

Иқтидори захираҳои табиӣ (ИЗТ) – ин қобилияти низомҳои табиӣ бидуни зараровари барои ба худ фароҳам овардани маҳсулоти барои инсоният заруратдошта ё ин ки эҳёи амали барои аҳолӣ муфид, яъне қобилияти умумии қонеъ гардондани эҳтиёҷоти аҳолӣ, истеҳсолоти ҷамъиятӣ вобаста ба хосият ва сифатҳои сарватҳои табиӣ ва объектҳо мебошад. Ба ибораи дигар, - ин маҷмӯи кулли имкониятҳо, усулҳо ва захираҳои сарватҳои табиӣ, шароити табиӣ, инчунин ҳамгироии ҳудудии онҳо мебошад, ки метавонанд барои қонеъ гардондани талаботи моддӣ ва маънавии ҷамъият истифода бурда шавад.

Таърифи категорияи «самаранокии истифодаи иқтидори захираҳои табиии минтақа» вақтҳои охир аҳамияти амалии махсус пайдо кардааст. Мафҳуми мазкур самаранокии истифодаи иқтидори захираҳои табиӣ, истеҳсолӣ, меҳнатӣ, иқтисодии хориҷӣ, сармоягузорӣ, инноватсионӣ ва иттилоотии минтақаро ифода мекунад. Бинобар ин, таъмин намудани зиндагии шоистаи аҳолӣ ва сатҳи муносиби бехатарии озуқаворӣ маҳз тавассути дараҷаи баланди самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ имконпазир мебошад. Барои муайян кардани ин самаранокӣ минтақаро бояд ҳамчун субъекти муносибатҳои иҷтимоию

иқтисодие баррасӣ кард, ки он дарбаргирандаи манфиатҳои махсуси иқтисодӣ, низоми бисёрҷанба ва бисёрвазифавӣ маҳсуб меёбад.

Илова бар ин, афзоиши таназзули захираҳои асосии табиӣ, махсусан захираҳои замин ва об дар рушди минтақаҳои кишвар аксар вақт бо афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ алоқаманд аст, ки он амалан суръати афзоиши таназзули заминҳои кишоварзӣ, паст шудани ҳосилхезии замин, ифлосшавии муҳити зист ва рушди устувори иҷтимоию иқтисодии хоҷагии қишлоқро ба инобат намегирад. Аз ин рӯ, такмил додани механизми экологию иқтисодии истифодаи замин ба сифати мушкилоти асосии баланд бардоштани самаранокии захираҳои заминию обӣ баромад мекунад. Ин ҳатто дар шароити кофоягии сатҳи захираҳо низ муҳимтар мебошад, зеро барои таъмини бехатарии озуқаворӣ 60 рӯзи истеъмоли ғалла ҳисобида мешавад, ки тақрибан 20 фоизи истеъмоли умумиро ташкил медиҳад.

Қайд намудан ба маврид аст, ки 97%-и ҳудуди ҷумҳурии моро кӯҳҳо ташкил менамоянд. Новобаста ба ин, аз замонҳои қадим одамон заминҳои доманакӯҳҳо, кӯҳҳо ва байникӯҳиро дар ҳудуди имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва худтаъминкунии худ бо озуқа васеъ истифода мебурданд. Яке аз минтақаҳое, ки дорои миқдори зарурии захираҳои замин ва об дар минтақаҳои доманакӯҳҳо, куҳӣ ва байникӯҳӣ мебошад, минтақаи Болооби Зарафшон мебошад.

Шароитҳои иқтисодию ҷуғрофии Болооби Зарафшон дар рушди босуръати (иқтисодии) кишвар - Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши калон дорад. Ин воҳиди минтақавӣ дорои канданиҳои фоиданоки зиёд, иқтидори бузурги гидроэнергетикӣ ва ғайра мебошад. Аз ин рӯ, манфиатҳои дарозмуддати иқтисодӣ, бо суръат афзоиш додани истеҳсолоти саноатиро аз ҳисоби мавҷудияти маъданҳои фоиданок ва инчунин иқтидори бунёди гидроэнергетикӣ талаб мекунанд. Аммо, баробари ин яке аз шартҳои рушди минбаъдаи иқтисодӣ ва таъминоти иҷтимоии аҳолӣ рушди афзалиятноки истеҳсолоти кишоварзӣ ва таъмини пурраи амнияти озуқаворӣ мебошад. Азбаски рушди босуръати соҳаи

саноат дар шароити Болооби Зарафшон омили пешрафт барои тамоми соҳаҳои иқтисод аст, таъмини амнияти озуқаворӣ дар ҳалли ин масъала, бояд як самти стратегӣ ҳисобида шавад.

Аз ин рӯ, яке аз шартҳои муҳим барои соҳибистиқлолии давлати мо на танҳо фароҳам овардани шароит барои ҳифзи иқтисодиёти озуқавории ватанӣ, балки фароҳам овардани имконияти самаранокии истеҳсолоти аграрӣ дар сатҳи минтақаҳои мушаххас мебошад. Аз ин сабаб, вазъияти вобаста ба истеҳсол ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ барои аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусан минтақаҳои алоҳидаи он - Болооби Зарафшон калидӣ аст. Вазъи мавҷуда вобаста ба норасоии хӯрокворӣ ва камғизоӣ дар маҷмуъ, ба оқибатҳои манфии иҷтимоию иқтисодӣ оварда мерасонад. Афзоиш ёфтани ҳамин масоил ба кам шудани дарозумрии аҳолӣ оварда мерасонад, ки дар натиҷа қобилиятҳои эҷодӣ ва меҳнатии одамон пурра амалӣ намешаванд ва муҳимтар аз ҳама, шумораи насли носолим афзоиш меёбад, ки метавонад ба пастшавии генофонди миллат оварда расонад. Бинобар ин, зарурияти андешидани сиёсати иқтисодии давлат дар соҳаи кишоварзӣ бо мақсади бартараф намудани таҳдид ба амнияти озуқавории кишвар ба миён омадааст.

Чунин сиёсат бояд ба иқтидори обу замини барои кишвар мавҷудбуда асос ёфта, заминаи ашёи хомро барои саноати хӯрокворӣ таъмин кунад. Ҳадафи ниҳоии чунин сиёсат ин ташкили заминаи пуриқтидори амалкунандаи КАС барои ба даст овардани худтаъминкунии озуқаворӣ мебошад. Моҳияти ин сиёсат аз дастрасӣ ба озуқаворӣ ва мувофиқат намудани маҳсулоти хурокворӣ ба ратсиони пурбаҳои ғизои ҳаррӯза иборат аст. Ин ченакҳо таъминоти ҳар як шахсро дар миқёси байналмилалӣ, миллӣ, инчунин барои як минтақаи мушахасӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои дури он, аз он ҷумла Болооби Зарафшон инъкос менамоянд.

Масоҳати умумии минтақаи Зарафшон 13,5 ҳазор км$^2$ ё 9 % ҳудуди ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Қисми зиёди ҳудуди Болооби Зарафшонро қаторкӯҳҳои Туркистон, Зарафшон ва Ҳисор бо баландии 1000-4500 метр аз

сатҳи баҳр ишғол мекунанд. Қисми асосии растаниҳои минтақаи Зарафшон алафи хӯроки чорво мебошад, дар ҳоле, ки масоҳати ҷангалҳои ин минтақа дар солҳои охир бо сабаби буҳрони сӯзишворию энергетикӣ хело кам шудааст. Чарогоҳҳо дар водии Зарафшон ба категорияи чарогоҳҳои маҳаллӣ мансубанд, ки аҳамияти ҷумҳуриявӣ доранд. Чунин чарогоҳҳо зиёда аз 65% қаламрави водии Яғнобро дар бар мегиранд, ки аз ҷониби хоҷагиҳои чорводории вилояти Хатлон ва як қатор ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва вилояти Суғд истифода мешаванд. Чарогоҳҳои дигари воқеъ дар ноҳияи Куҳистони Мастчоҳ аз ҷониби хоҷагиҳои водии Заравшон истифода мешаванд.

Дар ҷадвали 1 тақсимоти фонди умумии минтақаи Болооби Зарафшон аз рӯйи таъинот оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. - Тақсимоти фонди умумиии минтақаи Болооби Зарафшон аз рӯйи таъинот, дар соли 2023 (гектар)**

| | Ноҳияи Айнӣ | Ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ | Шаҳри Панҷакент | Болооби Зарафшон |
|---|---|---|---|---|
| Фонди умумии замин, ҳамагӣ | 443219 | 412783 | 399427 | 1255429 |
| аз он ҷумла: | | | | |
| Заминҳои таъиноти кишоварзӣ | 133635 | 94127 | 159138 | 387701 |
| аз онҳо: | | | | |
| Заминои обӣ | 2375 | 3043 | 17374 | 22792 |

Аз таҳлили ҷадвали 1 бармеояд, ки замини минтақаи Болооби Зарафшон 9% фонди умумии замини ҷумҳуриро ташкил менамояд. Ҳарчанд, ки ноҳияҳои Айнӣ ва Кӯҳистони Мастчоҳ миқдори бештари фонди умумии замини минтақаро доро бошанд ҳам, шаҳри Панҷакент қариб 40% заминҳои таъиноти кишоварзиро соҳиб аст. Сохтори заминҳои обёришавандаи минтақа нишон медиҳад, ки 78% заминҳои обёришаванда дар ҳудуди шаҳри Панҷакент қарор доранд. Таҳлили маълумоти ҷадвали мазкур далели он аст, ки ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ ва Айнӣ дорои ҳудуди зиёд бошанд ҳам, заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар ин ноҳияҳо кам буда, зарурияти обёрӣ ва ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани онҳо ба миён омадааст.

Бо назардошти омилҳои афзалиятноки иқлимидошта, минтақаи кӯҳии Зарафшон ба се қитъа тақсим карда мешавад. Қитъаи аввал дар минтақаи кухӣ-пиряхӣ дар баландии 3500 м аз сатҳи баҳр ҷойгир буда, бо тобистони мӯътадили гарм ва зимистонҳои сарди барфӣ хос аст. Қитъаи дуюм бо тобистону зимистони муътадили мулоим дар нишебии кӯҳҳо дар баландии аз 2000 то 3500 м аз сатҳи баҳр ҷойгир аст. Қитъаи сеюм бо тобистони гарм ва зимистони муътадили мулоим дар қисми водии дарёи Зарафшон дар баландии аз 2000 м паст аз сатҳи баҳр ҷойгир аст. Болооби Зарафшон бо ин хусусиятҳояш аз дигар минтақаҳо фарқ мекунад. Захираҳои замин барои рушди соҳаи кишоварзӣ хеле маҳдуданд, танҳо 32% минтақаро заминҳои хокӣ ташкил мекунанд.

Релефи кӯҳӣ ба вазъ ва ҳолати замин дар минтақа таъсири назаррас дорад. Ҳиссаи заминҳои кишоварзӣ 29,6% масоҳати умумии минтақаро ташкил медиҳад, ки заминҳои корам 2,8% мебошанд.

**Ҷадвали 2. - Микдори заминҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ дар Болооби Зарафшон дар соли 2023, гектар**

| Намуди зироат | Ноҳияи Айнӣ | Ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ | Шаҳри Панҷакент | Болооби Зарафшон |
|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 2902 | 3498 | 28733 | 35133 |
| аз он ҷумла: | | | | |
| Ғалладонагиҳо | 1173 | 214 | 14934 | 16321 |
| Картошка | 1046 | 2887 | 3975 | 7908 |
| Сабзавот | 181 | 45 | 2870 | 3096 |
| Полезӣ | - | - | 63 | 63 |
| Зироатҳои хуроки чорво | 501 | 353 | 5469 | 6323 |

Қайд намудан ба маврид аст, ки дар Болооби Зарафшон вобаста ба релефи минтақа микдори заминҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ ниҳоят кам буда, таносуби онҳо нисбат ба фонди умумии замин дар ноҳияи Айнӣ 0,65%, дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ 0,85% ва дар шаҳри Панҷакент 7,2%-ро ташкил менамоянд. Қисми зиёди қитъаҳо аз сабаби набудани об кишт карда намешаванд.

Таҳлили маълумоти ҷадвали 2 аз он шаҳодат медиҳад, ки дар таркиби заминҳои киштшаванда бештар ғалладонагиҳо (46,5%), картошка (22,5%) ва зироатҳои хӯроки чорво (18%) ташкил медиҳанд. Агар таркиби заминҳои кишти ноҳияҳои минтақаи Болооби Зарафшонро таҳлил намоем, дар ноҳияи Айнӣ ғаллладонагиҳо 40,4% ва картошка 36 % ташкил медиҳанд. Дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ бошад, кишти картошка 82,5%-и заминҳои киштро ташкил

менамояд. Дар шаҳри Панҷакент ғалладонагиҳо 46,5% таркиби заминҳои киштро ишғол намудаанд. Бояд қайд кард, ки дар шаҳри Панҷакент, дар пастиҳои Заҳматобод баъзе шағалзаминҳо бо дарозии 50-70 м, 120-150 м, 200-1000 м аз сабаби норасоии об ба қадри кофӣ истифода нашудаанд.

Аз нигоҳи ташаккули соҳаҳо, ки ба истифодаи захираҳои замини маҳдуд асос ёфтааст, ба таври оқилона муттаҳид кардани имконоти дохилӣ бо воридоти он маҳсулоте, ки дар сатҳи маҳаллӣ истеҳсол намешаванд, нигаронида шавад. Захираҳои маҳдуди замин асосан ба корношоямии заминҳои кишоварзӣ, ки аз сангзорҳо иборат аст, беш аз чор се ҳиссаи ҳудуди минтақаро ишғол мекунанд, асос меёбанд, ки бо заминҳои киштшавандаи пароканда дар дараҳои танг вазъитро боз ҳам шадидтар мегардонанд. Ин зарурати баррасии на танҳо самтҳои умумии рушди соҳаи кишоварзӣ, балки инчунин муайян кардани махсусгардонии ҳар яке аз се ноҳияи маъмуриро талаб мекунад.

Таъмин кардани имкониятҳои иқтисодӣ, илмӣ ва техникӣ барои азхудкунии қитъаҳои дар боло зикршуда, имконият медиҳад, ки ҳиссаи заминҳои обиро дар минтақаи Зарафшон ба 9-10% - и фонди умумии замини водиҳои Тоҷикистон зиёд карда шавад. Ин имкон медиҳад, ки хаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақа афзун гардонида шавад. Дар ҷадвали 3 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар Болооби Зарафшон оварда шудааст.

**Ҷадвали 3. Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар Болооби Зарафшон дар соли 2023**

| Намуди зироат | Ноҳияи Айнӣ | Ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ | Шаҳри Панҷакент | Болооби Зарафшон |
|---|---|---|---|---|
| Ғалладонагиҳо | 3550 | 1170 | 49788 | 54508 |
| Картошка | 20756 | 100651 | 73411 | 194818 |
| Сабзавот | 6641 | 1170 | 102151 | 109962 |
| Полезӣ | - | - | 2329 | 2329 |
| Меваҷот | 2743 | 5550 | 5638 | 13931 |
| Гӯшт | 2351 | 1838 | 7307 | 11496 |
| Шир | 5345 | 4040 | 21085 | 30470 |
| Тухм | 1682 | 645 | 3215 | 5542 |

Аз таҳлили маълумоти ҷадвал бармеояд, ки вобаста аз миқдори заминҳои кишт ва ҳосилнокии зироатҳо, инчунин миқдори чорво ва маҳсулнокии он ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ вобаста аст. Дар Болооби Зарафшон вобаста ба шароитҳои табиӣ – иқлимӣ асосан картошка бештар истеҳсол карда мешавад. Дар шаҳри Панҷакент дар таркиби истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бештар

картошка - 194818 тонна ва сабзавот - 109962 тонаро ташкил медиҳанд. Ҳамин тавр, дар Болооби Зарафшон азхудкунии захираҳои замин ва об имконият медиҳад, ки истеҳсоли маҳсулоти хурокворӣ зиёд шуда, амнияти хӯрокворӣии минтақа таъмин карда шавад. Ин ба дурнамои дарозмуддат барои тағйироти куллӣ дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ (аз ҷумла минтақаи кӯҳӣ) ва амнияти озуқаворӣ (мустақилияти озуқаворӣ) таъсир мерасонад. Дар ҷадвали 4 дараҷаи худтаъминкунии аҳолии Болооби Зарафшонро таҳлил менамоем.

Таъминоти озуқаворӣ дар шароити Болооби Зарафшон бояд аз ҳисоби истеҳсоли худӣ сурат гирад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки таъминоти мавҷудаи озуқаворӣ ба воридоти хӯрока аз дигар минтақаҳо вобастагӣ дорад, ки ба зиёдшавии хароҷоти нақлиётӣ оварда мерасонад ва нархи чакани хурокворӣ боло меравад. Онҳо дар муқоиса бо нархи миёнаи ҷумҳуриявӣ 3-5 маротиба зиёданд. Аз ин лиҳоз, камбизоатии аҳолии Болооби Зарафшон онҳоро водор мекунад, ки даромадҳои худро асосан барои хӯрокворӣ масраф кунанд. Маҷмуи маҳсулоти умумӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар ин минтақа 25 долларро ташкил медиҳад, он аз сатҳи миёнаи ҷумҳурӣ 5 маротиба камтар аст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки таъминоти мавҷудаи озуқаворӣ ба воридоти хӯрока аз дигар минтақаҳо вобастагӣ дорад, ки ба зиёдшавии хароҷоти нақлиётӣ оварда мерасонад ва нархи чакани хурокворӣ боло меравад. Онҳо дар муқоиса бо нархи миёнаи ҷумҳуриявӣ 3-5 маротиба зиёданд. Аз ин лиҳоз, камбизоатии аҳолии Болооби Зарафшон онҳоро водор мекунад, ки даромадҳои худро асосан барои хӯрокворӣ масраф кунанд. Маҷмуи маҳсулоти умумӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар ин минтақа 25 долларро ташкил медиҳад, он аз сатҳи миёнаи ҷумҳурӣ 5 маротиба камтар аст. Аз таҳлили маълумотҳои ҷадвал бармеояд, ки таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти истеҳсолоти кишоварзӣ дар минтақаи Болооби Зарафшон дар сатҳи паст қарор дорад. Аҳолӣ танҳо бо сабзавот ва картошкаи истеҳсоли худӣ таъмин ҳастанд.

**Ҷадвали 4. – Сатҳи худтаъминкунии аҳолии Болооби Зарафшон бо маҳсулоти асосии хуроквορӣ**

| Нишондиҳанда | Ноҳияи Айнӣ | | Ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ | | Шаҳри Панҷакент | | Болооби Зарафшон | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳаҷми истеҳсол ба 1 нафар, кг | Сатҳи таъминот, % | Ҳаҷми истеҳсол ба 1 нафар, кг | Сатҳи таъминот, % | Ҳаҷми истеҳсол ба 1 нафар, кг | Сатҳи таъминот, % | Ҳаҷми истеҳсол ба 1 нафар, кг | Сатҳи таъминот, % |
| Ғалладонагиҳо | 37,6 | 25,5 | 43,5 | 29,5 | 153,0 | 104,1 | 122,0 | 83,0 |
| Картошка | 219,6 | 238,7 | 3741,7 | 40 мар. | 225,6 | 2,5 мар. | 436,0 | 4,7 мар. |
| Сабзавот | 70,3 | 42,2 | 43,5 | 26,2 | 313,9 | 1,8 мар. | 196,1 | 118,1 |
| Полезӣ | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 7,2 | 0,04 | 5,2 | 0,03 |
| Меваҷот | 29,0 | 34,9 | 206,3 | 2,4 мар. | 17,3 | 20,8 | 31,2 | 37,6 |
| Гӯшт | 24,9 | 62,3 | 68,3 | 1,7 мар | 22,5 | 56,3 | 25,7 | 64,3 |
| Шир, литр | 56,6 | 49,2 | 150,2 | 1,3 мар | 64,8 | 56,3 | 68,2 | 59,3 |
| Тухм, дона | 17,8 | 9,9 | 24,0 | 13,3 | 9,9 | 0,05 | 12,4 | 6,9 |

Минтақа аҳолиро бо ғалладонагиҳо – 83,0%, полезӣ – 0,03%, меваҷот – 37,6%, гӯшт –64,3%, шир –59,3% ва тухм – 6,9% таъмин карда метавонад. Чунин далел аз он шаҳодат медиҳад, ки на ҳама зихираҳои замин ва об, модӣ ва техникӣ, технологияи инноватсионӣ дар минтақа самаранок истифода намешаванд.

Хулоса, шароити хоси Болооби Зарафшон аз дигар минтақаҳои кишвар дар худтаъминкунии хӯроквори фарқ мекунад. Аз ин рӯ, зеркомплекси хӯроквории Болооби Зарафшон бояд ба он самте рушд кунад, ки бо назардошти гуногунии иқлими баландкӯҳ ва тақсимоти ҳудудии минтақаҳо тавонад афзоиши истеҳсолоти кишоварзӣ ва эҳтиёҷоти дохилии аҳолиро ба хӯроквории истеҳсоли худӣ таъмин кунад.

Омӯзиши мушкилиҳои рушди босуръати кишоварзӣ дар робита бо ташаккулёбии комплекси агросаноатии пешрафта дар ин минтақа, аз омӯзиши мукаммали имкониятҳои захиравӣ дар заминаи табиати зерминтақаи хоҷагидорӣ ва воситаҳои асосии истеҳсолии он - замин оғоз меёбад. Маълум аст, ки минтақа ба якчанд минтақаҳои кишоварзӣ тақсим шудааст, ки аз ҷиҳати табиӣ ва иқтисодӣ онҳо куллан фарқ мекунанд ва онҳо бояд аз нуқтаи назари релефи амудӣ алоҳида баррасӣ карда шаванд. Раванди омӯзиши ҳар яке аз ин минтақаҳо имконият медиҳад, ки шароити муҳимтаринро барои ташаккули модели ягонаи ғизоии Болооби Зарафшон муайян кунанд.

Ташкили оқилонаи истифодабарии замину оби Болооби Зарафшон имконият медиҳад, ки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ афзун гардонида шавад. Дар баробари ин ташкили коркарди маҳсулотҳо дар минтақа имконият медиҳад, ки ҷойҳои кории нав ва иловагӣ ва ба ғанӣ гардонидани буҷети минтақа мусоидат карда, ҳадафи чоруми стратегии кишвар – саноатикунониро амалӣ намояд.

Рушди саноатикунони дар минтақаҳо дар маҷмуъ ба болоравии самаранокии иқтисодӣ мусоидат мекунад. Ин на танҳо ба истеҳсоли молҳои зарурӣ - нон, гӯшт, шир, равған, инчунин тамоку ва маҳсулоти тамоку, маҳсулоти тайёри пашмӣ ва чармӣ, пӯсти гӯсфанд, доруворӣ ва ғайра вобаста мебошад. Равандҳои ҳамгирой ва фаъолияти саноатӣ дар деҳот, иттиҳодияи

корхонаҳои саноатӣ бо истеҳсолоти кишоварзӣ ҳалли бисёр мушкилотро суръат мебахшад.

**АДАБИЁТ:**


1. Арабов, Ф. П. Арзёбии истифодаи экологӣ-иқтисодии заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ: ҷанбаҳои сармоягузорӣ-инноватсионӣ / Ф. П. Арабов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2024. – No. 4-2(55). – EDN MKFFGE.

1. Маняков И.А. Экономика сельского хозяйства. / И.А. Маняков. –М.: Колос, 2005. –.400 с.

2. 2.Пиризода Ҷ.С. Иқтисодиёти кишоварзӣ. /Пиризода Ҷ.С., Исайнов Ҳ.Р. Давлатзода Қ.Қ.Тағоев Ҷ.С. – Душанбе, 2024. – 391 с.

3. Буняева В. Ипотека земли. / В Буняева. / Мой Алтай: село и город. – Алтай, 2007. -№1. – С.20-23.

4. Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Айнӣ барои солҳои 2021-2025.

5. 5.Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ барои солҳои 2021-2025.

6. 6.Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Панҷакент барои солҳои 2021-2025.

7. Шарифов, З. Р. Рақамикунонӣ омили баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ-экологии соҳаи кишоварзӣ / З. Р. Шарифов, Ф. П. Арабов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2024. – No. 3(53). – EDN QVSXCL.



**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Олимов А.Х. -** номзади илмхои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва қарз дар КАС-И Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур

**Сведения об авторах:**

**Олимов А.Х.** - кандидат экономических наук, доцент кафедры финансов и кредитования в АПК Таджикского аграрного университета им.Шохтемура

# ИСТИФОДАИ ЭКОЛОГӢ-ИҚТИСОДИИ ЗАХИРАҲОИ ОБӢ – ЗАМИНАИ БУНЁДИИ РУШДИ УСТУВОР

***Саидшозода М.*** *- Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;*
***Холиқов Д.Ф.*** *- Донишкадаи давлатии фарҳанг ва сантаьати Точикистон ба номи Мирзо Турсунзода*

Дар мақолаи мазкур дар самти истифодаи экологӣ-иқтисодӣ захираҳои обӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст. Самтҳои асосии рушди устувор ва марҳилаҳои пайдоиши он таҳқиқ карда шудааст. Ҳамзамон, саҳми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳким ва роҳандозии истифодабараии захираҳои обӣ дар самти рушди устувор оварда шуда, иқдомҳои байналмиллалии он мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

**Калидвожаҳо**: истифодаи экологӣ-иқтисодӣ, захираҳои обӣ, рушди устувор, Эмомалӣ Раҳмон, иқдомҳо.

## ЭКОЛОГО-ЭКОНОМИЧЕСКОЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ВОДНЫХ РЕСУРСОВ – ФУНДАМЕНТАЛЬНАЯ ОСНОВА УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ

В данной статье анализируются и обсуждаются вопросы эколого-экономического использования водных ресурсов. Были изучены основные направления устойчивого развития и этапы его возникновения. В то же время был внесен вклад Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона в укрепление и управление использованием водных ресурсов в направлении устойчивого развития, обсуждены его международные инициативы.

**Ключевые слова**: эколого-экономическое использование, водные ресурсы, устойчивое развитие, Эмомали Рахмон, инициативы.

Тайи даҳсолаи охир вобаста ба гарм шудани ҳарорати кураи замин, тағирйбии иқлим боиси бад шудани экосистемаи табиии гардида ба обшавӣ аз байн рафтани ҳазорҳо пирях дар саёра оварда расонидааст, ки ин омил таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба худ ҷалб намуд. Тибқи Гузориши Панели байниҳукуматӣ оид ба тағйирёбии иқлим дар бораи укёнусҳо ва криосфера (соли 2019) то охири садсолаи равон сеяки пиряхҳои ҷаҳон метавонанд аз байн раванд. Танҳо дар 50 соли охир дар Тоҷикистон беш аз як ҳазор пирях пурра об шуда, ҳаҷми умумии пиряхҳои кишвар ба андозаи тақрибан сеяк баробар кам гардид.

Қайд кардан бамаврид аст, ки рушди устувори истифодаи об дар соҳаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва миллӣ муҳим арзёбӣ карда мешавад. Пеш аз ҳама, мо мафҳум ва маҳияти рушди устуворо, ки яке аз принсипҳои идоракунии соҳаи истифодаи об ба ҳисоб меравад дида мебароем.

Истилоҳи рушди устувор дар охири солҳои 1980 дар авҷи зиёд шудани корхонаҳои саноатӣ ва коркарди захираҳои табиӣ ва таъсири онҳо ба муҳити зист, пайдо шудаст. Ин раванд таваҷҷуҳи Созмони Миллали Муттаҳидро ба худ ҷалб намуда, дар соли 1992 дар шаҳри Рио-де-Жанейро Эломия вобаста ба муҳити зист ва рушди он, қабул намуданд. Дар ин Эломияи мафҳуми рушди устувор ҳамчун стратегияе, ки ба таври баробар қонеъ гардонидани талабот ва ҳифзи муҳити зисти наслҳои ҳозира ва ояндаро таъмин намояд, оварда шудааст. “Дар айни ҳол афзалиятҳо ва ҳадафҳои рушди устувор дар муҳимтарин ҳуҷҷатҳои консептуалии Созмони Миллали Муттаҳид ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ, ки дар даҳсолаҳои охир қабул шудаанд, ба таври хеле васеъ, ҳамаҷониба ва амиқ инъикос ёфтаанд”, асоси чун ҳуҷҷатҳоро Ҳадафҳои рушди устувори СММ барои солҳои 2016-2030, ки дар “Рӯзнома дар соҳаи рушди устувор барои давраи то соли 2030” таҳия шудааст, ташкил медиҳад. Дар ин ҳуҷҷатҳо ҳадафҳои рушди устувор ба таври амиқ ва возеҳ оварда шудаанд, ки таваҷҷуҳи асоси ба афзалиятҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологии ҷаҳон равона карда шудааст.

Оғози раванди гузариш ба модели рушди устувор дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, дар Тоҷикистон ба таври расмӣ ҳануз ба соли 1995 мансуб дониста мешавад. Маҳз, дар ҳамин сол ҳамаи кишварҳои минтақа ба таври якдилона принсипҳои асосии рушди устуворро хамчун пояй сиёсати давлатии худ эълон ва эътироф намуданд.

Олимон ва муҳаққиқони соҳаи иқтисоди ватанӣ Ҳ. Р. Исайнов, Қ. А. Содиков [1], ба он ақидаанд, ки рушди устувор аз се ченак - иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ иборат буда, дар ҳолати ҷиддӣ риояи шудани ин талаботҳо, ҳар яке аз ин ченакҳо метавонанд барои ноил шудан ба рушди устувор, аз ҷумла соҳаи кишоварзӣ замина гузоранд. Ҳамин тавр вазифаи

рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар, аз ҷумла истифодаи об бояд ба принсипҳои рушди устувор, бо назардошти хусусиятҳои экологӣ, муайян карда шавад.

Яке аз омилҳои асосии гузариш ба рушди устувор дар ҷаҳон ин набудани таносуб байни рушди иқтисодӣ ва деградатсияи экологӣ ба ҳисоб меравад. Чи тавре, ки маълумоти оморӣ бармеояд, тайи 3 даҳсолаи охир ҳаҷми ММД дар ҷаҳон зиёда аз 4 маротиба афзудааст, ки ба беҳтар шудани вазъи зиндагии миллионҳо нафар дар сайёра оварда расонидааст. Ин тамоил аз ҳисоби коркарди захираҳои табиӣ, ки марҳилаи рушди он ба ин давра рост меояд, ба даст оварда шудааст, ки он таъсири бевоситаи худро ба экосистема табиӣ расонидааст. Тибқи ҳисоботи Созмони Миллали Муттаҳид, сар аз соли 2000 раванди мушкилоти экологӣ дар ҷаҳон авҷ гирифта то ба имрӯз дар сатҳи баладаи хур расидааст. Ин омил боиси тағирёбии иқлим, норасоии ғизои солим ва оби ошомиданӣ, коҳишёбии захираҳои табиӣ ва биёбогшавӣ дар кураи замин гардида[1]:

- 40 % - маёдони умумии заминҳои кишоварзӣ ба деградасия ва эрозияи хок гирифтор шуда, хусусияти ҳосилхезии худро аз даст додааст;
- то 20% истеҳсолкунандагони ғалладона дар ҷаҳон истифодаи обро нодуруст ба роҳ мемонанд, ки ин ба норасогии об оварда расонида, ба рушди соҳаи кишоварзӣ менеа эҷод мекунанд;
- биёбоншавӣ ба заминҳои лалмӣ, ки дар он сеяки аҳолии кураи замин зиндагӣ мекунанд, таҳдид менамояд;
- дар натиҷаи тағйир ёфтани иқлим тақариб 2 миллиард нафар одамоне, ки дар минтақаҳои соҳилӣ зиндагӣ мекунанд, метавонанд зарар бинанд.

Бо назардошти ҳамаи ин мушкилот чӣ дар сатҳи минтақавӣ ва чӣ дар миқёси тамоми сайёра Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷомеаи ҷаҳониро аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид хушдор дода, дар бораи хатари коҳиши таъминоти оби тозаи ошомиданӣ дар пасманзари

[1] Human Development Report. UNDP, 2021.

афзоиши аҳолӣ ва болоравии ҳарорат дар сайёра акидаронӣ намуд. Таи даҳсолаҳои охир чи дар Осиёи Марказӣ ва чи дар дигар минтақаҳои (кишвархои) ҷаҳон проблемаҳои экологиро ҳамчун масъалаҳои асосӣ ба хисоб намегирифтанд. Мутаассифона, тағйирёбии иқлим, таназзули экосистемаи табиӣ, обшавии пиряххо ва паҳншавии газҳои зараровар ба атмосфера аз назари давлатхо, созмонҳои байналмилалӣ, сиёсатмадорон, мутахассисон ва ғайра дур мондааст.

Бояд қайд намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми ду даҳсолаи охир ба иштирокчии фаъоли сиёсӣ дар минтақа ва ҷаҳон дар масоили об табдил ёфтааст. Дар ин давра аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор ташаббусҳои ҷаҳонӣ оид ба масоили об пешниҳод карда шуд. Онҳо имкон доданд, ки таваҷҷуҳи созмонҳои байналмилалӣ ва умуман ҷомеаи ҷаҳонӣ ба масъалаҳои соҳаи об, норасоии афзояндаи оби ошомиданӣ, таназзули об ва дигар экосистемаи табиӣ равона карда шавад. Дар байни ташаббусҳои ҷаҳонии об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳимтаринаш инҳо ба ҳисоб мераванд:

- Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» 2005-2015. - аз 23 декабри соли 2003. Аҳаммияти ин иқдом дар он аст, ки принсипи умумиҷаҳонии «об барои ҳаёт» қариб барои тамоми кишварҳо ва минтақаҳои ҷаҳон ба авлавият табдил ёфтааст. Ин ба он вобаста аст, ки тамоюлҳои давомдор дар ифлосшавии об ва таназзули экосистемаҳои обӣ ба ҳаёт дар сайёра таҳдид мекунанд, ба гуногунии биологӣ таҳдиди ҷиддӣ доранд, метавонанд боиси тезонидани тағирёбии иқлим шуда, маҳдудиятҳои ҷиддии таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва ғайра гардад.

- Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», 2018-2028 - қатъномаи махсуси аз 21 декабри соли 2016. Ин ташаббус ба консепсияи бунёдии рушди устувор асос ёфта, аз ҳадафҳои рушди устувор дар «Рӯзномаи 2030», ки дар Иҷлосияи 70-уми Маҷмаи Умумии СММ дар моҳи декабри соли 2015 қабул шудааст, бармеояд.

Афзалиятҳо ва ҳадафҳои асосии “Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” бо дарназардошти ҷанбаҳои

муҳимтарини рушди устувор – самаранокии иқтисодӣ, адолати иҷтимоӣ ва амнияти экологӣ амалӣ карда мешаванд, ки дар навбати худ аз камобӣ ва осебпазирии захираҳои об ва роҳҳои идоракунии онҳо вобастагии зиёд дорад.

Бояд гуфт, ки дар шароити татбиқи консепсияи истифодаи устувори об масъалаҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ аҳаммияти калон доранд. Ҳамин тариқ, дастрасии хонаводаҳо ба об барои саломатии оила ва зиндагии шоистаи онҳо ниҳоят муҳим аст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сарфи назар аз мавҷудияти як қатор душвориҳо дар баъзе кишварҳо дар татбиқи ислоҳот дар соҳаи об, дар як қатор кишварҳои дигар дар татбиқи идоракунии ҳамгирошудаи захираҳои об бо роҳи, масалан, ғайримарказикунонии захираҳои об пешравиҳои калон ба даст оварда шудаанд. Сарфи назар аз самти равшани тадбирҳои андешидашуда дар самти баланд бардоштани самаранокии иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ (истифодаи об), инчунин, ба масъалаҳои адолати иҷтимоӣ ва устувории экологии истифодаи захираҳои об, бо назардошти эътирофи масъулияти иҷтимоӣ, маъмурӣ ва экологии истифодабарандагони об ва мақомоти идоракунӣ бояд таваҷҷуҳи хоса зоҳир намоянд.

Ҳамин тариқ, ташаккули сиёсати нави миллии об дар якҷоягӣ бо ташаббусҳои глобалии об ва иқлим бояд ба татбиқи Ҳадафҳои Рушди Устувор вобаста ба об мусоидат намуда, барои таъмини пешрафти устувори иҷтимоию иқтисодӣ ва экологии кишварҳо, минтақаҳо ва дар тамоми ҷаҳон, баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ, бартараф намудани камобӣ ва нигоҳ доштани системаҳои обӣ ва дигар экосистемаҳо мусоидат намояд.

**АДАБИЁТ:**

1. Исайнов, Х. Р. Земельно-водные ресурсы сельскохозяйственного назначения Республики Таджикистан: эколого-экономические и инвестиционные аспекты / Х. Р. Исайнов, Ф. П. Арабов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 8. – С. 15-22. – EDN WHNTCZ.

2. Исайнов, Х. Р. Формирование "зеленой" экономики в контексте устойчивого развития Таджикистана / Х. Р. Исайнов, К. А. Содиков, Ш. Х. Бобохонова // Экономика и управление: ключевые проблемы и перспективы

развития: Материалы XIV международной научно-практической конференции текстовое электронное издание, Краснодар, 22 апреля 2022 года. – Краснодар: ФГБУ "Российское энергетическое агентство" Минэнерго России Краснодарский ЦНТИ- филиал ФГБУ "РЭА" Минэнерго России, 2022. – С. 95-106. – EDN WNTIEJ.

3. Обидов, Ф. С. Управление водно-ирригационным потенциалом в развитых и развивающихся странах мира / Ф. С. Обидов, К. А. Содиков // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 4-1. – С. 5-11. – EDN BMVRDB.

4. Одинаев Х. А. Тоҷикистон дар масири рушди устувор/ Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2022. – № 2 (2). – С. 111-122. – EDN VHZZAP.

5. Суханронӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Об моро муттаҳид месозад" Иёлоти Муттаҳидаи Амрико. 22.03.202. с 5. http://prezident.tj/node/30255

6. Халматов, М. М. Влияние атмосферной погоды на микроклимат деревянных насаждений / М. М. Халматов, А. Хожиматов, К. Содиков, С. Э. Солижонов // Научно-практические пути повышения экологической устойчивости и социально-экономическое обеспечение сельскохозяйственного производства: Материалы международной научно-практической конференции, посвящённой году экологии в России, с. Соленое Займище, 18–19 мая 2017 года / Составители Н.А. Щербакова, А.П. Селиверстова. – с. Соленое Займище: Прикаспийский научно-исследовательский институт аридного земледелия, 2017. – С. 110-112.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Саидшозода Муҳсин Саидшо** - унвонҷӯи кафедраи иқтисод ва идоракунии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х.Рӯдакӣ 121. Телефон: 900-24-52-52.
**Холиков Диловар Файзуллоевич** - Омузгори калони кафедраи фанхои чомеашиноси, Донишкадаи давлатии фарханг ва санъати Точикистон ба номи Мирзо Турсунзода. Сурога: 734032, Чумхурии Точикистон ш. Душанбе, хиёбони Борбад 73а. Телефон: (992) 985-02-33-44
**Сведения об авторах: Саидшозода Мухсин Саидшо -** соискатель кафедры экономики и менеджмента Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки 121. Телефон: 900-24-52-52.
**Холиков Диловар Файзуллоевич** - старший преподаватель кафедры социологии Таджикского государственного института культуры и искусства имени Мирзо Турсунзаде. Сурога: 734032, Республика Таджикистан. Душанбе, проспект Борбад, 73а. Телефон: (992) 985-02-33-44

## ВАЗЪИ МУОСИРИ ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚ ВА ЗАМИНАИ БОЗАРГОНИЮ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ОН

***Самизода Т. О.*** *- н.и.и., дотсенти кафедраи менеҷменти молиявӣ ва андозбандии Донишгоҳи байналмилалии саёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон*

Дар мақола самтҳои асосии дигаргуниҳои институтсионалӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, ҳамчунин дар мақола таҳлили дигаргуниҳои институтсионалии ҳукумати ҷумҳурӣ дар соҳаи истифодаи замин, азнавташкилдиҳии корхонаҳои кишоварзӣ ва шаклҳои хурди ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ оварда шудааст. Дар қисми ниҳоӣ муаллиф самтҳои асосии дигаргуниҳои институтсионалиро, ки ба ташаккули кишоварзии устувори ҷумҳурӣ равона шудаанд, пешниҳод мекунад.

**Калидвожаҳо**: рушди устувор, институтсионализм, азнавташкилдиҳӣ, муносибати кластерӣ, шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ, инноватсия.

## СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА И ЕГО РЫНОЧНО-ИНСТИТУЦИОНАЛЬНАЯ ОСНОВА

В статье рассматрены основные направления институтциональных преобразований в сельскохозяйстве Республике Таджикистан, также в статье дан анализ институтциональных преобразований осуществлаяемых правательством республики в области землепользования, реорганизации сельскохозяйственных предприятий, и малых форм организации сельскохозяйственных производтсв. В заключительной части автор предлогает оснавные направления институциональных преобразований направленных на формирование устойчивого сельскохозяйства республики.

**Ключевые слова:** устойчивое развитие, институционализм, реорганизация, кластерний подход, розличные формы хозяйствования, инноваций.

Вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодии хоҷагии қишлоқи Тоҷикистонро вазъияти буҳронӣ донистан мумкин аст, аломатҳои асосиаш таназзули бемайлони истеҳсоли хоҷагии қишлоқ, аз корхонаҳои калони хоҷагии қишлоқ ба хоҷагиҳои хурдмоли хонагии аҳолӣ гузаштани истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ бо бартарии меҳнати дастӣ, ҷойгиркунонии заминаи моддии техникии қаблан барпошуда, коҳиши ҳиссаи киштзорҳо дар муосмилоти хоҷагӣ, шадидан бад шудани вазъи молиявии корхонаҳои хоҷагии қишлоқ, тезутундии мушкилоти иҷтимоӣ ва аломатҳои дигар мебошанд.

Тоҷикистон кишвари бештар кӯҳӣ ва бо релиефи хеле мураккаб аст. Қисми зиёдтари қаламрави ҷумҳуриро қаторкӯҳ, кӯҳсор ва доманакӯҳҳо ишғол кардаанд. Қариб 70%-и сатҳи замини кишвар хосияти кӯҳӣ дорад.

Дар ҷадвали (1) шаклҳои асосии сатҳи қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи минтақаҳои баландӣ нишон дода шудаанд.

**Ҷадвали 1. - Тақсимоти қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба минтақаҳои баландӣ тақсимоти масоҳати минтақавии Ҷумҳурии Точикистон**

| **Баландии қаламрав** | **Фоизи минтақаи баланд дар масоҳати умумии ҷумҳурӣ** | | | |
|---|---|---|---|---|
| аз сатҳи бахр, | Қисми шимолӣ | Қисми марказӣ | Қисми ҷанубӣ | Ҷамъ |
| аз 0 то 500 | 4,9 | 1,0 | 1,4 | 7,3 |
| аз 500 то 1000 | - | 11,5 | 2,5 | 14,0 |
| аз 1000 то 2000 | - | 31,0 | 2,0 | 33,0 |
| Аз 2000 баландтар | - | - | 45,7 | 45,7 |

***Манбаъ**: *аз ҳисоби муаллиф аз рӯи маҷмӯаҳои омор*

Чӣ тавре ки аз ҷадвали 1 аён аст, 88,7%-и каламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баландии 1000 м ва бештар, яъне баландтар аз мавзеъҳое ҷойгир аст, ки шароити табиӣ барои рушди истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ маҳдудият эҷод мекунанд. Хусусияти кӯҳии сатҳи қаламрави ҷумҳурӣ ба герграфияи маскуният, ба истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ва саноати ҷумҳурӣ таъсири калон мегузорад.

Соли *2024 дар бахши аграрии иқтисоди ҷумҳурӣ* 2193 корхонаи калон, миёна, хурд, хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ, 3 корхонаи иҷора, 1149 ассотсиатсияи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), 1010 хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ, 24 ҷамъияти саҳомӣ, 63 кооперативи хоҷагии қишлоқ, 228 хоҷагии ёрирасони назди корхонаву ташкилот, 6 агрофирма фаъолият мекард. Дар поёни соли 2024 тақсимоти корхонаҳои хоҷагии қишлоқ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ чунин намуд дошт (ҷадвали 2).

Дар минтақаҳои алоҳида шаклҳои нави заминистифодабарии коллективӣ кооперативҳои хоҷагии қишлоқ инкишоф ёфтанд. Бештар аз ҳама онҳо дар вилояти Суғд паҳн шуданд. Ҳиссаи онҳо дар ноҳияи Конибодом

5. Павлютенкова М.Ю. Электронное правительство как вектор инновационных государственных преобразований в России // Вестник РУДН. Серия Политология. 2016. № 4. С. 121-129.

6. Ҳабибов А.Ҳ., Раҷабов Д. Features of the formation of digital infrastructure in the Republic of Tajikistan: Dushanbe case// E3S Web Conf., 653 (2025) 02002. DOI: https://doi.org/10.1051/e3sconf/202565302002

**Маълумот дар бораи муаллиф: Ҳабибов Абдураҳмон Ҳакимбоевич** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ходими пешбари илмии Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи ДБССТ. Тел.: 901080144. E-mail: habibov@bk.ru

**Сведения об авторе: Хабибов Абдурахмон Хакимбоевич** – кандидат экономических наук, доцент, ведущий научный сотрудник Научно-исследовательского института устойчивого развития и зеленой экономики МУТПТ. Тел.: 901080144. E-mail: habibov@bk.ru

**УДК.:338.339**

# ИННОВАЦИОННОЕ РАЗВИТИЕ АГРОПРОМЫШЛЕННОГО КОМПЛЕКСА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН КАК ФАКТОР ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ

***Хабибова С.С.*** *- н.и.и., котиби илмии Институти илмӣ таҳқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабз*

Предмет исследования - современные и перспективные направления государственной политики поддержки предпринимательства в сфере агропромышленного комплекса, так как предпринимательство - это основа сильной экономики страны. Целью данной статьи является исследование различных аспектов государственной поддержки предпринимательства в секторе малого и среднего бизнеса, в том числе розничной торговли и АПК в Республике Таджикистан. Объект исследования - государственная политика Республики Таджикистан в области поддержки малого и среднего бизнеса. В статье автром также исследуется зарубежный опыт развитых стран в этой области и предлагаются полезные способы его использования предпринимательства в секторе малого бизнеса, розничной торговли и АПК страны.Сделан вывод, что приоритетной задачей сферы малого и среднего бизнеса в розничной торговле и АПК целом является создание благоприятных экономических и правовых условий для его продвижения.

**Ключевые слова:** предпринимательство, розничная торговля, АПК, производство, процесс развития бизнеса, экономические факторы, предмет исследования, объект исследования, государственная поддержка предпринимательства.и сферы производства.

# РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ҲАМЧУН УНСУРИ АСОСИИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ

Мавзуи тадқиқот самтҳои муосир ва умедбахши сиёсати давлатии дастгирии соҳибкории хурду миёна дар комплегси аграрию саноатӣ мебошад. Соҳибкории хурд такягоҳи иқтисоди қавии кишвар мебошад. Ҳадафи мақолаи мазкур ин омузиши паҳлуҳои гуногуни дастгирии давлатии соҳибкорони хурд ва миёна, аз ҷумла дар савдои чакана ва комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Объекти тадқиқот сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дастгирии соҳибкории хурду миёна дар савдои дохилӣ ва соҳаи саноат мебошад. Дар мақолаи зикршуда, инчунин таҷрибаи хориҷии давлатҳои тарақикарда дар ин ин самт омӯхта шуда ва баъзе роҳҳои судманди он барои истифода дар бахши соҳибкории хурди ҷумҳурӣ пешниҳод шудааст. Дар мақола хулоса шуд, ки вазифаи афзалиятнок дар соҳаи соҳибкории хурд дар маҷмуъ шароити мусоиди иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ барои пешбурди он фароҳам овардан зарур аст.

**Вожаҳои калидӣ:** фаъолияти соҳибкрӣ, соҳибкории хурду миёна, савдои чакана,комплекси агросаноатӣ, истеҳсолот, раванди рушди соҳибкорӣ,

омилҳои иқтисодӣ, предмети таҳқиқот, объекти таҳқиқот, дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолот, механизмҳои ташкилӣ - иқтисодӣ.

Агропромышленный комплекс Республики Таджикистан является ведущей отраслью национальной экономики. Она является важнейшим среди других отраслей народного хозяйства, так как обеспечивает устойчивый рост национальной экономики и продовольственную безопасность страны.

Усилия, затраченные нашим обществом на укрепление материально-технической базы сельского хозяйства, нашли отражение в существенном росте доли указанной отрасли в общей сумме валового внутреннего продукта страны (табл. 1).

**Таблица 1. - Удельный вес объема продукции сельского хозяйства в Валовом внутреннем продукте Республик Таджикистан (в процентах) [6. С. 15]**

| **Показатели** | **Годы** | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **1991** | **2000** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** |
| ВВП, % | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 |
| Удельный вес объема производства продукции сельского и лесного хозяйства по всем категориям хозяйств в общем объеме ВВП | 36,5 | 41,3 | 21,9 | 20,8 | 20,3 | 19,8 | 20,9 | 22,7 | 22,4 | 24,6 |

Как видно из данных таблицы доля продукции сельского хозяйства в валовом внутреннем продукте составляет около 24,6 %, что свидетельствует об аграрном направленности экономики страны. Если взят в текущих ценах оно в 2022 году составило 39,8 млн. сомони, или 24,6% от валового внутреннего продукта страны.

С учетом создавшего положения, Правительство страны проводит вот уже много лет целевую и последовательную экономическую политику, направленную на реконструкцию и развитие отраслей промышленности, как стратегического направления обеспечения экономического роста и государственной поддержки курса на развитие экспорта промышленной продукции.

Для практического осуществления цели и задач технико-экономической мощи промышленности разработаны комплекс мер по стимулированию привлечения иностранных инвестиций, в том числе прямых инвестиций, создания и развития сети совместных предприятий, льготного налогообложения новых предприятий, использования инновационных технологий, передовых форм организации и управления на уровне производственных единиц – основных субъектов рыночного хозяйства.

Необходимо особо отметить важную роль и значение формирования законодательных и нормативно-правовых основ регулирования и государственной поддержки предпринимательства, в том числе малого и среднего бизнеса в промышленности. Несмотря на достигнутые успехи в этом деле, следует подчеркнуть все еще недостаточное развитие малого, среднего и крупного предпринимательства.

В республике поэтапно осуществляется реформирование аграрного сектора, как другой приоритетной отрасли реальной экономики республики. По личной инициативе и поддержки Президента Республики Таджикистан выделено всего 105 тыс. га земель государственного фонда населению для организации дехканских хозяйств, что фактически привело к развитию частного сектора в аграрной отрасли экономики и способствовало развитию предпринимательства и заметному увеличению производства многих видов сельскохозяйственной продукции и насыщения рынка.

Тем самым заложены основы многоукладной экономики – кооперативные и акционерные структуры, дехканские (фермерские) хозяйства и т.д. Особенно дехканские (фермерские) хозяйства стали преобладающими как форма производственного предпринимательства в отрасли (табл. 2). Данные свидетельствуют о том, что дехканские хозяйства с 2000 года по настоящее время увеличились до 172,1 тыс. единиц и стали основной формой производственного предпринимательства в отрасли.

В настоящее время число зарегистрированных дехканских хозяйств, осуществляющих предпринимательскую деятельность, составило 171,1 тыс.

единиц, а средний размер земельной участки составляет 24,8 га. Число дехканских хозяйств 2022 (172,1 тыс. единиц) году увеличилась против уровня 2000 (12,6 тыс. единиц) года на 158,5 тыс. единиц или в 13,7 раз.

**Таблица 2. - Тенденции роста число дехканских хозяйств в Республике Таджикистан, единиц [4. С. 14]**

| Годы | Сельскохозяйственные предприятия | | | | Дехканские хозяйства |
|---|---|---|---|---|---|
| | Всего | в том числе | | | |
| | | Колхозы | Совхозы | Межхозы | |
| 2000 | 310 | 207 | 95 | 8 | 9293 |
| 2005 | 61 | 12 | 46 | 3 | 23101 |
| 2010 | 6 | 1 | 5 | - | 51372 |
| 2015 | - | - | - | - | 123379 |
| 2016 | - | - | - | - | 145107 |
| 2017 | - | - | - | - | 164631 |
| 2018 | - | - | - | - | 172668 |
| 2019 | - | - | - | - | 171975 |
| 2020 | - | - | - | - | 179005 |
| 2021 | - | - | - | - | 167009 |
| 2022 | - | - | - | - | 172107 |
| 2022 в % к 2000 | - | - | - | - | 18,5 раз |
| 2022 в % к 2015 | - | - | - | - | 139,5 |

Ускорение процесса внедрения сельского хозяйства на рыночные отношения вызвано принятием ряда основополагающих законов: «О земельной реформе», «О дехканском (фермерском) хозяйстве», «Об аренде», «Земельный Кодекс Республики Таджикистан» и другие.

В целях практической реализации основных положений Программы экономических преобразований агропромышленного комплекса и повышения эффективности функционирования экономики, формирования развития рынка товаров и сырья, стимулирования деятельности товаропроизводителей в увеличении продукции сельского хозяйства от 25 июня 1996 г. № 522 был издан Указ Президента Республики Таджикистана «О реорганизации сельскохозяйственных предприятий и организаций».

В целях углубления экономической реформы в агропромышленном комплексе издан другой Указ Президента Республики Таджикистан от 9 июля 1999 года № 1323 «О реорганизации сельскохозяйственных предприятий», в

соответствии с которым в начале 2000 года 110 предприятий и организаций были реорганизованы в дехканские (фермерские) хозяйства.

Наряду с этим, также Правительством Республики Таджикистан от 22 ноября 1996 года № 698 принято два Постановления «Об отводе 50 тыс. га земельных участков для ведения личного подсобного хозяйства граждан» и от 18 февраля 1998 года № 45 «Об отводе 25 тыс. га земельных участков для ведения личного подсобного хозяйства граждан», что создали реальные шансы для стимулирования роста сельскохозяйственного производства в республике.

В результате принятых мер, доля личных приусадебных хозяйств населения и дехканских (фермерских) хозяйств в объеме валовой продукции сельского хозяйства страны повысилась с 54,2 % в 1997 г. до 83,6% в 2022 году.

Однако в целях дальнейшего повышения эффективности предприятий агропромышленного комплекса Республики Таджикистан, на наш взгляд, необходимо разработать и внедрить в хозяйственную практику среднесрочную программу продовольственного комплекса на период до 2030 года, имея в виду решение следующих приоритетных задач на основе поэтапного перехода к рыночным отношениям: [5. С. 112]

- создание благоприятной среды для функционирования высокоэффективных, восприимчивых к нововведениям предприятий в агропромышленном комплексе;
- обеспечение необходимых условий для более высоких темпов развития сельскохозяйственного производства;
- учет глобальных мировых тенденций и опыта стран, добившихся значительного развития АПК в сочетании с историческими и национальными особенностями и традициями;
- осуществление приватизации государственных предприятий промышленности и формирование рациональных производственных

структур и конкурентоспособных форм хозяйствования в условиях переходной экономики;

- создание достаточной сети производственной и рыночной инфраструктуры АПК;
- улучшение инвестиционной деятельности предприятий АПК, путем активизации привлечения новых источников инвестиций (долгосрочных и среднесрочных кредитов банков, средства от эмиссий акций, акционерных предприятий, средства частных лиц, бюджетные средства, собственные средства предприятий, иностранные инвестиции и др.);
- социальное преобразование села.

В деле эффективного управления хозяйствами АПК наряду с рыночными методами самоуправления следует также умело применять в разумном пределе государственно-экономическое управление, в частности путем предоставления льготных кредитов, налоговых льгот и субсидий на ускоренное развитие отечественного производства потребительских товаров.

Процесс дальнейшего углубления реформы в целом предполагает постепенный переход от кризисных явлений к стабилизации сельскохозяйственного производства и затем к постепенному его росту. На первом этапе реализации мер, что должно быть рассчитано сроком на два года (2001 – 2002 гг.) в рамках среднесрочной программы важное значение имела реализация комплекса мер по поддержанию и сохранению сложившейся тенденции приостановления спада и создания благоприятной среды для обеспечения быстрого подъема сельскохозяйственного производства. На этом этапе, очевидно, целесообразно сконцентрировать усилия на создание институциональных основ рыночной экономики, развитие ее инфраструктуры, формирование адаптированного экономического механизма, максимально нацеленного на стимулирование деловой и инвестиционной активности, повышении эффективности использования всех видов экономических ресурсов и методов хозяйствования.

На втором этапе реализации целей программы (2002 – 2005 гг.) важно было обеспечить устойчивый подъем экономики предприятий агропромышленного комплекса республики, наращивание темпов роста производства сельскохозяйственной продукции.

Анализ ситуации в сельском хозяйстве страны показывает, что фактически республика располагает как формирующими, так и ограничивающими его дальнейшее развитие факторами производства, прежде всего земельными и водными ресурсами, которые не только ограничены, но их практическое использование связано с немалыми затратами [3. С. 154].

Кстати, земельные ресурсы Республики Таджикистан весьма ограничены. Площадь гор республики занимают 93 % ее территории и лишь 3,3 % составляют сельхозугодия, более 80,9 % которых являются сезонными пастбищами. По данным земельного баланса Министерства сельского хозяйства на 1 октября 2000г. имелось 850 тыс. га интенсивно используемых сельскохозяйственных угодий (пашни плюс многолетние насаждения). Всего в республике орошаемых земель – 713, 7 тыс. га, на которых получают до 90 % ВВП, создаваемого в сельском хозяйстве страны [2. С. 65]

Заметный демографический рост в Таджикистане, несмотря на интенсивное освоение новых орошаемых земель за последние 33 лет, привел к сокращению обеспеченности орошаемыми площадями в расчете на душу населения (табл. 3).

Данные приведенные в таблицы 3 Республики Таджикистан в 2022 г. доля сельскохозяйственный угодий в процентах к общей земельной площади республики составила - 26,0 %, а 1991 году – была 31,1, т.е. за этот период снизилась на 2,9 процентных пункта. За этот период общая земельная площадь и площадь сельскохозяйственных угодий также снизилась, тогда как численность населения увеличилась на 160,8 %.

**Таблица 3. - Численность постоянного населения и удельная земельная площадь, в том числе орошаемых, в Республике Таджикистан за 1991-2022 гг. [7, с. 11; 310]**

| Показатели | 1991 г. | 2000г. | 2005 г. | 2010 г. | 2015 г. | 2020 г. | 2022 г. | 2022 г. к 2000 г., в % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Численность населения Республики Таджикистан на конец года, тыс. чел. | 5505,6 | 6264,6 | 6842,2 | 7621,2 | 8551,2 | 9716,8 | 10078,4 | 160,8 |
| Общая земельная площадь, тысяч га | 14254,5 | 14255,4 | 14255,4 | 14255,4 | 14137,7 | 14137,9 | 14137.9 | 99,1 |
| Сельскохозяйственные угодий, тысяч га | 4434,1 | 4126,5 | 3864,6 | 3746,0 | 3612,0 | 3673,7 | 3668.9 | 88,9 |
| в том числе: пашня | 811,2 | 130,1 | 709,0 | 673,1 | 653,2 | 662,0 | 660.1 | 5,1 |
| Удельный вес с/х угодий к общей земельной площади, % | 31,1 | 28,9 | 27,1 | 26,3 | 25,5 | 25,9 | 26,0 | -2,9 |

Важным направлением обеспечения устойчивого развития агропромышленного комплекса страны должно стать привлечение в данной отрасли экономики, внутренних и иностранных инвестиций. В этой связи, перспективным является создание совместных предприятий, страхование рисков от некоммерческих рисков, создание импортозамещающих производств по производству высококачественных и конкурентоспособных товаров на внутреннем и внешнем рынках сельскохозяйственной продукции.

Продовольственная безопасность показывает реальное состояние экономики республики, при котором обеспечивается продовольственная независимость страны, гарантируется физическая и экономическая доступность для населения пищевых продуктов в объемах, соответствующих рациональным нормам потребление основных видов продовольствия, необходимых для активного и здорового образа жизни.

В связи с этим, под продовольственной независимостью Республики Таджикистан следует понимать устойчивое производство отечественных жизненно важных пищевых продуктов в объемах не ниже пороговых значений его удельного веса в товарных ресурсах соответствующих видов продуктов.

Как видно из этого определения, для фактического обеспечения продовольственной безопасности особую актуальность и значение имеет решение проблемы продовольственной независимости за счет отечественного производства продовольствия [8. С. 87].

Как показало исследование, несмотря на достигнутые позитивные результаты развития активной предпринимательской деятельности в условиях рыночных реформ, сталкивается с целым рядом препятствий и барьеров. К их числу относятся:

- недостаточное стимулирование привлечения иностранных прямых инвестиций в развитии производства отечественных товаров, прежде всего в приоритетных отраслях промышленности и АПК;
- низкий уровень развития инновационного предпринимательства, в т.ч. малого и среднего сектора предпринимательской деятельности;
- высокая налоговая нагрузка и ставки налогов на производственные предприятия реального сектора экономики, что требует углубление реформы в этом направлении;
- неполное устранение случаев административного вмешательства и ненужных проверок в деятельность субъектов предпринимательской производственной и торговой деятельности;
- нехватка финансово-кредитных ресурсов для ускоренного развития малого и среднего инновационного предпринимательства и высокие проценты кредитов коммерческих банков;
- высокий уровень износа действующих основных фондов и медленный переход на революционное технологическое оснащение материально-технической базы предприятий промышленности и АПК за счет новейших достижений научно-технического прогресса и творческой деятельности в сфере предпринимательской деятельности;
- усиление позиции государственного регулирования и поддержки ускоренного развития пищевой, легкой, химической, перерабатывающей

промышленности, энергетической отрасли, сельскохозяйственного производства, торговля потребительскими товарами и другие.

Стратегия дальнейшего ускоренного экономического развития предпринимательства в реальном секторе экономики и других отраслях национальной экономики нашли свое обоснование в очередном Послании Президента Республики Таджикистан, Основоположника мира и согласия, Лидера нации Эмомали Рахмана Парламенту страны от 22.12.2016 года. В его Послании определены основные направления внутренней и внешней политики государства, перспективы и резервы развития национальной экономики и всех его отраслей не только на текущий год, но и на период до 2030 года.

В этом исторически важном государственном документе, он в частности отметил: «До 2025 года должен быть обеспечен рост объема производства промышленной продукции на 25% и увеличения объема экспорта товаров в 2,0 раза. В этот период следует добиться преимущественного развития производственных предприятий и первоочередного внимания на привлечение прямых иностранных инвестиций, а доля частного капитала в ВВП республики должна повышаться в 2,0 раза. Эта мера должна способствовать активному участию республики на новые рынки экспорта товаров отечественного производства, снижению зависимости от импорта потребительских товаров, создать условия для развития реального сектора и роста доходов государственного бюджета. В перспективе на период до 2030 года с учетом всех имеющихся резервов производства объем ВВП на душу населения возрастет в 3,6 раза, уровень бедности сократится в 2,0 раза, и доля населения с средних доходов будет расти от 22 до 50 процентов за этот период инвестиционный климат должен быть улучшен, и доля частного капитала в ВВП повысится в 3,0 раза» [1. С. 36].

Таким образом, ускоренное развитие предпринимательства, в т.ч. инновационный малый и средний сектор реальной экономики представляет собой стратегический путь обеспечения экономического роста республики на предстоящий долгосрочный период до 2030 года и имеет важнейшее

социально-экономические значение в повышении благосостояния народа. Успешное решение этой стратегической задачи требует совершенствования форм и подходов в реализации идеи рыночной реформы, мобилизации потенциальных резервов и потенциала отраслей материального производства, развития человеческого капитала и использования возможностей модернизации и инновационных подходов в секторе предпринимательской деятельности.

**ЛИТЕРАТУРА:**


1. Аминов И. Анализ развития коммерческого предпринимательства в Таджикистане // Вестник Таджикского государственного университета коммерции, 2011, № 1/Душанбе: ТГУК.

2. Арабов, Ф. П. Арзёбии истифодаи экологӣ-иқтисодии заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ: ҷанбаҳои сармоягузорӣ-инноватсионӣ / Ф. П. Арабов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2024. – No. 4-2(55). – EDN MKFFGE.

3. Валиев Н.Ш., Бойназарова М.М Механизм государственной поддержки производственного предпринимательства в сельском хозяйстве. Вестник Технологического университета Таджикистана. - Душанбе. – 2023. - № 2 (53) – С. 152 – 163.

4. Гендерные показатели в дехканских хозяйствах. Статистический сборник. Душанбе, 2023. С. - 14

5. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года. Душанбе, 2016 – С.123

6. Сельское хозяйство в Республике Таджикистан, статистический сборник, Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. Душанбе, 2023, С.15

7. Статистический ежегодник Республики Таджикистан (официальное издание). – Душанбе: Госкомстат Республики Таджикистан. 2023. – С.419

8. Хабибова С.С. Стратегия обеспечения продовольственной безопасности и развитие рынка продовольственных товаров в Таджикистане //

Вестник Таджикского государственного университета коммерции (научно-практический журнал). -Душанбе: ТГУК, 2012, №1 (2). - С. 86-89

9. Шарифов, З. Р. Рақамикунонӣ омили баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ-экологии соҳаи кишоварзӣ / З. Р. Шарифов, Ф. П. Арабов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2024. – No. 3(53). – EDN QVSXCL.

10. Эмомали Рахмон. Послание Основоположника мира и национального согласия, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан в Маджилси Оли Республики Таджикистан от 26 декабря 2023 г. – Душанбе: Изд. компллекс «Шарки озод». – С.36

**Маълумот дар бораи муаллиф: Ҳабибова Сабоҳат Сафиувлоевна -** н.и.и., и. в. дотсент, котиби илмии институти илмӣ таҳқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабз-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, тел.: (+992) 882497171, Email:sabokhat.khabibova.7@mail.ru

**Сведения об авторах: Хабибова Сабохат Сафиувлоевна** – к.э.н., и.о. доцента, учёный секретарь научно -исследовательского института устойчивого развития и зеленой экономики при Международном университете туризма и предпринимательства Таджикистана, тел. (+992) 882497171, Email: sabokhat.khabibova.7@mail.ru

**УДК.: 339**

# НИЗОМИ НИШОНДИҲАНДАҲО ВА АРЗЁБИИ СИФАТИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ КОРХОНАҲОИ ХӮРОКИ ОММА

***Хабибова С.С.*** - *н.и.и., котиби илмии Институти илмӣ таҳқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабз*

Мавзуи тадқиқот самтҳои муосир ва умедбахши низоми нишондиҳандаҳо ва арзёбии сифати хизматрасониҳои хӯроки омма мебошад. Соҳаи хӯроки омма такягоҳи иқтисоди қавии кишвар мебошад. Ҳадафи мақолаи мазкур ин омӯзиши паҳлуҳои гуногуни низоми нишондиҳандаҳои сифати хизматрасонии хӯроки умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Объекти тадқиқот сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи хӯроки умумӣ мебошад. Дар мақолаи зикршуда, инчунин мақсаду вазифаҳои фаъолияти корхонаҳои хӯроки омма пешниҳод шудааст. Дар мақола хулоса шуд, ки вазифаи афзалиятнок дар соҳаи хӯроки умумӣ дар маҷмуъ шароити мусоиди иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ барои пешбурди он фароҳам овардан зарур аст.

**Калидвожаҳо:** бозори хӯроки омма, бозори истеъмолӣ, назорати давлатии бозор, низоми нишондиҳандаҳо, арзёбии сифати хизматрасонӣ, корхонаи хӯроки умумӣ, унсурҳо, соҳаи хӯроки умумӣ.

## СИСТЕМА ПОКАЗАТЕЛЕЙ И ОЦЕНКИ КАЧЕСТВА УСЛУГ ПРЕДПРИЯТИЙ ОБЩЕСТВЕННОГО ПИТАНИЯ

Темой исследования являются современные и перспективные направления системы показателей и оценки качества услуг общественного питания. Пищевая промышленность является основой сильной экономики страны. Целью данной статьи является изучение различных аспектов системы показателей качества общего питания Республики Таджикистан. Объектом исследования является государственная политика Республики Таджикистан в сфере общего питания. В упомянутой статье представлены цели и задачи деятельности предприятий общественного питания. В статье сделан вывод о том, что приоритетной задачей в сфере продовольствия в целом является создание благоприятных экономических и правовых условий для его продвижения.

**Ключевые слова:** рынок общественного питания, потребительский рынок, государственное регулирование рынка, система показателей, оценка качества обслуживания, предприятие общепита, элементы, предприятие общепита.

Дар нақшагирии стратегӣ ва фаъолияти хизматрасониҳои корхонаҳои хӯроки омма системаи нишондиҳандаҳо мавқеи муҳимро мебозад. Барои муайяннамои ҳолати кунунӣ ва рушди минбаъдаи соҳаи хӯроки омма, инчунин дурнамои он зарур аст. Ҳангоми таҳияи системаи нишондиҳандаҳо,

масъалаи марказӣ интихоби самтҳои муҳимми бозори хӯроки омма мебошад. Ба намуди умумӣ ва принсипи ягонаи рушди бозор онро бу ду гурӯҳ чудо менамоянд:

- назорати давлатии бозори хӯроки омма;
- ташкил ва идорракунании корхонаҳои хӯроки омма.

Таҳияи системаи нишондиҳандаҳо дар асоси нишонаҳои зерин муайян менамояд, ки назорати давлатии бозори хӯроки омма аз дигар субъектҳои иқтисодӣ ба кулли фарқ дорад. Аз ин рӯ, барои танзими иқтисодиёт мақсадҳои асосӣ таъмини рушди ҳамаҷонибаи соҳаҳои иқтисодиёт ва ҷузъҳои сохтории он, ҳамчунин таъмини ҳифзи иҷтимоии ҷомеа мебошад. Ҳолати махсуси татбиқи ин ҳадаф таъсиси корхонаҳои хуроки омма барои табақаҳои гуногуни аҳолӣ мебошад.

Дар корхонаҳои тиҷоратии пешниҳодкунандаи хӯроки омма, мақсади асосии фаъолият ин аст, ки дар муддати тӯлонӣ фоида ба ҳадди аксар расонида шавад, гарчанде, ки дар амалияи воқеӣ онҳо бисёр мақсадҳои дигарро пайгирӣ мекунанд.

Мақсади асосии фаъолияти корхонаҳои хӯроки омма инҳоянд:

- максималикунонии даромад – фаъолияти кунунии корхонаҳои хуроки омма бо дар назардошти омилҳои рушди он дар шаҳри Душанбе нишон медиҳад, ки барои максимизатсиякунонии даромад омилҳои зерин: афзоиши ҳаҷми маҳсулоту хизматрасониҳо вобаста ба зиёдшавии аҳолӣ, кам кардани хароҷоти истеҳсолӣ таъсир мерасонанд.
- баланд бардоштани мавқеи корхонаҳои хӯроки омма (сифати баланди маҳсулот ва хизматрасониҳо, ташаккули брендҳои машҳур ва м.и.).

**Расми 1. Мақсади асосии аз фаъолияти корхонаҳои хӯроки омма**

Вазифаи махсуси корхонаҳои дар соҳаи хӯроки омма фаъолияткунанда:

- рушди иқтисодиёти миллӣ ва минтақавӣ (рушди ҳамаҷонибаи соҳаҳо, ҷалби сармоягузорӣ);
- мусоидат ба шуғли пурмаҳсул;
- баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ ва ҳаёти маишӣ;

➢ зиёдкардани даромади корхонаҳои савдо бо васеъ кардани доираи пешниҳоди хизматрасониҳо;

➢ таъмини ғизои хушсифат барои ҳамаи табақаҳои аҳолӣ.

Мақсади асосии назорати давлатӣ ва корхонаҳои хӯроки омма мустақилона амал намудан дар бозор инчунин ба роҳ мондани фаъолияти ҳамсон, ки натиҷаи он барои расидан ба як мақсад равона карда шудааст. Барои ҳамин пеш аз ташкили фаъолият бояд самти фаъолияти корхона ба самти фаъолияти давлат алоқаманд карда шаванд.

1. Аз ин ҷо чунин хулоса намудан мумкин аст, ки самти фаъолияти давлат нисбат ба самти фаъолияти корхонаҳои хӯроки омма гуногунҷабҳа ва васеъ мебошад. [6. С. 132-138].

Таносуби назорати давлатии равандҳои иттилоотӣ дар бозори хуроки омма ва корхонаҳои хуроки омма дар расми зерин пешниҳод карда мешавад (расми 2.)




**Расми 2. Таносуби массиви иттилооти давлатӣ ва корхонаҳои хӯроки омма**

Ҷиҳати ташкили иқтисодии корхонаҳои хӯроки омма бояд дар зинаи аввал ҳалли масъалаҳои сохтории он мадди назар карда шавад, ки онро система ва зерсистемаи нишодиҳандаҳо меномем. Системаи нишондиҳандаҳо дар асоси таҷрибаҳо ва таҳқиқотҳои олимони ватанию хориҷи таҳия карда шудааст (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Системаи нишондиҳандаҳои бозори хӯроки омма дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| СИСТЕМАИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ ХӮРОКИ ОММА | |
|---|---|
| **Гурӯҳи I.** Масъалаҳои ташкилию иттилоотти ташаккули маҳсулоти хуроки омма | **Гурӯҳи II.** Баҳодиҳию пешгӯинамоӣ ва асоснокнамоии масъалаҳои ташаккули корхонаҳои хуроки омма |
| 1. Марҳилаҳои рушд ва ташаккули бозори хурокии омма | Нишондиҳандаҳои иқтисодии ҳолати бозорҳои истеъмолӣ ва бозори хуроки омма |
| 2. Низоми қонуниятҳои хоҷагидорӣ ва назорати давалтӣ | Низоми нишондиҳандаҳое, ки ба ташаккули самтҳои алоҳидаи юбозори хуроки омма равона карда шудааст |
| 3. Вобаста ба шакли фаъолият ҷудо намудани корххонаҳои хуроки омма | Назорати давлатии корхонаҳои хуроки омма |
| 4. Автоматикунониии равандҳои корхонаҳои хуроки омма | Зерсистемаи нишондиҳандаҳои молиявии корхонаҳои хуроки омма |
| 5. Автоматикунонии ситемаҳои пардохти корхонаҳои хуроки омма | Дастрасӣ ба маҳсулоту хизмтараоснихит хуроки ома |

Сарчашма: аз ҷониби муалифони мақола тартиб дода шудааст

Чӣ хеле дар боло қайд намуда будем, унсури асосии бозори хӯроки омма системаи нишондиҳандаҳо буда, паҳлӯҳои микдории ҳодиса ва ҷараёнҳоро бо назардошти хусусиятҳио хоси иқтисодиёт меомӯзад.

Зери мафҳуми «системаи нишондиҳандаҳо» ягон маҷмуи батартибовардашудаи нишондиҳандаҳои байни ҳам алоқаманд ва байни ҳам дар мувофиқабуда фаҳмида мешавад, ки ҷиҳатҳои асосии амалиёти иқтисодӣ ва тамоми иқтисодиётро тавсиф медиҳад. Мувофиқаи байни нишондиҳандаҳои бо роҳи ҳамоҳангсозй ва мутобиқати муайянкунй ва таснифот, ки дар асосашон ҳисобкунии онҳо ба амал меояд, ба даст оварда мешавад.

Мувофиқати нишондиҳандаҳо имконият медиҳад, ки комбинатсияи онҳо истифода бурда шуда, инчунин, коэффитсиентҳои ҳосилавии гуногуни аҳаммияти аналитикии калон дошта ҳисоб карда шавад. Масалан, мувофиқати усулҳои ҳисобкунии нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулот ва пешниҳоди хизматрасониҳои имконият медиҳад, ки коэффитсиенти нисбати ин бузургиҳоро тавсифдиҳанда ҳисоб карда шавад.

Қайд намудан зарур аст, ки нишондиҳандаҳои бозори хӯроки омма ин ё он ҷиҳатҳои ҷараёни иқтисодиро тавсифдиҳанда зерсистемаи системаи умумии иқтисоди куллан тағйир медиҳад. Ҳамин тариқ, системаи

нишондиҳандаҳои бозори хуроки омма аз маҷмуи зерсистемаи байниҳамалоқаманди иттилооти иқтисодӣ иборат аст. Масалан, чунин зерсистемаҳо, нарх, молиёт, харид, фурӯш ва ғайра маҳсуб меёбанд.

Мафҳуми «нишондиҳанда» дорои ду маъно аст. Якум, ин тавсифи миқдории мушаххаси ин ё он ҳодиса, масалан шумораи пешниҳодкунандаи хизматрасонии хӯроки омма, дуюм, ин муайянкунии мазмуни умумии ин ё он нишондиҳанда мебошад, яъне унсурҳое, ки бояд ба нишондиҳанда дохил карда шавад. Масалан, муайянкунии ММД он намудҳои пардохтро муайян мекунад, ки корхонаю ташкилоти дар самти мазкур фаъолияткунанда бояд дар ҳисобкунии ин нишондиҳанда дохил намоянд.

Муайянкунии мазмуни нишондиҳанда ва усулҳои баҳодиҳии онҳоро таҳияи методологӣ меноманд. Таҳияи методологӣ чун қоида давраҳои зеринро дарбар мегирад:

- боҳаммонандкунӣ (идентификатсия)-и ҳодиса ва ҷараёнҳои ба омӯзиши ҳолати кунунӣ (муайянкунии намуди маълумоти коркардро талабкунанда), баёнкунии мақсад, ки барояш ин ё он нишондиҳанда бояд ҳисоб карда шавад (масалан, мақсади андозагирии истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ, инчунин суръати рушди иқтисодӣ мебошад). Боҳаммонандкунии нишондиҳандаҳоро дар асоси супоришҳои бевосита ва дархостҳои ташкилоти гуногуни идоракунии давлатӣ гузаронидан мумкин аст.

Аммо аксаран вай бо роҳи омӯзиши барномаҳои давлатӣ ва нақшаҳои тараққиёти иҷтимоӣ- иқтисодӣ, ҳуҷҷатҳое, ки самти сиёсати иҷтимоӣ - иқитисодӣ тавсия шудааст, ба амал оварда мешавад.

2. Боҳаммонандкунии нишондиҳандаҳое, ки бояд коркард шаванд, натиҷаи омӯзиши таҷрибаи байналмиллалӣ, ӯҳдадории мамлакат дар назди ташкилоти байналмилалии иқтисодӣ оид ба пешниҳоди ин ё он иттилоот мебошад;

3. Муайянкунии мазмуни нишондиҳандаҳо;

4. Масалан ҳангоми ҳисобкунии нишондиҳандаҳои корхонаҳо бояд аниқ муайян намоем, ки кадом намуди активҳои иқтисодӣ ба ин нишондиҳандаҳо

дохил мешаванд;

5. муайянкунии усулҳои баҳодиҳии нишондиҳандаҳои алоҳида, масалан намуди нарх, ки бояд барои баҳодиҳии намудҳои гуногуни активҳои корхонаҳои хуроки омма ҳангоми ҳисобкунии сарвати миллӣ истифода бурда мешаванд: нархи харид, нархи гузошташуда ва ғайра;

6. муайянкунии таснифоти асосӣ, ки бояд барои тақсимкунии ҳодисаи иқтисодии омӯхташаванда ба гурӯҳҳои якҷинса дар асоси ин ё он меъёр татбиқ карда шавад [1. С. 45].

Муайянкунии сарчашмаҳои асосии маълумоти барои ҳисобкунии нишондиҳандаҳо зарур, инчунин қоидаи коркарди маълумоти ҷамъовардашуда бо мақсади ҳосилкунии нишондиҳандаҳои умумӣ.

Қайд кардан лозим аст, ки методологияи ҳисобкуни чун қоидаи созиш байни он, ки аз нуқтаи назари назария дастраскунӣ мувофиқи мақсад ва дар амал дар асоси маълумоти мавҷуда ҳосил намудан мумкин аст, мебошад. Масалан, аз нуқтаи назари назариявӣ ҳангоми ҳисобкунии ММД ба он арзиши хизматрасониҳо оиди тайёр кардани таом, пешниҳоди он ба истеъмолкунандагон ва ғайраро дохил намудан лозим аст, аммо дар амалия баҳои эътимоднок гирифтан оиди ин хизматрасонӣ ниҳоят мушкил аст, барои ҳамин методологияи қабулшудаи ҳисобкунии ММД арзиши хизматрасонии корхонаҳои хӯроки оммаро кам дар бар мегирад.

Ғайр аз ин, нишондиҳандаҳо ба ин ё он дараҷаи аниқӣ ба ин ё он дараҷаи тақрибӣ ба воқеият, ки андозагириашон мушкил аст, ҳисоб карда мешавад. Дараҷаи аниқии ҳисобкунии нишондиҳандаҳои алоҳида вобаста аз як қатор омилҳои гуногун мебошад. Масалан, аз мураккабии омӯзиши ҳодисаҳо, дараҷаи гуногуни таснифоти он, инчунин аз талаботи аниқии маълумот аз тарафи истеъмолкунандаи иттилоот, ки дар навбати худ аз мақсади истифодабарии онҳо вобаста аст. Бисёр нишондиҳандаҳо фақат барои ошкоркунии тамоюли умумии тараққиёти иқтисодӣ зарур аст, барои ҳамин ба таври аниқ ҳисоб кардани онҳо зарур нест. Идораҳои марбута бояд меъёрҳои махсус қабул кунанд, то ки ба хатоиҳои тавсифи мунтазам роҳ надиҳанд. Дар

омор хатоиҳои тасодуфӣ ва мунтазам аз якдигар фарқ мекунанд. Хатоиҳои тасодуфӣ маъмулан дар вақти татбиқи усулҳои мушоҳидаи интихобӣ ба амал меоянд. Онҳо якдигарро ҳангоми ба дараҷаи нисбатан баланди ҷамъкунии маълумот гузаштан бартараф мекунанд.

Бояд мадди назар намуд, ки системаи нишондиҳандаҳои бозори хӯроки оммаро зурур аст, ки дар оянда ҷиҳати таҳлили аниқ ва муайян намудани ҳолати кунуниии бозори хӯроки омма [2. С. 76].

Аз нигоҳи мо, дар шароити муосир сифати хизматрасонҳои корхонаҳои хӯроки омма ба се усул вобаста аст: сифати хизматрасониҳои корхонаҳои савдои умумӣ, сифати пешниҳоди хизматрасониҳо ба истифодабарандагони маҳсулоти хӯроки омма, коршиносони корхонаҳои савдои маҳсулоти хӯроки омма. Чунин меҳисобем, ки самти асосии фаъолияти корхонаҳои хуроки омма баҳои иқтисодӣ ба сифати маҳсулоту хизматрасониҳои хуроки омма мебошад. [5. С.86-89].




**Расми 3. Қаноатмандии талабот ба иштирокчиёни бозори хӯроки омма ва самтҳои зоҳирёбии он**

Аз дигар нуқтаи назар таъсири истеъмолкунандагон дар раванди

пешниҳоди хизматрасонии хӯроки омма на ҳамавақт баҳои воқеии хизматрасониро боло мебарад, балки раванди пешниҳоди онро метизонад ва гирдгардиши маҳсулоти хӯроки оммаро васеъ менамояд. Самти дигари фаъолияти корхонаҳои хӯроки омма бо дарназардошгти омилҳои субъетивӣ ва объективӣ ташаккул меёбад, ки онро миқдоран ва сифатан боло рафтани сифати маҳсулоти хизматрасонии хӯроки омма номидан мумкин аст.

Ба сифати омили объективӣ зиёд шудани талаботи умумӣ аҳоли таъсир расонад ба омили субъективӣ зиёдшдуани талабот ба ҳар як иштирокчии бозори хуроки оммаро дар назар дорад.

Дар натиҷаи таҳқиқотҳо чунин қайд намудан мумкин аст, ки нишондиҳандаҳои асосии бозори хӯроки омма дар зинаҳои зерин (Ҷадвали 2) тавсиф карда мешавад [3. С. 12].

**Ҷадвали 2. Тавсифи нишондиҳандаҳои асосии бозори хӯроки омма [4. С. 102]**

| ГУРӮҲИ НИШОНДИҲАНДАҲО | ТАВСИФИ НИШОНДИҲАНДАИ ХИЗМАТРАСОНИҲО |
|---|---|
| Ҳолати базаи модию техникии корхонаҳои хӯроки омма | Таъмини корхонаҳои хӯроки омма бо таҷҳизотҳои навтарини соҳа |
| | Дар амалия татбиқ намудани зизматрасониҳо бо истифодаи технологияҳои навтарин |
| | Мутобиқ намудани корхонаҳои хӯроки омма ба ҳолати санитариву гигиентӣ |
| Намуди хизматрасонӣ ва сифати маҳсулоти пешниҳодгардида | Нишон додани намудҳои асосии хизматрасонӣ ва маҳсулоти хӯроки омма дар лавҳаҳо |
| | Пур кардани намуд ва номгӯи хизматрасониҳо |
| | Сифати баланди хизматрасониҳои пешниҳодгардида |
| Салоҳиятнокӣ ва касбияти корхонаҳои хӯроки омма | Мавҷудияти фазои боэътимод ва ҳамдигарфаҳмии кормандони хӯроки омма |
| | Муносибат, некӯӣ ва эҳтиром муносибати коркунони соҳа ба истеъмолкунандагон |
| | Имконият фароҳам овардан ҷиҳати қабул ва додани машварат ба иштирокчиён |
| | Дастрас гардонидани иттилотҳои зарурӣ ба иштирокчиён |
| | Равон намудани диққати асосӣ ба мизоҷон |
| | Қобилияти таҳлил ва пешгӯинамоии талаботи харидорон |
| | Салоҳияти баланди кормакнд ва муносибати шахсӣ ба мизоҷон |
| Мавқеи пешниҳоди хизматрасонӣ ва суръати хизматрасонӣ | Ҷойгиршавии корхонаи хӯроки омма дар ҷойҳои серодам |
| | Шароити мусоид барои дастрасӣ ба хизматрасонӣ |
| | Аз байн бурдани фосила ҳангоми дастрасӣ ба хизматрасонӣ |

Сарчашама: аз ҷониби муаллифи мақола мустақилона тартиб дода шудааст.

Ҳамин тариқ, мо пешниҳод менамоем, ки гурӯҳҳои асосии нишондиҳандаҳо оид ба арзёбии сифати хизматрасонии маҳсулоту хизматрасониҳои хӯроки омма: заминаи моддию техникии корхонаҳо;

ассортимент, нарх ва сифати маҳсулоту хизматрасонии хӯроки омма; касбияти кормандон; бехатарии хизматрасониҳо ва риояи қоидаҳои он; дастрасии иттилоотҳои марбута дар раванди пешниҳоди хизматрасониҳои иловагӣ; ҷойи пешниҳоди хизматрасонҳо, намуди фаъолияти корхонаи дар ин самт фаъолияткунанда ва суръати хизматрасонӣ мебошад.

**АДАБИЁТ:**


1. Фадеева, З.О. Общественное питание в условиях рыночной экономики // Сборник материалов научно-практической конференции «Современные тенденции развития общественного питания и сервиса» - Екатеринбург. Изд-во УрГЭУ, 2007. С.312

2. Экономика предприятий торговли и общественного питания: под ред. Т. И. Николаевой, Н. Р. Егоровой. М.: КноРус, 2008. – С.399

3. Ресторанный рынок – 2021: открыты десятки новых ресторанов URL: http: // www. serviceproject.ru (санаи муроҷиат 17.09.25)

4. Проценко. С. Оценка удовлетворенности качеством услуги URL: http://www.archive-online. ru/read/salespro/437. (санаи муроҷиат 23.09.25)

5. Хабибова С.С. Стратегия обеспечения продовольственной безопасности и развитие рынка продовольственных товаров в Таджикистане // Вестник Таджикского государственного университета коммерции (научно-практический журнал). - Душанбе: ТГУК, 2012, №1 (2). - С. 86-89.

6. Хабибова С.С. Система государственного регулирования внутренней торговли товарами и услугами Республики Таджикистан в условиях рыночной экономики// Вестник «Таджикистан и современный мир». Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан. – Душанбе, 2017. – № 2. – С.132-138



**Маълумот дар бораи муаллиф: Ҳабибова Сабоҳат Сафиувлоевна -** н.и.и., и. в. дотсент, котиби илмии институти илмӣ - таҳқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабз-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, тел.: (+992) 882497171, Email:sabokhat.khabibova.7@mail.ru

**Сведения об авторах: Хабибова Сабохат Сафиувлоевна** – к.э.н., и.о. доцента, учёный секретарь научно -исследовательского института устойчивого развития и зеленой экономики при Международном университете туризма и предпринимательства Таджикистана, тел. (+992) 882497171, Email: sabokhat.khabibova.7@mail.ru

ТДУ 663.252.2 (575.3)

# БАҲОИ РАҚОБАТПАЗИРИИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ САНОАТИ КОРКАРДИ АНГУР

***Ҳакимов Л.Р.* -** *ассисенти кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

Мақола ба таҳлили сатҳи рақобатпазирии истеҳсоли маҳсулоти саноати коркарди ангур бахшида шудааст. Дар раванди таҳқиқ, омилҳои асосии таъсирарон ба рақобатпазирӣ, аз ҷумла, сифати ашёи хом, сатҳи технология, арзиши истеҳсол ва сиёсати бозоргирӣ муайян карда шудаанд. Барои баҳодиҳӣ аз усулҳои таҳлили иқтисодӣ ва муқоисавӣ истифода шудааст. Натиҷаҳо нишон медиҳанд,ки рушди рақобатпазирӣ дар соҳаи коркарди ангур ба аланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ ва афзоиши иқтидори содирот мусоидат менамояд. Дар асоси таҳлил, самтҳои асосии беҳтарсозии идоракунӣ ва татбиқи навоварӣ пешниҳод мегарданд.

**Вожаҳои калидӣ:** рақобатпазирӣ, саноати коркарди ангур, истеҳсол, иқтисодиёт, навоварӣ.

## ОЦЕНКА КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ ПРОИЗВОДСТВА ПРОДУКЦИИ ВИНОДЕЛЬЧЕСКОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ

Статья посвящена анализу уровня конкурентоспособности производства продукции винодельческой и перерабатывающей промышленности винограда.В ходе исследования определены основные факторы,влияющие на конкурентоспособность: качество сырья, уровень технологий, себестоиместь производства и маркетинговая политика.Для оценки использованы методы экономического и сравнительного анализа.Результаты показывают, что развитие конкурентоспособности в отрасли переработки винограда способствует повышению экономической эффективности и росту экспортного потенциала.На основе анализа предложены направления совершенствования управления и внедрения инноваций.

**Ключевые слова:** конкурентоспособность, перерабатывающая промышленность, виноград, производство, инновации.

Ҳадафи асосии истеҳсоли маҳсулот ва таъмини рақобатпазирии он дар бозори истеъмолӣ тавассути қонеъсозии талаботи ҳаррӯзаи аҳолӣ баланд бардоштани самаранокии меҳнат ва ба даст овардани фоида мебошад. Аз рӯи қонеъсозии талаботи бозорҳои дохилӣ ва ҳаҷми содироти маҳсулот баҳои рақобатпазирии молу маҳсулотро муайян намудан мумкин аст. Зеро, маҳсулоти истеҳсолгардида, на ҳама вақт ва на дар ҳама шароит истеъмолгари худро пайдо карда метавонад. Бинобар ин, инстеҳсолгаронро зарур аст, ки ба

сифати маҳсулоти истеҳсолияшон аҳмият дода, рақобатпазириро дар худ таъмин намоянд.

Ҳамон маҳсулотеро рақобатпазир гуфтан мумкин аст, ки дар бозори истеъмолӣ талаботаш бештар буда, арзиши худро гум накарда, дар вақтҳои лозима харидорӣ мешавад. Дар ин ҷо, барои истеҳсолкунанда масъалаи сифатнокӣ, бехатарӣ ва эъимоднокии маҳсулот дар madди аввал қарор мегирад.

Ҳарчанд қисми зиёди талаботи бозори истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо истеҳсоли маҳсулоти аз ангур сохташванда, корхонаҳои саноатии бурунмарзӣ таъмин месозанд, вале кам ҳам бошад, дар бозори шадиди рақобат корхона ва коргоҳҳои саноати коркарди ангури ватанӣ дар таъмини аҳолӣ кӯшиш менамоянд саҳми худро гузоранд. Онҳо рақобатпазирии истеҳсоли маҳсулоти саноатии худро тавассути афзоиши ҳосилнокӣ, навоварӣ, тафриқа, сифатнокӣ ва қонеъсозии талаботи мардуми бозор идома медиҳанд.

Дар ин мақола мо аз рӯи ҳаҷми истеҳсол, фурӯш, қонеъсозии талабот ва арзиши маҳсулоти истеҳсолшуда, рақобатпазирии истеҳсоли маҳсулоти саноати коркарди ангурро баҳодиҳӣ менамоем. Тибқи маълумоти омории Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир ҳаҷми истеҳсоли шароби ангур талаботи аҳолиро қонеъ сохта наметавонад. Агар истеҳсоли шароби ангурро мувофиқи оморҳои дастрасгардида таҳлил намоем, аз соли 1991 то соли 2015-ум сол то сол ба дараҷаи баланд коҳиш ёфта, аз 1 млн. 818 ҳазор декалитр ба 9,1 ҳазор декалитр расид. Аз ин ба баъд ҳаҷми истеҳсоли он бо суръати нисбатан хеле паст афзоиш ёфта истодааст.

**Ҷадвали 1. Ҳаҷми истеҳсоли шароби ангур дар солҳои 1991-2021 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, (ҳазор декалитр)**

| 1991 | 1995 | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1818 | 1217 | 389 | 53,6 | 21,5 | 9,1 | 13,1 | 10,1 | 16,4 | 17,6 |

Ин омор шаҳодат аз он медиҳад, ки дар бозори истеҳсолӣ шароби ангур рақобатпазирии худро нисбат ба маҳсулоти воридотӣ ҷиҳати қонеъсозии

талаботи бозори истеъмолӣ аз даст додааст. Яъне, агар жарфтар таҳлил намоем, корхонаҳои истеҳсолии соҳа дар соли 2021 набат ба соли 1991-ум ба бозори истеъмолӣ 103,3 баробар кам шароби ангур пешниҳод намудаанд.

Мувофиқи маълумоти оморӣ талаботи солонаи бозори истеъмолии Тоҷикистон нисбат ба машрубот дар соли 2019 маҷмуан 10 544,7 тонна ҳисобида шуда буд. Вале дар ҳамин сол аз ҷониби корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ 10,1 ҳазор декалитр ё 101 тонна шароби ангур истеҳсол карда шудааст, ки 1%-и талаботи солонаи бозори истеъмолии ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Аз ин рақам 1 798,9 тоннааш аз ҳисоби корхонаҳои саноатии худӣ таъмин карда шуд, ки 17,1%-и ҳаҷми умумии талаботро ташкил медиҳад. 82,9% ё ин ки 8745,8 тоннаи дигарро машруботи аз хориҷи кишвар воридшуда таъмин намудааст.

То солҳои навадуми асри XX шаробҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшуда аз лиҳози рақобатпазирӣ дар бозорҳои хориҷ аз кишвар маъруфияти зиёд доштанд. “Дар намоишгоҳҳои байналмилалӣ онҳо медалҳои тилло ва нуқра ба даст меоварданд ва бо беҳтарин шаробҳои сохти Португалия, Италиё ва ҳатто Фаронса рақобат мекарданд”[13]. Онҳоро дар бозорҳои байналмилалӣ бо номҳои машҳури худ мешинохтанд. Ҳар як тамғаи шароби тоҷикӣ бо хусусиятҳои худ аз ҳам тафовут дошт. Аз рӯи хусусиятҳои худ ҳар як навъ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ муштарии худро пайдо карда буд. Масалан, “шаробҳои сафеди "Душанбе" ва "Помир", шаробҳои бандарии "Тоҷикистон", "Қӯрғонтеппа" ва шароби "Тайфӣ" дар тамоми қаламрави Иттиҳоди Шуравӣ аз талаботи зиёд бархурдор буд. “Шаробҳои ширини сурх "Вахш", "Ҳисор", "Ҷаус", "Арал", "Тагобӣ", "Ширинӣ" ва "Орзӯ" низ қадр мешуданд”[13]. Маъруфияташон то ҳадде боло рафта буд, ки аз се ду ҳиссаи маҳсулоти дар дохил истеҳсолшуда, ба хориҷи кишвар содирот мегардид. Вале аз баҳои рақобатпазирии истеҳсоли маҳсулоти саноати коркарди ангур, махсусан шароби ангурро ба шӯҳрати солҳои қаблӣ муқоиса намудан ғайриимкон аст. Яъне бо андозаи 1% қонеъсозии талаботи солонаи бозори

истеъмолии дохилӣ баҳои рақобатпазии шароби ангури ватаниро муайян карда намешавад.

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шароби ангур дар шароити хона ва дар коргоҳу корхонаҳои саноатӣ бо технологияҳои кӯҳна ҳаҷман кам истеҳсол карда мешавад. Истеҳсолоти дастӣ ва истифодаи технологияи кайҳо кӯҳнашуда наметавонад тараққиёти соҳаро таъмин созад. Ҳаҷми ками истеҳсоли шароби ангур ва ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ набудани он маъруфияташро дар бозорҳои ҷаҳонӣ аз байн бурдааст. Ҳамин аст, ки баъзе шаробсозон ба хотири ба фурӯш рафтани маҳсулоташон дар бозори истеъмолӣ аз мавқеи рақобатпазирии шаробҳои машҳури ширкатҳои хориҷӣ истифода бурда, маҳсулоти худро бо тамғаҳои онҳо пешниҳоди бозор менамоянд. Яъне ҷиҳати пайдо намудани мавқеи худ ва рақобатпазир гардонидани маҳсулоташон дар бозор ба навоварӣ чандон майл надоранд. Ҳамин аст, ки самаранокии соҳа аз байн рафта, дар шароити иқтисоди бозорӣ рақобатпазирии шаробҳои аз ангур истеҳсолшуда дар маҷмуъ баҳои баландро соҳиб шуда наметавонад.

Дар баҳодиҳии рақобатпазирии истеҳсоли маҳсулот маъруфияти тамғаҳои молӣ ва дарёфту пешниҳод намудани брендҳои маҳсулот ба бозорҳои истеъмолӣ ва дараҷаи фурӯши он мавриди назари хос мебошад. Чунки корхонаҳои истеҳсолӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ аз рӯи бадастории фоида амал карда, дар сурати афзоиши даромаднокӣ пайи ҷӯёи имкониятҳои нави дар бозори истеъмолӣ рақобаткунанда мегарданд. Дар ин сурат, барои пахшкунии мавқеи ҳамтоёни истеҳсолиашон дар бозори истеъмолӣ, брендҳои худро месозанд. Моли соҳиби бренд аз рӯи қоидаҳои хоси бозорӣ баҳои баланди истеҳсол ва истеъмолиро дорост. Чунки он аз лиҳози сифатнокӣ ва таъмини бехатарӣ аз ташхисҳои сатҳи байналмилалӣ гузаштааст.

Дар солҳои охир аз сабаби маҳдуд будани иҷозати хати истеҳсол ва фурӯши шароб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи брендҳои молии шароб кам ба қайд гирифта шуда, истеҳсолгарон дар бозор рақобати ошкоро намекунанд.

Зимни мушоҳидаи бозори истеъмолӣ маълум гардид, ки дар тарабхонаву ҷойҳои маишӣ ҳарчанд талаботи муштариён ба истеҳсолоти ватанӣ зиёд бошад ҳам, вале қисми зиёди талаботро моли хориҷӣ қонеъ месозад. Дар ин кор муосиргардонии хати истеҳсол дар корхонаҳои саноатӣ зарурат дорад. Чунки яке аз қоидаҳои таҳрикдиҳандаи иқтисодиёти бозоргонӣ ин муносибати навҷӯёна мебошад. Баракси ин, бештари корхонаҳои шароббарорӣ дар асоси дастурамали алакай куҳнашуда фаъолияти худро пеш мебаранд. Аз ин рӯ, рақобатпазириашон дар бозори истеъмолӣ ба таври доимамалкунанда таъмин буда наметавонад.

Дар сурати роҳандозии технологияҳои пешқадам дар пешбурди фаъолияти истеҳсоли маҳсулоти саноати коркарди ангур, аз ҷумла шароби ангур қобилияти рақобатпазирии он дар бозори истеъмолӣ баланд гардида, талабот ба он меафзояд. Ин ба афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот таъсири мусбат расонида, барои муайянсозии баҳои рақобатпазирии он дар муносибатҳои истеҳсолӣ кумаки амалӣ хоҳад кард.

Дар ин ҷо рақобатпазирии истеҳсоли маҳсулоти саноати коркарди ангурро танҳо дар мисоли истеҳсол ва фурӯши шароби ангур баҳодиҳӣ намудан анҷоми шакли томи масъалаи мавриди пажуҳиш қароргирифта нест. Зеро, маҳсулоти дигари аз ангур истеҳсолгардида мавҷуд аст, ки ҳарчанд ҳисоботи омории онҳо дар рӯйхати номгӯи маҷмуи маҳсулоти саноатӣ то имрӯз мушахас нагардида бошад ҳам, вале дар бозори истеъмолӣ мавқеи устувори худро аз лиҳози рақобатпазирӣ алакай пайдо намудаанд. Сифати аълои онҳо ба арзиши баланди маҳсулот таъсири мусбат расонидааст. Мисоли инро дар меваи хушки ангур (мавиз) дидан мумкин аст, ки дар бозори истеъмолӣ нархи он аз рӯи сифат ва навъ аз ҳам тафовуд дорад. Яъне, дар вақти ҳосилғундорӣ агар як килограмм ангур дар назди хоҷагихои токпарвар аз 80 дирам то 1 сомонию 50 дирамро дар шакли савдои яклухт ташкил диҳад ва дар бозори истеъмолӣ нархи он ба 3-5 сомонӣ баробар аст. Нархи мавиз бошад, дар ҳама мавсим бетағйир буда, аз рӯи сифат ва наъи барориш аз 30 сомонӣ то 120 сомонӣ мебошад.

Аз рӯи нархҳои овардашуда баҳодиҳӣ намудан мумкин аст, ки даромаднокии истеҳсоли маҳсулоти саноати коркарди ангур аз ангур ҳамчун ашёи хоми коркардшаванда, аз 30 то беш аз 100 маротиба зиёд аст. Рақобатпазирии сифати аълои он дар бозорҳои дохилию хориҷӣ то ин ҷониб мавқеи устувори худро аз даст надодааст.

Навъи мавизи аз ангури бедона тайёршуда, нисбат ба навъҳои дигар баҳои баланди рақобатпазириро дар бозори истеъмолӣ дорост. Бинобар ин, афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли он дар пешбурди соҳа заминаи устуворро поягузорӣ менамояд. Барои афзоиши ҳаҷми истеҳсоли он корхонаҳои саноати коркарди ин гуна маҳсулотро бо технологияҳои навтарин ҷиҳозонидан ва тафриқаю навоварӣ намудан ҳангоми таҳияи навъҳои рақобатпазир бар мусоидати кор аст.

ҶДММ “Шарбати мева”-и шаҳри Бӯстон дар қатори коркарди дигар маҳсулоти кишоварзӣ ба истеҳсоли мураббои ангури кишмиши бедона машғул мебошад. Ҳарчанд ин навъи маҳсулот дар бозори истеъмолӣ рақобатпазир бошад ҳам, вале ба ҳама дастрас нест. Афзоиши ҳаҷми истеҳсолу муътадил нигоҳ доштани арзиши он самаранокии иқтисодии корхонаро дучанд мегардонад. Дар ин ҷо қоидаҳои аз бозор ба корхона ва аз корхона ба бозорро ба кор бурдан лозимият дорад. Яъне, дар натиҷаи таҳлили талаботи ҳаррӯзаи бозори фурӯш истеҳсоли маҳсулотро ба роҳ мондан ва пашниҳоди густурдаи маҳсулоти тайёр ба бозори истеъмолӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

ҶДММ “Субҳи Хуҷанд” ва сехи истеҳсолии “Ҷамшеди Ҷаҳонгир”-и шаҳри Хуҷанд истеҳсоли шарбати ангурро бо тамғаи “Асалин” аз рӯи фармоиш ба роҳ мондаанд. Арзиш ҳар як қуттии шартии истеҳсолгардида дар бозори истеъмолӣ аз 11 то 15 сомониро ташкил медиҳад. Ҳарчанд фоиданокиаш зиёд бошад ҳам баҳои рақобатпазирии онро баланд арзёбӣ намудан аз эҳтимол дур аст. Чунки баҳои баланди рақобатпазирӣ ба молу маҳсулоте марбут аст, ки дар ҳамаи бозору марказҳои савдо мавҷуд аст ва дар сифату бехатарии он шакҳу шубҳа нест, аз рӯи арзиш бошад, ба ҳама дастрас

мебошад. Вале шарбати ангури тамғаи “Асалин” дар бозор харидори кам дорад, ки ин ба васеъгардонии ҳаҷми истеҳсол таъсир мерасонад.

Ҷиҳати соҳибияти баҳои баланди рақобатпазирии маҳсулот ва афзоиши самаранокии иқтисодии корхона усули корбарии навҷӯёна дар истеҳсолот бо роҳи бакордарории зеҳнияти кормандони болаёқат аҳаммиятнок аст. Ин хароҷоти зиёди иловагиро талаб накарда, номгӯи нави маҳсулоти корхонаро пайдо менамояд. Дар натиҷа талаботи муштариёни бозор қонеъ гардонида шуда, аз ин ҳисоб даромаднокии корхона зиёд мегардад.

Дар рақобатпазирии истеҳсоли маҳсулоти саноати коркарди ангур паҳлуҳои муҳимме, ки дар маркази таваҷҷуҳи харидор қарор дорад сифатнокӣ, арзиши маҳсулот, фаъолияти маркетингӣ ва симои маҳсулот ё борҷомакунонӣ мебошад. Дар ин ҷо истеҳсолкунанда аз шароити бозор бевосита вобастагӣ дорад.

Ҳангоми баҳодиҳии рақобатпазирии истеҳсоли маҳсулот дар бозори истеъмолӣ хусусиятҳои сифативу миқдории он истифода мешаванд. Чунки ин хусусиятҳои арзёбишаванда меъёри рақобатпазирӣ мебошанд.

Хусусиятҳои сифатӣ меъёрест, ки қобилияти маҳсулотро ҷиҳати қонеъсозии талаботи таъиншуда муайян мекунад. Аз рӯи ин меъёр дар баҳодиҳии рақобатпазирии истеҳсоли маҳсулоти саноати коркарди ангур хусусиятҳои сифатии зерин дар назар дошта мешавад:

- риояи меъёрҳои таркибии муайяншудаи маҳсулоти истеҳсолшаванда тибқи дастурамали истеҳсолӣ;
- аз ташхиси сифатӣ гузаронидани маҳсулот;
- кафолати таъмини бехатарӣ;
- мутобиқати истеҳсоли маҳсулот ба меъёрҳои стандартҳои миллӣ;
- мутобиқати истеҳсоли маҳсулот ба меъёрҳои стандартҳои байнидавлатӣ;
- мутобиқати истеҳсоли маҳсулот ба меъёрҳои стандартҳои минтақавӣ;
- мутобиқати истеҳсоли маҳсулот ба меъёрҳои стандартҳои байналмилалӣ;

- нигоҳдории дурусти маҳсулот мутобиқи меъёрҳои муқараргардида;
- риояи қоидаҳои асосӣ ҳангоми интиқоли маҳсулот;
- шакли дурусти борҷомакунӣ.

Ҳар яки инҳо чун занҷира бо ҳам пайвастагӣ доранд. Дар сурати риоя нагардидани яке аз талаботҳо маҳсулот қобилияти рақобатпазириашро дар бозори истеъмолӣ аз даст дода, талаботаш миёни ҳамтоёни худ кам мегардад. Бинобар ин, корхонаҳои истеҳсолиро зарур аст, ки тамоми меъёрҳои муқараргардидаро дар пайвастагӣ риоя намоянд.

Хусусиятҳои миқдорӣ меъёри муайянкунанда ва қонесозандаи талаботи бозор мебошад. Аз рӯи ин меъёр нишондиҳандаҳои ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти корхона муайян карда мешавад.

Ҳангоми баҳодиҳии рақобатпазирии истеҳсоли маҳсулоти саноати коркарди ангур дар иқтисоди бозорӣ хусусиятҳои миқдории зерин дар назар дошта мешавад.

- иқтидори истеҳсолӣ
- нишондиҳандаҳои ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот
- муайянкунандаи ҳаҷми талаботи бозорӣ
- миқдори фурӯш
- қонеъсозии талаботи ҳаррӯзаи бозор
- дарёфти коэффисиенти молиявии маҳсулот
- муайянкунандаи ҳаҷми хароҷот ва даромад
- миқдори содироти маҳсулот
- муайянкунандаи миқдори ашёи хоми коркардшаванда аз рӯи иқтидори истеҳсолӣ
- миқдори муайянкунандаи арзиши маҳсулот
- ҳаҷми дастрасӣ ба истифодабарандагони ниҳоӣ
- арзёбии рақобатпазирии маҳсулот дар бозори истеъмолӣ

Дар баҳодиҳии рақобатпазирии истеҳсоли маҳсулот як гурӯҳ олимон ақидаҳои худро баён карда, усулҳои баҳодиҳии рақобатпазириро мувофиқи назари хеш тасниф намудаанд. Дар ин ҷо назари илмии Алексеева А.И.,

Васильев Ю.В., Малеева А.В., Ушвицкий Л.И. мавриди таваҷҷуҳи ин ҷониб аст. Чунки онҳо усулҳои баҳодиҳии рақобатпазириро дар шароити иқтисоди бозорӣ, ки ба мавзуи мавриди таҳқиқи мо қароргирифта, мувофиқ аст, мушахасан муайян намудаанд:

- усулҳои матритсавӣ – дар асоси баҳодиҳии портфели маҳсулоти ширкат;
- усулҳои маҳсулот – дар асоси арзёбии рақобатпазирии маҳсулоти корхона;
- усулҳои кор - дар асоси баҳодиҳии ҷузъҳои гуногуни фаъолияти амалиётии ширкат;
- усулҳои баҳодиҳии арзиши тиҷорат – дар асоси арзёбии арзиши бозории тиҷорат
- усулҳои динамикӣ - дар асоси баҳодиҳии нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии ширкат дар динамика;
- арзёбии пурра - дар муқоиса бо дигар иштирокчиёни бозор аз рӯи як қатор нишондиҳандаҳои интихобшуда;
- арзёбии якҷоя – маҷмуи якчанд усулҳои таҳлили рақобатпазирӣ. Он дар таҳлили ширкатҳои калоне, ки дар якчанд сегментҳои бозор амал мекунанд, истифода мешавад [2, с. 312].

Аз лиҳози назариявӣ ҳар як усули баҳодиҳии рақобатпазирӣ хусусиятҳои хоси худро доро мебошад. Дар рақобатпазирии истеҳсоли маҳсулоти саноати коркарди ангур чунин усулҳои баҳодиҳии рақобатпазирӣ дар шароити Тоҷикистон аз ҷониби корхонаҳои истеҳсолӣ ҳанӯз мукаммал корбарӣ намегарданд. Муайянсозии усулҳои баҳодиҳии рақобатпазирӣ дар мавриде сурат мегирад, ки агар портали ягонаи истеҳсоли маҳсулоти саноати коркарди ангур ташкил карда шавад.

Агар рақобатпазирии истеҳсоли маҳсулоти саноати коркарди ангурро аз рӯи усулҳои матритсавӣ, ки дар асоси баҳодиҳии портфели маҳсулоти ширкат сурат мегирад, натиҷагирӣ карда шавад, модели фаъолияти корхонаҳои коркард дар ин ҷо муайян мегардад.

Аз оне, ки хати истеҳсолии бисёре аз корхонаҳои саноати коркарди меваю сабзавот дар шакли омехта аст, яъне дар як вақт коркарди якчанд намуди маҳсулотро ба роҳ мемонанд, баҳодиҳии рақобатпазирии истеҳсоли маҳсулоти саноати коркарди ангур ба ғайр аз корхонаҳои махсуси шароббарорӣ дигар навъҳои маҳсулоти саноатии он мураккаб гаштааст.

Баҳодиҳии рақобатпазирии истеҳсоли маҳсулоти саноати коркарди ангур бар асоси усули рақобатпазирии истеҳсоли маҳсулот дар шароити иқтисодиёти бозорӣ тибқи мушоҳидаҳо самаранок тавзеҳ мегардад. Чунки имрӯз дар бозор мавқегирии анвои гуногуни маҳсулоти аз ангур истеҳсолгардида боло гирифта, рақобатпазирии худро алакай ба назар намоён сохтаанд. Бо ин усули корбарӣ корхонаҳои истеҳсолӣ метавонанд бозорҳои ватаниро пурра ба дасти худ гиранд.

Мушоҳидаи бозори истеъмолӣ ошкор намуд, ки фақат баҳодиҳии рақобатпазирии истеҳсоли маҳсулоти саноати коркарди ангурро ба ду номгӯи маҳсулоти саноатии он – шароб ва меваи хушки он марбут донистан равост. Чунки дигар навъи маҳсулоти саноатии он талаботи бозорро аз рӯи барориш қонеъ сохта наметавонад.

Ҳарчанд номгӯи истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои саноатии Тоҷикистон назар ба номгӯи маҳсулоти саноатии кишварҳои ангурпарвар кам бошад ҳам, вале аз лиҳози сифату таъм ва арзиш аз маҳсулоти воридотӣ кам нест. Яъне агар жарфтар назар андозем, меваи хушки ангур ё мавиз мувофиқи навъаш дар бозори истеъмолӣ арзиши худро дорад ва бо сифати аълои худ аз маҳсулоти воридотшаванда пасттар пешниҳоди мардум гардонида мешавад. Дар сурати тақвият ёфтани номгӯи маҳсулоти корхонаҳои истеҳсолӣ рақобат миёни моли хориҷию дохилӣ пайдо гардида, самаранокии соҳа аз ҳисоби истеҳсоли маҳсулоти навтавлид меафзояд.

Натиҷагирии усулҳои кор, ки дар асоси баҳодиҳии ҷузъҳои гуногуни фаъолияти амалиётии ширкат сурат мегирад, он ба пешрафти корхона нақши калидӣ дорад.

Бисёре аз менеҷерони корхонаҳои саноатӣ аз ин усул ба таври фаровон истифода мебаранд. Дар ин ҷо идея ва қобилияти меҳнатӣ барои корхона муҳиммият дорад. Аз сабаби мавсимӣ будани аксари корхонаҳои саноати коркарди ангур қувваи корӣ ба таври кироя истифода бурда мешавад. Барои самаранокии ин усули корбарӣ, муҳайёсозии инфрасохтори корхонаҳо ҷиҳати захираи ашёи хоми маҳаллӣ барои дар ҳама мавсим фаъолият кардани корхонаи истеҳсолӣ зарур мебошад.

Ҳамчунин, барои фаъолияти амалиёти корхонаи истеҳсолӣ кормандони бомаҳорат бояд ҷалб намуд, то ки иқтидори асосӣ ба кор бурда шавад.

Агар мавзуи мавриди таваҷҷуҳро аз рӯи усулҳои баҳодиҳии арзиши тиҷорат арзёбӣ намоем, дар ин ҷо мувофиқатии арзиши маҳсулоти истеҳсолгардида ба бозори тиҷорат дар назар дошта мешавад. Яъне, бояд маҳсулот тарзе истеҳсол карда шавад, ки бо ҳама хароҷот ва даромаднокӣ дар бозори истеъмолӣ бо арзиши муайяни худ рақобат карда тавонад. Дар ин кор дарёфти роҳҳои кам намудани хароҷот барои корхонаи истеҳсолӣ ҷиҳати таъсири манфӣ нарасонидан ба бозори тиҷорат авлавият дорад. Ин роҳ ба бештар кардани фоидаи соф таъсири мусбат расонида, рушди корхонаро таъмин менамояд.

Агар қиёс намоем, дар бозори истеъмолӣ арзиши тиҷоратии маҳсулоти корхонаҳои саноати коркарди ангури Тоҷикистон аз маҳсулоти воридотӣ пастар аст. Масалан, агар арзиши мавизи навъи дуюми корхонаҳои истеҳсолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бозор аз 25 то 45 сомониро ташкил диҳад, ин намуди маҳсулоти хориҷӣ ба 45 – 60 сомонӣ баробар аст. Навъи аълои он дар шакли савдои яклухт аз рӯи нархҳои муқоисашаванда 60 – 80 сомонӣ ва маҳсулоти хориҷии он 80-120 сомониро ташкил медиҳад. Ин дар ҳолест, ки маҳсулоти тоҷикӣ табиӣ, аз лиҳози экологӣ тоза ва дар баъзе ҳолат бо таъми лазизу сифати хуби худ аз моли воридотӣ боло меистад.

Мувофиқи баҳодиҳии усулҳои динамикии рақобатпазирии истеҳсоли маҳсулоти саноати коркарди ангур нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии ширкат дар динамика оварда шуда, аз рӯи он фаъолияти корхонаи саноатӣ ба

роҳ монда мешавад. Чунончӣ, корхонаи истеҳсолӣ мувофиқи иқтидори истеҳсоливу талаботи бозори фурӯши маҳсулот ҳаҷми ангури коркардшаванда, истеҳсоли маҳсулоти тайёр, ҳаҷми фурӯш ва ғайра, ки ба рушди иқтисоди корхона муҳиммият дорад, баҳодиҳӣ намуда, омори онро дар динамика муайян месозад.

Ҳангоми баҳодиҳии рақобатпазирии истеҳсоли маҳсулоти саноати коркарди ангур мувофиқи усулҳои динамикӣ суръати рушд ё таназулёбии онро низ зуд маълум намудан мумкин аст. Дар ин ҷо омори нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии соҳа ва сатҳи иҷроиши он нақши асосӣ дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи сохторҳои дахлдор нишондиҳандаҳои оморӣ барои давраи муайян тарҳрезӣ карда шуда, барои иҷроиши он имкониятҳои мавҷуда ба кор бурда мешавад. Яъне ҷиҳати иҷрои нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ истифодаи иқтидорҳои мавҷуда ва ба кор даровардани корхонаҳои нави истеҳсолӣ дар асоси лоиҳа ва барномаҳои соҳавӣ роҳандозӣ карда мегардад. Мисоли инро дар ҷадвали зерин мушахасан дидан мумкин аст:

Пажуҳиши ин мавзуъ мувофиқи арзёбии баҳодиҳии усулҳои динамикӣ муайян намуд, ки рақобатпазирии соҳа марҳила ба марҳила таъмин мегардад. Далели ин барзиёд иҷро шудани дурнамои нишондиҳандаҳои иқтисодии соҳа дар давраи мавриди таҳқиқ қарор гирифта мебошад. Мисоли инро дар ҷадвали зер мушоҳида намудан мумкин аст:

Ҳамин тариқ, арзёбии рақобатпазирии саноати коркард ба усулҳо ва равишҳои гуногун асос ёфтааст. Метод вобаста ба мақсади омӯзиш, вазифаҳои гузошташуда, хусусиятҳои интизоршаванда ва натиҷаҳои интизоршаванда интихоб карда мешавад. Бояд қайд кард, ки дар ҳар як ҳолати мушаххасе, ки корхона дар он ҷойгир аст, интихоби оптималии усули арзёбии рақобат гуногун хоҳад буд [3, с. 135].

**Дурнамои ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти асосии саноати хуроквории дар солҳои 2020-2025**

| | Воҳиди | 2018 | Солҳо | | | | | | Афзоиши соли 2025 нисбати соли 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2025 | |

| Номгӯйи маҳсулот | ченак | (амалан) | | | | | | | (фоиз/баробар) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Хушкмева | ҳазор тонна | 2,9 | 3,3 | 4,0 | 4,3 | 4,6 | 5,1 | 5,5 | 1,8 бар |
| Консерваҳо | млн қуттии шартӣ | 23,5 | 39,1 | 46,9 | 48,7 | 50,2 | 51,7 | 53,2 | 2,2 бар |
| Шароби ангурӣ | ҳазор дал | 13,1 | 14,5 | 16,0 | 17,6 | 19,4 | 21,3 | 23,4 | 1,7 бар |

**Эзоҳ:** Дурнамо Барномаи рушди саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025

**Дурнамо ва сатҳи иҷрои ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти асосии саноати хурокворӣ дар солҳои 2020-2021**

| Номгӯйи маҳсулот | Воҳиди ченак | Дурнамои соли 2020 | Иҷрои соли 2020 | Афзоиш | Дурнамои соли 2021 | Иҷрои соли 2021 | Афзоиш |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Хушкмева | ҳазор тонна | 3,3 | | | 4,0 | | |
| Консерваҳо | млн қуттии шартӣ | 39,1 | | | 46,9 | | |
| Шароби ангурӣ | ҳазор дал | 14,5 | 16,4 | 1,9 | 16,0 | 17,6 | 1,6 |

Аз ҷониби дигар рақобатпазириро метавон аз рӯи арзёбии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ба гурӯҳҳо тақсим намуд.

Аввалан нишондиҳандаҳое, ки самаранокии фаъолияти истеҳсолӣ ва хоҷагидории корхонаро тасниф мекунанд. Дар ин ҷо фоидаи соф аз арзиши фондҳои асосӣ, фурӯш ва маблағи муомилот мавриди таваҷҷуҳ қарор дода мешавад.

Дуюм нишондиҳандаҳои фаъоли интенсивии истифодабарии фондҳои асосӣ ва маблағҳои дар муомилот буда натиҷагирӣ карда мешаванд. Ба ин гурӯҳ даромади соф аз фонди муомилоти соф; фоидаи соф аз фурӯши фондҳои асосӣ ба сармоя, воситаҳои асосӣ бо арзиши дороиҳои воқеӣ, даромади соф аз арзиши ашёи инвентаризатсия, инвентаризатсияи сармояи кории холис дар таносуб арзёбӣ мегардад.

Ба гурӯҳи сеюм нишондиҳандаҳоие мавриди таваҷҷуҳ аст, ки фаъолияти молиявиро тасниф карда, аз рӯи мувофиқатӣ сохтори онҳо фарқ мекунанд. Чунончӣ, қарзи кӯтоҳмуддат ба арзиши воситаҳои асосӣ, қарзи ҷорӣ бо арзиши

дороиҳои соф, сармояи муомилотӣ аз рӯи ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат ва ӯҳдадориҳои дарозмуддат оид ба сармояи кории холис мавриди назари хос мебошад.

Когденко В.Г. дар монографияи худ гурӯҳҳои нишондиҳандаҳоро тасниф намуда, онҳоро ба нишондиҳандаҳои арзиш, нишондиҳандаҳои фоида, нишондиҳандаҳои натиҷа, нишондиҳандаҳои мустақилияти молиявӣ, нишондиҳандаҳои мавқеи ширкат дар бозор ва нишондиҳандаҳои нуфузи ширкат ҷудо кардааст. [4, с. 201].

Воситаи муҳимме, ки барои арзёбии рақобатпазирии истеҳсоли маҳсулоти саноати коркарди ангур истифода мешавад, ин омӯзиши ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи молистеҳсолкунанда ва рақибони он, инчунин таҳдидҳо ва имкониятҳои корхона аз муҳити беруна ба шумор меравад. Дар натиҷаи гузаронидани пажуҳиш рӯйхати ҷиҳатҳои қавӣ ва заъфи тиҷорат, инчунин таҳдидҳо ва имкониятҳои байни онҳо тартиб дода шуда, ислоҳи он рақобатпазирии истеҳсоли маҳсулоти саноати коркарди корхонаро эътимодноку қавӣ мегардонад.

Бояд тазаккур дод, ки яке аз вазифаҳои мавриди таҳлил қарор додани паҳлуҳои қавӣ ва заифи молистеҳсолкунанда, рақибони он ва тартиб додани рӯйхат ин баррасии ҳама комбинатсияҳои имконпазир мебошад, ки ҳангоми таҳияи стратегия муҳиммият дорад.

Ҳамчунин, дар ин ҷо на танҳо қобилияти муайян кардани таҳдидҳо ва имкониятҳо, балки баҳодиҳии онҳо аз нуқтаи назари аҳаммияти ҳар як таҳдид ва имкониятҳое, ки дар стратегияи корхона пешбинӣ карда шудааст, арёбӣ мегардад, ки ин барои ширкат зарур мебошад.

Дар баҳои рақобатпазирии истеҳсоли маҳсулоти саноати коркарди ангур нишондиҳандаҳои хароҷоти бастабандӣ ва интиқол, сарфи маблағҳои гумрукӣ, таблиғ ва маркетинг бояд дар назар дошта шаванд. Ҳисоб кардани онҳо аз рӯи шартҳои мутлақ ва нисбӣ бар мусоидат кор мебошад.

Инчунин, арзёбии дараҷаи самаранокии иктидорҳои истеҳсолӣ, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар як соат, рӯз ва моҳи тақвимӣ, ҳаҷми кори корхона

(шумораи коргарон дар як баст, миқдори машинаҳои корӣ) барои рушди корхона, ки воситаи асосии таъминкунандаи рақобатпазирӣ мебошад, муҳиммият дорад. Чунки аз рӯи ин даромаднокии истеҳсоли маҳсулот, қобилияти пардохт, ҳиссаи ӯҳдадориҳо, ҳаҷми хароҷот барои тавсеаи тиҷорат ва тадқиқот муайян карда мешавад.

Воситаи дигари баҳои рақобатпазирии истеҳсоли маҳсулоти саноати коркарди ангур муайянсозии мавқеи маҳсулот дар бозор мебошад. Дар натиҷаи ин ҳиссаи фурӯши махсулот дар нуқтаҳои савдои яклухт, ҳиссаи маҳсулоти корхона дар занҷирҳои чакана ва шумораи муштариёни доимӣ дар ҳаҷми умумии талабот муайян карда мешавад. Ин нишондиҳандаҳо бо истифода аз тадқиқоти маркетингӣ арзёбӣ карда шуда, самаранокии ҳамкорӣ бо истеъмолкунандагон ва миёнаравонро инъикос мекунанд.

Баҳои рақобатпазии маҳсулотро ҳамон вақт метавон баланд арзёбӣ намуд, ки агар эътимоди истеъмолкунандагон ба истеҳсолкунанда қавӣ бошад. Дорои бренди махсус, сертаваҷҷуҳ, эътимод зиёд ба маҳсулот ва хати истеҳсолӣ ва суръати баланди харидро дар бозори истеъмолӣ соҳиб бошад ва ба таври доимӣ фаъолият намояд.

**АДАБИЁТ:**


1. Алексеева А.И., Васильев Ю.В., Малеева А.В., Ушвицкий Л.И. Комплексный экономический анализ хозяйственной деятельности: учебное пособие. М.: КНОРУС, 2017. 672 с.

2. Портер М.Ю. Международная конкуренция: конкурентные преимущества стран / М. Портер; под ред. и с предисл. В. Д. Щетинина. М.: Международные отношения, 1993. 895 с.

3. Шеремет А. Д. Комплексный анализ хозяйственной деятельности. М.: Инфра-М, 2019. 416 с.

4. Когденко В.Г. Методология и методика экономического анализа в системе управления коммерческой организацией: монография. М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2017. 543 с.

5. Жукова М.А. Теоретические и методические аспекты управления конкурентными преимуществами организации // Вестник Университета (Государственный университет управления). 2017. № 5. С. 16-20.

6. Павленко Н.С. Показатели конкурентоспособности // Аграрное образование и наука. 2017. № 1. С. 58.

7. Савицкая Г.В. Анализ хозяйственной деятельности предприятия: Учебник. М.: ИНФРА-М, 2019. 536 с.

8. Дариенко О.Л. Повышение конкурентоспособности в системе оценки конкурентных преимуществ и стимулирования // Инновационные технологии в машиностроении, образовании и экономике. 2017. Т. 10. № 4-4 (6). С. 28-36.

9. Тимирязева С.В. Методы оценки и пути повышения эффективности деятельности предприятий // Интернет журнал Счет: Учет [Электронный ресурс]. URL: http://schetuchet.ru/metody-ocenki-i-puti-povysheniya-effektivnosti-deyatelnosti-predpriyatij/ (дата обращения 19.11.2020).

10. Щетинина Е.Д. Факторы, влияющие на формирование конкурентных преимуществ предприятия в современных условиях // Белгородский экономический вестник. 2017. № 1 (85). С. 31-39.

11. Коновалова Т.Л. Внутриотраслевая конкуренция: стратегии и методы // Аграрный научный журнал. 2018. № 3. С. 78-83.

12. Оё шароби Тоҷикистон шуҳраташро боз хоҳад ёфт. https://sputnik-tj.com/20210103/Oyo-sharobi-Tajikistan-shuratashro-boz-khoad-yoft-1032550024.html

**Маълумот оид ба муаллиф: Ҳакимов Лутфулло Раҳматуллоевич** – ассисенти кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, телефон: +992111810104

**Сведения об авторе: Хакимов Лутфулло Рахматуллоевич** – ассисент кафедры экономики и упровления Таджикского государственого педогогичесгого университета имени С. Айни, телефон: +992111810104.

# ТАҶРИБАИ КИШВАРҲОИ ХОРИҶӢ ОИД БА МЕХАНИЗМИ ТАЪМИНИ СИФРТАХРИБИ ИСТИФОДАИ ЗАМИН

***Ҳусайнов С.М.*** *- ассистенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ*

Дар мақолаи мазкур масъалаи истифодаи устувори замин ва пешгирии равандҳои деградатсия, шидат гирифтани тағйирёбии иқлим, афзоиши аҳолӣ, фишори рузафзуни антропогени ба экосистемаҳо бараси шудааст. Инчунин, доир ба истифодаи таҷрибаи давлатҳои хориҷа ҷиҳати дар амал татбиқ намудани роҳҳои конскпсияи сифртахрибӣ ва пешгирӣ намудани дегратaтсия маънидод карда шудааст. Дар таҳқиқоти гузаронидашудаи кишварҳои хориҷӣ натиҷаҳои бадастори ҷиҳати механизми таъмини сифртахриби истифодаи заминҳои кишоварзиро дидан намудем ва барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳатҳои мусбии онро дар таҳқиқотҳои илмии худ мавриди барраси қарор дода шуд.

**Калидвожаҳо:** истифодаи замин, таъмини сифртахриб, механизм, деградатсия, тағйирёбии иқлим, кишварҳои хориҷӣ.

# ОПЫТ ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАН ПО МЕХАНИЗМУ ОБЕСПЕЧЕНИЯ НУЛЕВОГО РАЗРУШЕНИЯ ЗЕМЛЕПОЛЬЗОВАНИЯ

В статье рассматривается проблема устойчивого землепользования и предотвращения процессов деградации, усиления изменений климата, роста населения и усиления антропогенной нагрузки на экосистемы. Также объясняется, как использовать опыт зарубежных стран для внедрения концепций нулевого разрушения и предотвращения деградации. В исследованиях, проведенных за рубежом, мы увидели достигнутые результаты в плане механизма обеспечения нулевой деградации сельскохозяйственного землепользования, а для Республики Таджикистан его положительные стороны были рассмотрены в собственных научных исследованиях.

**Ключевые слова:** землепользование, обеспечение нулевого сноса, механизм, деградация, изменение климата, зарубежные страны.

Масъалаи истифодаи устувори замин ва пешгирии равандҳои деградатсия аз ибтидои асри XXI дар маркази таваҷҷуҳи ҷомеаи байналмилалӣ қарор гирифтааст. Дар заминаи шиддат гирифтани тағйирёбии иқлим, афзоиши аҳолӣ ва фишори рӯзафзуни антропогенӣ ба экосистемаҳо, аксари давлатҳо зарурати гузариш ба модели нави идоракунии заминро эътироф намуданд. Ҳамин аст, ки консепсияи “сифртахриб” (Land Degradation Neutrality – LDN) ба унвони як парадигмаи ҷаҳонӣ қабул гардид ва ҳамчун ҳадафи махсуси

Барномаи рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид (SDG 15.3) дар соли 2015 ба низомҳои миллии сиёсати замин ворид шуд.

Таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки механизми таъмини сифртахриб бештар ба мутобиқсозии иқтисодиёт ва сохтори идоракунӣ бо принсипҳои рушди устувор такя мекунад. Давлатҳое, ки барномаҳои миллии LDN-ро амалӣ месозанд, ҳадаф доранд тавозуни байни истифода ва барқарорсозии заминро таъмин намоянд, то ки майдонҳои кишоварзӣ на танҳо ҳосилнокӣ ва арзиши иқтисодии худро ҳифз кунанд, балки нақши экологии онҳо низ дар барқарорсозии муҳити зист ва коҳиши газҳои гулхонаӣ эҳё гардад.

Дар сатҳи амалӣ таҷрибаи Чин, Ҳиндустон, кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ва як қатор давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Африқо собит месозад, ки муваффақияти сиёсати “сифртахриб” аз ҳамоҳангии се унсур вобаста аст: такмили низоми қонунгузорӣ ва институтсионалӣ, механизмҳои иқтисодӣ ва ҳавасмандгардонӣ барои деҳқонон ва хоҷагиҳо, ва ҷорӣ намудани технологияҳои “сабз” ва усулҳои муосири мониторинг. Маҳз, пайвастшавии ин омилҳо ба ҳам имкон медиҳад, ки кишварҳо дар баробари таъмин намудани амнияти озуқаворӣ, вазифаҳои экологии барқарорсозии заминро низ иҷро кунанд [1].

Ҳамин тавр, омӯзиши таҷрибаи давлатҳои пешсаф дар соҳаи LDN барои Тоҷикистон аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Аз як тараф, он ба таҳкими асосҳои илмӣ ва методологии механизми идоракунии захираҳои замин кӯмак мерасонад, аз ҷониби дигар, заминаи муқоисавӣ фароҳам меорад, ки дар асоси он самтҳои афзалиятноки миллии сиёсати ҳифзи замин ва коҳиши деградатсия муайян карда шаванд.

Дар Иттиҳоди Аврупо масъалаи ҳифзи замин ва пешгирии деградатсия ба яке аз самтҳои калидии сиёсати умумии экологии қитъа табдил ёфтааст. Ҳанӯз аз охири солҳои 1990-ум, ИА зарурати таҳияи Стратегияи ҳифзи хок (Soil Protection Strategy)-ро дарк намуд, ки ҳадафаш на танҳо муҳофизати қабати ҳосилхези замин, балки таъмини устувории истеҳсолоти кишоварзӣ ва

нигоҳдории экосистемаҳои маҳаллӣ буд. Дар идомаи ин раванд, соли 2006 Комиссияи Аврупо ҳуҷҷати асосии стратегиро қабул кард, ки минбаъд ҳамчун замина барои ҳамоҳангсозии сиёсати миллӣ дар ҳамаи кишварҳои узви ИА хизмат намуд [2].

Бо қабули Ҳадафҳои рушди устувор (SDGs) соли 2015, Иттиҳоди Аврупо яке аз аввалин блокҳои сиёсӣ буд, ки консепсияи «Land Degradation Neutrality» (сифртахриб)-ро ба барномаҳои миллӣ ворид кард. Дар ҳуҷҷати European Green Deal (2019) ва махсусан дар стратегияи «From Farm to Fork» ва «EU Biodiversity Strategy 2030» масъалаи сифртахриб ҷойгоҳи муҳим дорад. Ҳадафи асосӣ - то соли 2030 қатъ намудани равандҳои деградатсияи замин ва ба сифати ҳадди ақал барқарорсозии 25% заминҳои харобшуда мебошад [3].

Механизмҳои асосии таъмини сифртахриби истифодаи замин ИА инҳо мебошанд.

**Механизмҳои қонунгузорӣ ва институтсионалӣ**. Дар сатҳи қонунгузории ИА, кишварҳои аъзо вазифадор шудаанд, ки барномаҳои миллӣ оид ба идоракунии замин ва хокро таҳия намоянд. Барои мисол, Олмон ва Фаронса қонунҳои махсус оид ба ҳифзи хок қабул кардаанд, ки бо низоми назорати давлатӣ ва мониторинги мунтазам дастгирӣ мешаванд. Илова бар ин, Иттиҳоди Аврупо системаи ягонаи маълумоти географӣ (LUCAS – Land Use/Cover Area Frame Survey) таъсис додааст, ки сол ба сол вазъи истифода ва сифати заминро дар сатҳи қитъавӣ арзёбӣ мекунад.

**Механизмҳои иқтисодӣ ва ҳавасмандгардонӣ.** Сиёсати умумии кишоварзӣ (Common Agricultural Policy – CAP) яке аз воситаҳои асосии татбиқи механизми сифртахриб ба шумор меравад. Деҳқонон ва хоҷагиҳо аз буҷети умумии ИА дастгирии молиявӣ мегиранд, аммо ба шарте ки меъёрҳои экологии истифодаи заминро риоя кунанд. Масалан, онҳо уҳдадоранд:

- кишти чархзаниро ҷорӣ кунанд;
- ҳадди истифодабарии нуриҳои минералиро кам намоянд;
- минтақаҳои муҳофизатиро дар атрофи заминҳои обӣ нигоҳ доранд;

– қисми муайяни заминро барои ҳифзи гуногунии биологӣ (greening) ҷудо кунанд [4].

Ин гуна механизмҳо на танҳо ҳамчун воситаи ҳифзи замин, балки ҳамзамон ҳамчун модели устувори ҳавасмандгардонӣ хизмат мекунанд.

**Технология ва мониторинг**. ИА яке аз пешсафон дар ҷорӣ намудани GIS-технологияҳо, мониторинги моҳворавӣ ва системаи Copernicus мебошад. Бо ёрии ин абзорҳо вазъи хок, дараҷаи эрозия, сатҳи намнокӣ ва тағйирёбии иқлимӣ пайваста назорат карда мешаванд. Ин иттилоот барои таҳияи сиёсати миллии кишварҳои аъзо ва барномаҳои минтақавӣ истифода мегардад.

Татбиқи ин механизмҳо имконият дод, ки дар як қатор кишварҳои аъзо нишондодҳои мусбат ба даст оварда шаванд Чунончи, дар Испания ва Португалия барномаҳои «agroforestry» ба коҳиши эрозияи хок дар минтақаҳои хушк мусоидат карданд. Дар Олмон сатҳи истифодаи нуриҳои минералӣ то 20% кам шуда, ҳосилнокӣ ба шарофати усулҳои органикӣ ва чархзании киштҳо нигоҳ дошта шуд. Дар кишварҳои Шарқии ИА, аз ҷумла Литва ва Лаҳистон, барномаҳои ҳифзи замин бо татбиқи усулҳои кишоварзии органикӣ ва дастгирии молиявии деҳқонон тавсеа ёфтанд ва ғ. [5]

Дар баробари ин, Иттиҳоди Аврупо камбудиҳои худро низ эътироф мекунад. Аз ҷумла, нобаробарии иқтисодӣ байни кишварҳои аъзо (масалан, байни Олмон ва Болгария) боис мегардад, ки на ҳама давлатҳо имкони сармоягузории кофӣ ба барномаҳои барқарорсозии замин дошта бошанд. Ҳамчунин, истифодаи технологияҳои гаронбаҳо барои кишварҳои камтараққӣ мушкил боқӣ мемонад [6].

Таҳлили таҷрибаи ИА нишон медиҳад, ки барои Тоҷикистон низ як қатор унсурҳои ибратомӯз мавҷуданд, а ҷумла:

– системаи мониторинги мутамарказ. Бо истифода аз GIS ва маълумоти моҳворавӣ, назорати вазъи замин метавонад ба таври мунтазам амалӣ гардад;

– ҳавасмандгардонии иқтисодӣ. Дастгирии хоҷагиҳо барои гузариш ба кишоварзии органикӣ ва усулҳои каммасраф метавонад намунаи хуб бошад;

– интегратсияи сиёсати давлатӣ. Мисли САР, дар Тоҷикистон низ метавон барномаҳои ҳифзи заминро бо сиёсати умумии кишоварзӣ ҳамоҳанг кард;

– баланд бардоштани нақши ҷомеа. Дар кишварҳои ИА аҳолӣ ва созмонҳои шаҳрвандӣ дар раванди назорат ва татбиқи барномаҳо фаъолона иштирок мекунанд.

Ҳамин тавр, таҷрибаи Иттиҳоди Аврупо собит месозад, ки механизми сифртахриб на танҳо як ҳадафи экологӣ, балки як воситаи комплексии рушди устувори иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Барои кишварҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла Тоҷикистон, истифодаи чунин таҷрибаҳо имконият фароҳам меорад, ки барномаҳои миллӣ бо стандартҳои ҷаҳонӣ мувофиқ гарданд ва ҳамзамон ба таъмини амнияти озуқаворӣ ва ҳифзи муҳити зист мусоидат кунанд.

Чин яке аз кишварҳои пешсаф дар самти татбиқи консепсияи «Land Degradation Neutrality» ба ҳисоб меравад. Масъалаи ҳифзи замин ва пешгирии деградатсия дар ин кишвар аҳаммияти фавқулода дорад, зеро беш аз 40% майдони кишвар ба минтақаҳои биёбоншаванда ва хушк тааллуқ дошта, тақрибан 25% аҳолӣ мустақиман аз ин заминҳо вобастаанд. Тибқи маълумоти UNCCD, Чин яке аз аввалин давлатҳое буд, ки барномаи миллии «сифртахриб»-ро таҳия ва онро ҳамчун ҳадафи стратегии рушди устувор пазируфт [7].

Ҳукумати Чин дар солҳои охир қонунгузории махсусро ҷорӣ намуд, ки ба ҳифзи хок ва барқарорсозии замин равона шудааст. Қонуни Soil Pollution Prevention and Control Law (2019) вазифаи назорати давлатӣ ва масъулияти корхонаҳоро барои ифлоскунии замин муқаррар мекунад. Илова бар ин, барномаи миллии Land Restoration and Desertification Control Program амалӣ гардида, то соли 2030 ҳадафи барқарорсозии беш аз 100 млн гектар замини деградатсияшуда гузошта шудааст [8].

Сиёсати Чин ба таври ҳамоҳанг бо ҳадафҳои рушди устувор ва консепсияи «иқтисоди сабз» амал мекунад. Барои ҳар як минтақа нақшаҳои

алоҳида таҳия мешаванд, ки дар онҳо истифодаи об, замин ва захираҳои биологӣ бо нишондиҳандаҳои мушаххас маҳдуд карда шудааст.

Лоиҳаи «Девори сабз» яке аз барномаҳои бузургтарин дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад, ки ҳадафаш коҳиши биёбоншавӣ дар минтақаи шимолии Чин мебошад. Дар доираи он садҳо миллион дарахт шинонда шуда, миллионҳо гектар замини харобшуда ба гардиши кишоварзӣ баргардонида шуд. Аз соли 1999 то имрӯз дар доираи ин барнома зиёда аз 15 млн гектар замини кишоварзии нозук ва осебпазир ба ҷангал ва чарогоҳ табдил дода шудааст. Ин иқдом ҳамзамон ба коҳиши эрозияи хок ва зиёд шудани гуногунии биологӣ мусоидат кардааст [9].

Ҳукумат барои деҳқонон ва хоҷагиҳое, ки усулҳои устувори истифодаи заминро ҷорӣ мекунанд, субсидия ва имтиёзҳои молиявӣ ҷудо мекунад. Ин механизм «пардохт барои хизматрасониҳои экосистемавӣ» ном дорад ва яке аз абзорҳои асосии ҳавасмандгардонӣ мебошад. Аз тарафи дигар, Чин аз системаҳои муосири GIS, мониторинги моҳворавӣ, дронҳо ва зеҳни сунъӣ барои назорати ҳолати замин ба тавр васеъ истифода мебарад. Масалан, дар ҳар сол барқароршавии хок ва коҳиши эрозия тавассути маълумоти моҳворавии Gaofen satellites чен карда мешавад.

Дар натиҷаи татбиқи ин барномаҳо ва чорабиниҳо, Чин ба як қатор дастовардҳои назаррас ноил шуд. Аз ҷумла, тибқи ҳисоботи FAO (2022), суръати паҳншавии биёбоншавӣ дар Чин нисбат ба солҳои 1990–2000 беш аз ду маротиба коҳиш ёфтааст. Инчунин , соли 2020, зиёда аз 30 млн гектар замин барқарор шуда, қобилияти истеҳсолии онҳо то 20–30% афзоиш ёфт [10]. Нишондодҳои гуногунии биологӣ беҳтар гардида, шумораи намудҳои эндемикии набототу ҳайвонот дар минтақаҳои барқароршуда зиёд шудааст. Илова бар ин, истифодаи васеи кишоварзии органикӣ ва системаҳои «climate-smart agriculture» имконият дод, ки ҳамзамон ҳосилнокӣ нигоҳ дошта шавад ва таъсири манфӣ ба муҳити зист кам гардад.

Таҷрибаи Чин собит месозад, ки механизми сифртахриб танҳо бо роҳи барномаҳои комплексӣ, дастгирии давлатӣ ва истифодаи технологияҳои

инноватсионӣ натиҷа медиҳад. Ин кишвар тавонист равандҳои биёбоншавиро ба таври назаррас боздорад ва заминаи рушди устувори кишоварзӣ ва иқтисоди сабзро фароҳам оварад. Барои Тоҷикистон, ки низ бо мушкилоти деградатсияи замин рӯ ба рӯ аст, таҷрибаи Чин метавонад ҳамчун намунаи арзишманд хизмат кунад, махсусан дар самти барқарорсозии заминҳои харобшуда, ҳавасмандгардонии деҳқонон ва ҷорӣ намудани мониторингҳои муосир.

Россия яке аз бузургтарин кишварҳои ҷаҳон бо иқтидори калони заминҳои кишоварзӣ мебошад. Майдони умумии заминҳои кишоварзии кишвар зиёда аз 385 млн гектарро ташкил медиҳад, ки тақрибан 13% ҳамаи заминҳои кишоварзии ҷаҳон аст. Бо вуҷуди ин, масъалаи деградатсияи замин дар Россия хеле мубрам мебошад: тибқи маълумоти Хадамоти федералии назорати захираҳои табиӣ (Росприроднадзор), тақрибан 40 млн гектар замин дар ҳолати харобшуда қарор дорад, аз ҷумла заминҳои шӯр, ботлоқшуда ва ба эрозия дучоргардида. Дар чунин шароит, масъалаи таъмини «сифртахриб» дар сиёсати давлатии Россия аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Ҳукумат ба зарурати мутобиқ сохтани сиёсати кишоварзӣ бо ҳадафҳои рушди устувор ва стандартҳои байналмилалӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамояд.

Асоси ҳуқуқии ҳифзи замин дар Россияро Кодекси замини Федератсияи Русия (2001, бо ислоҳоти минбаъда) ва Қонуни федералии "Дар бораи ҳифзи муҳити зист" (2002) ташкил медиҳад. Ин қонунҳо на танҳо истифодаи мақсадноки замин, балки зарурати пешгирии деградатсия ва барқарорсозии қобилияти истеҳсолии хокро пешбинӣ мекунанд. Илова бар ин, дар ин кишвар Стратегияи миллии ҳифзи замин ва барномаи давлатии «Рушди кишоварзӣ ва танзими бозорҳои кишоварзӣ барои солҳои 2013-2025» амал мекунад, ки яке аз вазифаҳои калидии он беҳсозии ҳолати хок ва рушди технологияҳои каммасрафи кишоварзӣ мебошад. Дар сатҳи институтсионалӣ, масъулияти асосӣ ба зиммаи Вазорати кишоварзии Федератсияи Россия, Росприроднадзор, инчунин сохторҳои минтақавии ҳифзи муҳити зист вогузор шудааст [11].

Дар ин кишвар барномаҳои амалии барқарорсозии замин татбиқ мешаванд. Аз ҷумла:

1. Барномаи миллии мубориза бо биёбоншавӣ ва таназзули замин. Барнома бо дастгирии СММ ва ГЭФ (Глобальный экологический фонд) татбиқ мешавад ва ҳадафи асосии он барқарорсозии заминҳои осебпазир дар минтақаҳои ҷанубии Россия, аз ҷумла дар Калмикия, Астрахан ва қисми шимолии Қафқоз мебошад.

2. Лоиҳаи федеролии "Ҳифзи ҳосилнокии хок". Дар доираи ин лоиҳа тадбирҳои гуногун, аз ҷумла ҷорӣ намудани кишти чархзанӣ, кишоварзии органикӣ ва технологияҳои безиравӣ (no-till) амалӣ мешаванд. Ҳамзамон, барои хоҷагиҳои деҳқонӣ дастгирии молиявӣ пешбинӣ шудааст, ки ҳадафаш ҳавасмандгардонии истифодаи усулҳои заминсарфакор мебошад.

3. Барномаҳои минтақавӣ. Дар вилояти Белгород, модели «агроэкосистемаҳои устувор» бо ҷорӣ намудани кишти чархзанӣ ва маҳдуд кардани истифодаи нуриҳои минералӣ татбиқ шудааст. Дар вилояти Ставропол бошад, барномаҳои мубориза бо эрозия тавассути сохтани хатҳои муҳофизатӣ ва истифодаи алафҳои техникӣ амалӣ мешаванд.

Россия таҷрибаи қавии илмӣ ва технологияҳои мониторингро истифода мебарад. Аз ҷумла: системаи ягонаи мониторинги замин маълумоти воқеиро оид ба ҳолати хок ҷамъоварӣ мекунад. Мониторинги моҳворавӣ тавассути «Роскосмос» барои муайян кардани нишонаҳои деградатсия, шӯршавӣ ва эрозияи хок истифода мешавад. Тадқиқоти илмии марказҳои академӣ, ба мисли Пажуҳишгоҳи умумирусиягии кишоварзӣ ва ҳифзи хок, асоси илмӣ барои сиёсати давлатӣ фароҳам меорад.

Тибқи ҳисоботи Вазорати кишоварзии Россия (2022), сатҳи истифодаи технологияи кишти чархзанӣ ва «no-till» дар хоҷагиҳои кишвар аз 6% соли 2010 то ба 22% дар соли 2020 афзоиш ёфт. Дар баъзе минтақаҳо, аз ҷумла Белгород ва Липецк, ҳосилнокии заминҳои барқароршуда то 15-20% боло рафт. Бо татбиқи барномаҳои «Grain for Green» дар Қафқози Шимолӣ ва Қазон, заминҳои эрозияёфта қисман барқарор гардиданд [12].

Бо вуҷуди ин, мушкилоти ҷиддӣ боқӣ мемонанд. Пеш аз ҳама, фарқияти калони минтақавӣ дар сатҳи маблағгузорӣ ва имконниятҳои техникӣ сабаби нобаробарии натиҷаҳо мегардад. Илова бар ин, истифодаи аз ҳад зиёди нуриҳои минералӣ ва пестисидҳо дар баъзе минтақаҳо то ҳол мушкилоти экологиро тақвият медиҳад.

Таҷрибаи Россия нишон медиҳад, ки механизми таъмини сифртахриб танҳо дар ҳолате самаранок хоҳад буд, ки се унсур - қонунгузории устувор, дастгирии молиявӣ ва иқтисодӣ ва таҳкими асоси илмӣ ва технология - ҳамоҳанг амал кунанд. Гарчанде мушкилоти калидӣ, аз ҷумла шиддат гирифтани эрозия ва шӯршавии хок, ҳанӯз боқӣ мондаанд, натиҷаҳои барномаҳои амалии Россия собит месозанд, ки бо истифодаи усулҳои муосир ва барномаҳои ҳадафманд имкон дорад равандҳои деградатсия коҳиш дода шаванд. Барои Тоҷикистон, ки низ бо мушкилоти шабеҳ рӯ ба рӯ аст, таҷрибаи Россия метавонад ҳамчун манбаи арзишманд хизмат кунад, махсусан дар самти ташкили системаи миллӣ ва минтақавии мониторинг ва дастгирии иқтисодии истифодабарандагони замин.

Қазоқистон бо майдони зиёда аз 270 млн гектар заминҳои кишоварзӣ аз ҷумлаи калонтарин кишварҳои аграрии ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди ин, дар кишвар мушкилоти ҷиддии деградатсияи замин вуҷуд дорад: зиёда аз 60% қаламрави миллӣ ба равандҳои биёбоншавӣ ва эрозия дучор шудааст. Заминҳои шӯр ва партовӣ, инчунин истифодаи аз ҳад зиёди чарогоҳҳо ва норасоии технологияҳои заминпарварии муосир ба кам шудани қобилияти истеҳсолии замин овардаанд. Ҳамин аст, ки Қазоқистон яке аз аввалин давлатҳои Осиёи Марказӣ гардид, ки консепсияи «Land Degradation Neutrality» (сифртахриб)-ро расман қабул кард ва онро ба сиёсати миллӣ ворид намуд.

Асоси ҳуқуқии идоракунии заминро Кодекси замини Ҷумҳурии Қазоқистон (2003, бо тағйироти минбаъда) ташкил медиҳад. Қонунгузории кишвар талаб мекунад, ки ҳар як истифодабарандаи замин барои нигоҳдории ҳосилнокии хок ва пешгирии деградатсия тадбирҳои зарурӣ андешад. Дар соли 2018 ҳукумати Қазоқистон Стратегияи миллии «сифртахриб»-ро то соли

2030 тасдиқ намуд. Ҳадафи асосии он барқарорсозии заминҳои деградатсияшуда, беҳсозии устувории чарогоҳҳо ва ҷорӣ намудани усулҳои кишоварзии мутобиқ ба иқлим мебошад. Ин стратегия ба Ҳадафи рушди устувор 15.3 (SDG) мутобиқ буда, бо барномаҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ ҳамоҳанг карда шудааст [13]. Барномаҳои амалии миллӣ, ки айни ҳол дар кишвари Қазоқистон дар самти ҳифзи замин татбиқ карда мешаванд, инҳо мебошанд:

1. Барномаи мубориза бо биёбоншавӣ. Дар доираи ин барнома, ки бо дастгирии UNCCD ва FAO амалӣ мегардад, тадбирҳои васеъ оид ба барқарорсозии чарогоҳҳо, пешгирии шӯршавии замин ва рушди агролесомелиоратсия (шинондани дарахтон барои ҳифзи хок) татбиқ мешаванд.

2. Программа «Жасыл Қазақстан» (Қазоқистони сабз). Ин барномаи давлатӣ барои солҳои 2021–2030 пешбинӣ шудааст ва ҳадафаш беҳсозии муҳити зист ва истифодаи устувори захираҳои табиӣ мебошад. Яке аз самтҳои калидӣ коҳиши деградатсияи замин ва зиёд кардани ҳосилнокии чарогоҳҳо мебошад.

3. Рушди кишоварзии органикӣ. Дар солҳои охир Қазоқистон ба рушди истеҳсоли органикӣ диққати зиёд дода истодааст. Ҳукумати кишвар низоми сертификатсияи маҳсулоти органикиро роҳандозӣ кардааст, ки боиси васеъ гардидани бозорҳои содиротӣ ва ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагон мегардад.

Ҳамчунин, Ҳукумати Қазоқистон барои истифодабарандагони замин як қатор имтиёзҳои молиявӣ пешбинӣ кардааст:

– субсидия барои ҷорӣ кардани усулҳои кишоварзии сарфакор (no-till, strip-till);

– қарзҳои имтиёзнок барои хоҷагиҳо, ки кишоварзии органикӣ ё технологияҳои обсарфакорро истифода мебаранд;

– барномаҳои дастгирии чарогоҳҳо, ки ба истифодаи устувор ва барқарорсозии онҳо равона шудаанд [14].

Ғайр аз ин, таҷрибаи «пардохт барои хизматрасониҳои экосистемавӣ» (eco-compensation), ки қаблан дар Чин татбиқ шуда буд, тадриҷан ба Қазоқистон низ ворид мегардад.

Дар натиҷаи татбиқи чорабиниҳои мазкур Аз соли 2018 то 2022 беш аз 2 млн гектар заминҳои деградатсияшуда барқарор гардид. Масоҳати чарогоҳҳои барқароршуда тақрибан 1,5 млн гектарро ташкил дод, ки имкони зиёд шудани ҳаҷми чорводорӣ бе зиёд кардани фишор ба заминро фароҳам овард. Ҳосилнокии зироатҳои асосӣ дар заминҳои таҷдидшуда то 12–15% афзоиш ёфт. Инчунин, содироти маҳсулоти органикӣ ба кишварҳои Аврупо ва Чин афзоиш ёфт, ки он натиҷаи татбиқи низоми сертификатсияи миллӣ мебошад [15].

Бо вуҷуди ин, мушкилоти ҷиддӣ боқӣ мемонад. Аз ҷумла, шӯршавии хок ва камобӣ, ки ба тағйирёбии иқлим алоқаманд аст, то ҳол таҳдиди асосӣ мебошад. Ҳамчунин, дар баъзе минтақаҳо сатҳи истифодаи нуриҳои минералӣ ва фишори чарогоҳӣ аз меъёр зиёд аст.

Умуман, таҷрибаи Қазоқистон собит месозад, ки татбиқи механизми сифртахриб танҳо дар ҳолате самаранок аст, ки сиёсати давлатӣ бо барномаҳои минтақавӣ, дастгирии иқтисодӣ ва мониторинги муосир ҳамоҳанг бошад. Дастовардҳои кишвар дар барқарорсозии заминҳои деградатсияшуда ва рушди истеҳсоли органикӣ барои Тоҷикистон низ ибратомӯз буда метавонанд. Бо истифодаи унсурҳои асосии таҷрибаи Қазоқистон, аз ҷумла субсидияҳои экологӣ ва системаи GIS, Тоҷикистон метавонад самаранокии сиёсати ҳифзи замин ва коҳиши деградатсияро зиёд намояд.

Узбекистон низ яке аз кишварҳои Осиёи Марказӣ аст, ки бо мушкилоти ҷиддии деградатсияи замин ва камобӣ рӯ ба рӯ мебошад. Аз майдони умумии кишвар (44,8 млн га), зиёда аз 60% он ба заминҳои биёбоншаванда тааллуқ дорад. Истифодаи аз ҳад зиёди захираҳои об барои обёрӣ, рушди шадиди пахтакорӣ ва афзоиши шӯршавӣ боис гардид, ки садҳо ҳазор гектар замин қобилияти истеҳсолии худро аз даст диҳанд. Аз ҳамин рӯ, масъалаи татбиқи

механизми «Land Degradation Neutrality» (сифртахриб) дар сиёсати миллӣ барои Узбекистон аҳаммияти фавқулода касб кардааст.

Бо таваҷҷуҳ ба ин, дар солҳои охир Узбекистон ислоҳоти ҷиддӣ дар соҳаи идоракунии замин ва ҳифзи муҳити зист роҳандозӣ намуд. Кодекси замини Ҷумҳурии Узбекистон (1998, бо ислоҳоти минбаъда), Қонуни «Дар бораи ҳифзи замин» (2019) ва Стратегияи миллӣ оид ба ҳифзи муҳити зист барои солҳои 2030 заминаи ҳуқуқии сиёсати зидди деградатсияро ташкил медиҳанд [16].

Дар асоси ин санадҳо, ҳукумат барномаи миллии таъмин сифртахриби заминро (2020–2030)-ро қабул намуд, ки ба SDG 15.3 мувофиқат мекунад. Ҳадафи асосии он - барқарорсозии қобилияти истеҳсолии заминҳои деградатсияшуда, коҳиши сатҳи шӯршавӣ ва зиёд кардани ҳосилнокии кишоварзӣ мебошад. Лоиҳаҳое, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Узбекистон дар ин самт татбиқ намуда истодааст инҳо мебошанд.

1. Барномаи барқарорсозии минтақаҳои аз ҷиҳати экологӣ фалокатбор (Арал). Аз сабаби хушкшавии баҳри Арал, ҳазорҳо гектар замин ба биёбон табдил ёфтааст. Барои барқарорсозии он, ҳукумат дар ҳамкорӣ бо Бонки Умумиҷаҳонӣ, ПРООН ва FAO барномаи махсус роҳандозӣ намуд. Дар доираи он миллионҳо дарахти тобовар ба хушкӣ, аз қабили саксаул, дар заминҳои хушкшуда шинонда шуданд.

2. «Стратегияи оби Узбекистон то соли 2030». Ҳадафаш беҳсозии самаранокии истифодаи захираҳои об ва кам кардани талафоти об мебошад. Ин барнома боиси беҳтар шудани сифати замин ва коҳиши шӯршавӣ мегардад.

3. Рушди кишоварзии органикӣ. Узбекистон қонун дар бораи «Кишоварзии органикӣ» қабул кард (с. 2021), ки ба рушди истеҳсолоти беистифодаи нуриҳои минералӣ ва пестисидҳо равона шудааст. Ин иқдом ба беҳсозии ҳолати хок ва баланд бардоштани арзиши маҳсулоти содиротӣ мусоидат мекунад.

4. Барномаи миллӣ оид ба чарогоҳҳо. Азбаски зиёда аз 50% қаламрави кишвар чарогоҳ мебошад, ҳукумати Узбекистон барномаи махсуси ҳифз ва

барқарорсозии чарогоҳҳоро амалӣ мекунад. Он ба коҳиши фишори чорво ба замин ва афзоиши қобилияти барқарорсозии хок равона шудааст [17].

Ҳамчунин, Ҳукумати Узбекистон барои деҳқонон ва ширкатҳои кишоварзӣ як қатор имтиёзҳо ва дастгирии молиявӣ ҷорӣ кардааст:

– субсидия барои ҷорӣ намудани системаи обёрии қатрагӣ ва дигар технологияҳои обсарфакор;

– қарзҳои имтиёзнок барои лоиҳаҳои органикӣ ва экологии хоҷагиҳо;

– имтиёзҳои андозӣ барои ширкатҳое, ки дар барқарорсозии заминҳои деградатсияшуда фаъоланд.

Ғайр аз ин, механизми шарики давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи кишоварзӣ татбиқ мешавад, ки имкони ҷалби сармояи хусусӣ барои ҳифзи заминро фароҳам меорад.

Дар умум, таҷрибаи Узбекистон собит месозад, ки татбиқи механизми «сифртахриб» танҳо бо роҳи ҳамоҳангсозии сиёсати давлатӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои обсарфакор, рушди кишоварзии органикӣ ва дастгирии иқтисодӣ натиҷа медиҳад. Барои Тоҷикистон, ки низ бо мушкилоти камобӣ ва шӯршавии замин рӯ ба рӯ мебошад, таҷрибаи ҳамсоякишвар метавонад ҳамчун намунаи муҳим хизмат кунад.

Ҳамин тавр, таҳлили таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки механизми таъмини сифртахриб ба унвони як самти калидии сиёсати рушди устувор имрӯз ба таври васеъ истифода мешавад. Дар Иттиҳоди Аврупо ин раванд тавассути ҳамоҳангсозии сиёсати кишоварзӣ ва экологӣ, дастгирии молиявӣ аз ҳисоби CAP ва ҷорӣ намудани системаи мониторинги GIS амалӣ мешавад. Чин бо татбиқи барномаи «Девори сабз», барқарорсозии миллионҳо гектар замин ва истифодаи усулҳои пардохт барои хизматрасониҳои экосистемавӣ ба дастовардҳои назаррас расид. Россия таҷрибаи ҷорӣ намудани кишти чархзанӣ ва технологияи no-till, истифодаи барномаҳои минтақавӣ ва системаи ягонаи мониторингро дорост. Қазоқистон бо қабули стратегияи миллии сифртахриб ва рушди кишоварзии органикӣ нишон дод, ки дастгирии иқтисодӣ ва субсидияҳо омили калидии пешгирии деградатсия

мебошанд. Узбекистон бошад, бо татбиқи барномаҳои барқарорсозии минтақаҳои экологӣ, махсусан ҳавзаи Арал, рушди кишоварзии органикӣ ва истифодаи технологияҳои обсарфакор таҷрибаи арзишманд ба даст овард. Дар маҷмуъ, таҷрибаи байналмилалӣ собит месозад, ки муваффақияти механизми сифртахриб аз мутобиқсозии қонунгузорӣ, ҷорӣ намудани механизмҳои ҳавасмандгардонии иқтисодӣ ва татбиқи технологияи муосир вобаста аст. Барои Тоҷикистон омӯзиши ин таҷрибаҳо аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дошта, метавонад ба таҳияи стратегияи миллии ҳифзи замин ва таъмини амнияти озуқаворӣ мусоидат намояд.

## АДАБИЁТ:


1. Kaliaskarova, Z. K. The agricultural domain of Kazakhstan and improving the land use in agriculture / Z. K. Kaliaskarova, N. K. Bahtygerej, M. K. Kanafija // Молодой ученый. – 2022. – No. 11(406). – P. 66-69.

2. Арабов, Ф. П. Арзёбии истифодаи экологӣ-иқтисодии заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ: ҷанбаҳои сармоягузорӣ-инноватсионӣ / Ф. П. Арабов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2024. – No. 4-2(55). – EDN MKFFGE.

3. Белоруссова, О. А. Проблемы и потребности для улучшения национального кадастра парниковых газов Республики Узбекистан в секторе «Землепользование, изменение землепользования и лесное хозяйство» / О. А. Белоруссова, Ю. И. Ковалевская, Е. Я. Рижия // Экогидромет - новые горизонты: Сборник трудов IV Международной молодежной научно-практической конференции, Санкт-Петербург, 13–14 марта 2025 года. – Санкт-Петербург: Российский государственный гидрометеорологический университет, 2025. – С. 75-77.

4. Драгуленко В.В. Современные стратегии управления земельными ресурсами в аграрном секторе / В. В. Драгуленко, А. Л. Золкин, Л. А. Панкратова, Е. А. Бреусова. – Краснодар: ИП Кабанов В.Б. (издательство "Новация"), 2024. – 180 с.

5. Есжанова, Т. С. Охрана земель в Республике Казахстан. Рекультивация нарушенных земель в системе устойчивого развития землепользования / Т. С.

Есжанова, В. Б. Жарников, А. Л. Ильиных // Вестник СГУГиТ (Сибирского государственного университета геосистем и технологий). – 2024. – Т. 29, № 6. – С. 120-133.

6. Зайналов, Д. Р. Государственные меры поддержки развития АПК Узбекистана / Д. Р. Зайналов // Направления повышения стратегической конкурентоспособности аграрного сектора экономики: Материалы Международной научно-практической конференции, Тамбов, 14 октября 2020 года. – Тамбов: Издательский дом «Державинский», 2020. – С. 26-31.

7. Зиеев, Б. С. Анализ зарубежного опыта регулирования использования земельных ресурсов / Б. С. Зиеев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – № 10-2. – С. 170-181.

8. Зиеев, Б. С. Анализ зарубежного опыта регулирования использования земельных ресурсов / Б. С. Зиеев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – № 10-2. – С. 170-181.

9. Колий, А. С. Повышение эффективности использования ресурсов: мировой опыт и передовые практики / А. С. Колий // Сборник трудов студентов, магистрантов и аспирантов Тульского филиала РЭУ им. Г.В. Плеханова "Молодежь и наука". – Тула: Федеральное государственное бюджетное образовательное учреждение высшего образования Российской Федерации "Российский экономический университет им. Г. В. Плеханова" Тульский филиал, 2024. – С. 44-48.

Руҳ ва бор барои равандҳои физиологӣ-биохимиявии растаниҳо, хусусан дар шароити ногувори стрессӣ муҳимтарин микроэлементҳо мебошанд ва ҳамзамон худи онҳо стрессор ба ҳисоб мераванд. Руҳ ва бор дар заминҳои шӯр ва оҳакдор бештар дида мешаванд ва ҳангоми пурзӯршавии стресси иқлимӣ миқдори онҳо ба маротиб зиёд мешавад. Тахмин меравад, ки миқдори намак дар таркиби хок пас аз 30 сол то ба 0,8-1% ва мутаносибан миқдори бор низ дар таркиби хок зиёд шуда, ба растаниҳои хоҷагии қишлоқ зарар мерасонад.

Руҳ чун муҳимтарин микроэлемент барои муътадил гузаштани равандҳои физиологӣ ва биохимиявии растаниҳо зарур мебошад. Руҳ дар метаболизми карбогидратҳо, синтези сафедаҳо, фаъолгардии ферментҳо (чун кофактор) ва синтези фитогормонҳо (КИУ) иштирок мекунад ва консентратсияи баланди он боиси бздории функсияҳои физиологии растаниҳо мегардад [3].

**Натиҷа ва муҳокимаи таҳқиқот.** Натиҷаи муайян кардани миқдори $H_2O_2$ дар растании картошка дар расми 1 оварда шудааст.




**Расми 1. – Миқдори умумии преоксиди гидорген дар баргҳои *Solanum tuberosum* L. таҳти таъсири ионҳои B, Zn и Zn+B.**

Эҳтимол, микроэлементҳои дорои валентҳои тағйирёбанда ва фитогормонҳо на танҳо ба шуруъшавии равандҳои маҳсулнокӣ, балки ба хуб фаъолият намудани системаҳои про- ва антиоксидантӣ оварда мерасонанд.

Натиҷаҳои расми 1 аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар варианти якуми таҷрибавӣ – ҳангоми ба хок ба миқдори 30мг/кг илова намудани бор ҳолати дар баргҳои картошка ба таври ногаҳонӣ пурзӯршавии раванди ҳосилшавии $H_2O_2$ ба амал меояд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба 5,73 мкмол/г варианти назоратӣ, ба 19,52 мкмол/г вазни тари растанӣ баробар мебошад. Ба хок илова намудани руҳ ҳосилшавии $H_2O_2$-ро то 11,05 мкмол/г ва дар ин варианти таҷрибавӣ, дар натиҷаи ба таври якҷоя ба хок илова намудани руҳ ва бор то 8,27 мкмол/г паст мегардад.




**Расми 2. – Миқдори диалдегиди малонӣ (ДАМ) дар баргҳои *Solanum tuberosum* L. таҳти таъсири ионҳои *B, Zn* ва *Zn+B***

Муайян кардани ДАМ нишон дод, ки илова кардани бор (B) ҳосилшавӣ ва захирашавии ДАМ-ро дар баргҳои растанӣ бештар менамояд. Пас аз коркарди растаниҳо бо рӯҳ (варианти *B* + *Zn*) миқдори ДАМ то ба дараҷаи варианти назоратӣ паст мегардад (расми 2).

Миқдори зиёди $H_2O_2$ ҳосилшуда ҳангоми мавҷудияти бор боиси ҳосилшавии миқдори зиёди ДАМ мегардад, ки дар натиҷаи пурзӯршавии оксидшавии пероксидии липидҳо захира мешавад ва натиҷаҳои бадастомада низ аз ин шаҳодат медиҳанд (расми 2). Шояд илова кардани руҳ мембранаи ҳуҷайраи растаниро барқарор кунад, ки ин вазъ ба пастшавии назарраси миқдори ДАМ дар варианти *Zn* + *B* оварда мерасонад.

Баландшавии миқдори $H_2O_2$ ва ДАМ ба эҳтимолияти дар варианти якуми таҷрибавӣ ба амал омадани боздории фаъолнокии ферментҳои антиоксидантӣ таҳти таъсири ин микроэлемент ишора мекунад. Фаъолнокии каталаза бошад, дар зери таъсири бор якбора паст мегардад (расми 3).

Ҳамин тавр, фаъолнокии каталаза дар варианти назоратӣ 1,95 мкмол/г-ро ташкил намуд. Пас аз коркарди растанӣ бо рӯҳ ё ин ки дар варианти *Zn* + *B* фаъолнокии каталаза то ба дараҷаи варианти назоратӣ зиёд шуд.

Фаъолнокии каталаза дар зери таъсири бор паст шуда, 1,24 мкмол/г вазни тарро ташкил мекунад. Боздории фаъолнокии каталаза ҳангоми мавҷудияти бор 36%-ро ташкил менамояд.

Таҳлили натиҷаҳои бадастоварда нишон медиҳанд, ки дараҷаи устувории растании картошкаи навъи Тоҷикистон ҳадди ақќал аз фаъолнокии дараҷаи баланди системаҳои антиоксидантӣ вобаста аст ва ин фаъолнокӣ бо илова кардани рӯҳ (Zn) ба муҳити кишт пурзӯртар шуда, боиси паст гардидани асари заҳролудкунандагии бор (*B*) мешавад.

Фаъолнокии ферментҳои системаи антиоксидантии растании картошкаи навъи Тоҷикистон дар шароити ногувор, ки таҳти таъсири консентратсияи баланди бор ба амал оварда шуда буд, ба устувории ин навъ нисбати ҳолатҳои стрессӣ ишора мекунад. Картошкаи навъи зикршуда доимо ҳосили хуб дорад ва ба як қатор бемориҳо, аз ҷумла ба бемориҳои вирусӣ устувор буда, дар

тамоми минтақаҳои картошкапарвари Ҷумҳурии Тоҷикистон батаври васеъ кишт карда мешавад.




**Расми 3. – Фаъолнокии каталаза дар баргҳои растании картошка ҳангоми таъсири ионҳои *B, Zn* ва *Zn + B***

Натиҷаи кори иҷрошуда имконият медиҳад, ки масоили мутобиқшавии растаниҳо ба шароити стресси экологӣ амиқтар омӯхта шавад ва дар оянда растаниҳои мадание ҳосил карда шаванд, ки зери таъсири тағйирёбии глобалии иқлим ба шӯрие, ки боиси зиёдшавии бор дар таркиби хок мегардад, бештар мутобиқ бошанд. Дар чунин шароит коркарди самтҳои дар оянда муҳимми физиология ва биохимияи растаниҳо, аз ҷумла танзими мутобиқшавии растаниҳо бо истифодаи омилҳои экзогеннӣ: фитогормонҳо, танзимкунандагони инкишофи растаниҳо, микроэлементҳои дорои валентҳои тағйирёбанда ва пурзӯркунандаи маҳсулнокӣ ва устувории растаниҳо аҳаммияти махсусро касб хоҳад кард.

**Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард**, ки натиҷаҳои бадаст омадаи мо нақши махсуси рухро дар танзими устувории растании картошка ба шароити ногувор ошкор намуд ва ин маълумот метавонанд барои ҳимоя ва устувор шудани растаниҳо дар шароити ногувори тағйирёбии иқлим нақш бозанд. Маълумоти бадастомада нишон доданд, ки ба хок илова кардани бор боиси оксидшавии пероксидии липидҳо гардида, дар натиҷа зиёдшавии миқдори пероксиди гидроген ($H_2O_2$)-ро дар растании картошкаи навъи Тоҷикистон суръат мебахшад ва илова кардани руҳ бошад, боиси бартараф гардидани аломатҳои заҳролӯдшавии дар натиҷаи таъсири бор баамаломада, мегардад.

Зиёдшавии миқдори ДАМ бевосита ба зарарёбии мембрана аз ҳисоби оксидшавии пероксидии липидҳо ишора мекунад. Ҳангоми ба хок илова кардани бор сатҳи диалдегиди малонӣ хеле баланд мегардад ва ин ҳолат ҳангоми коркарди растанӣ бо руҳ бартараф карда мешавад.

**АДАБИЁТ:**


1. Гунес, А. Цинк снимает вызванный бором окислительный стресс у растений фасоли / А. Гунес, А. Инал, И.Г. Багси // Отделение почвоведения и питания растений, Агрономический факультет, Университет Анкары. - Анкара, Турция, – 2009. - № 4. - с. 555-562. - т.56.
2. Сайдализода, С.Ф. Равандҳои физиологӣ ва биохимиявии растании Solanum Tuberosum L. дар шароити абиотикӣ / Сайдализода С.Ф., Қиёмзода З.С. // Монография. Душанбе: - 2022. 128 с.
3. Сайдализода, С.Ф. Экофизиологияи стресс/ Сайдализода С.Ф. // Дастури таълимӣ. Душанбе: - 2024. – 113 с.
4. Юан, К.Х. Физиологический и пропеомный анализ Alternanthera philoxeroids в условиях цинкового стресса / К.Х.Юан, Ж.К. Ши, Ж. Жао, Х. Шань, К.С. Ху // Физиология растений. - 2009. - №4. - С. 546-554. - Т.56.
5. Mitter, R. Oxidative stress. Antioxidants and stress tolerance / R. Mitter // Trends plant sci. – 2002. – V.7. – P. 405 – 410.
6. Yu, Q. Micronutrient deficiency influences plant growth and activities of superoxide dismutase in narrow – leafed lupines / Q. Yu, Z. Rengel // Ann. Bot. - 1999. - V.83. - P. 175 – 182.



**Маълумот дар бораи муаллифон: Сайдализода Саидвали Файзалӣ -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.б., дотсенти кафедраи физиологияи растаниҳо: Суроға**:** 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон**:** +992918886360. E-mail**:** Saidvali-1989@mail.ru . **Саидова Шоҳида Комилҷоновна** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, *магистранти курси 1-уми факултети биологияи ДМТ*: Суроға: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторах: Сайдализода Саидвали Файзали** - Таджикский национальный университет, доцент кафедры физиологии растений: Адрес**:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон**:** +992918886360. E-mail**:** Saidvali-1989@mail.ru. **Саидова Шохида Комилджоновна** – Таджикский национальный университет, магистрант 1 курса биологического факультета: Адрес: 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.

ТДУ.**639. 3.043. 31.**

# СОЛИММОНӢ ВА ВАЗНАФЗУНКУНИИ МОҲИҲО ҲАНГОМИ ИСТИФОДАИ ХӮРОКИ ГИДРОПОНӢ

***Шамсиддинзода Ф.А., Эргашев Д.Д. Ҳоҷиев А.А., Шералиев Ф.Ҷ***

*Институти чорводорӣ ва чарогоҳии АИКТ*

Дар мақолаи мазкур тадқиқот доир ба таъсири истифодаи хӯроки гидропонӣ дар кӯлҳои моҳипарварӣ ба вазнафзункунӣ ва солиммонии моҳиҳои гармидӯст инчунин нишондиҳандаҳои асосие, ки ба раванди умумии инкишофи моҳиҳо алоқаманданд мебошанд дарҷ гардидааст. Солиммонии зағорамоҳиҳои кӯли таҷрибавӣ нисбат ба кӯли назоратӣ 1,8, амури сафед 1, ва мешонағафси сафед 1,5% баланд мебошад.

**Калидвожаҳо:** хӯроки гидропонӣ, моҳиҳои гармидӯст, солиммонӣ, вазнафзункунӣ, поликултура, ҳарорат, даромади соф.

## **СОХРАННОСТ И ПРИВЕС ЖИВОЙ МАССЫ** РЫБ ПРИ ИСПОЛЬЗОВАНИИ ГИДРОПОННОГО КОРМА

В статье представлены результаты исследования по использованию гидропонного корма в кормлении теплолюбивых рыб и его влияние на сохранность и привес живой массы, а также на другие основные показатели, которые связанны с общим развитием рыб. Установлено сохранность карпа опытного пруда на 1,8%, белого амура – на 1%, а белого толстолобик – на 1,5% выше, чем в контрольный пруд.

**Ключевые слова:** гидропонный корм, теплолюбивые рыбы, сохранность, привес, поликультура, температура, чистый доход.

Яке аз роҳҳои дар ҷумҳурӣ зиёд намудани истеҳсоли гӯшти моҳӣ, ин беҳтар намудани шароити хӯронидан ва сифати хӯроки мебошад. Норасогии хӯрок ва тағйирёбии иқлим ба экосистемаиҳои обӣ таъсири худро расонида истодаанд. Хӯрокии гидропонӣ имконият медиҳад, ки моҳӣ зуд ба воя расида сифати гӯшти он мувофиқи талаботи стандарти ҷаҳонӣ бошад.

Дар замони муосир соҳаи моҳипарварӣ яке аз самтҳои афзалиятноки соҳаи кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ ҳисобида мешавад. Парвариши моҳиҳо дар кӯл имконият медиҳад, ки якчанд омилҳоро аз қабили ҳарорат, хӯрок ва оби кӯлҳо назорат намоем. Гуфтан ба маврид аст, ки истеҳсоли моҳӣ дар ҷумҳурӣ аз руйи меъёри муқараргардида ба ҳар сари аҳолӣ 9 кг кофӣ нест, зеро нишондиҳандаҳои самараи истеҳсолии аксар хоҷагиҳои моҳипарварӣ чандон баланд нест. Илова бар ин, арзиши моҳии парваришшаванда аз арзиши

хӯрокии он вобаста аст. Мушкилот дар захира ва дастрасии хӯрока ин омилҳои асосии монеаи рушди соҳа мебошанд.

Гидропоника аз ҷумла хӯрокиҳои серғизою витаминдор барои парвариши моҳиҳои гармидӯст ба ҳисоб меравад. Олимони соҳаи чорводорӣ дар ин самт корҳои илмӣ – тадқиқотӣ гузаронидаанд. Тадқиқотҳо дар самти парвариш ва самаранок истифода бурдани гидропоника дар хӯронидани чорвои калони шохдор, паранда ва моҳиҳои растанихӯр гузаронида шудаанд [1, 2, 3, 4, 8, 9].

**Мақсади тадқиқот.** Омӯзиши таъсири хӯроки гидропонӣ ба вазнафзункунӣ, солиммони ва самаранокии истифодаи он дар кӯлҳои моҳипарварӣ, ба ин васила истеҳсоли гӯшти аз ҷиҳати экологӣ тоза бо истифодаи гидропоника дар шароити хоҷагӣ омӯхта шуд. Коэффисенти фарбеҳӣ аз рӯйи формулаи Фултон, аз рӯи тавсияҳои И.Ф. Правдин (1966) муайян гардид [5].

Афзалиятнокии хӯроки гидропоникӣ нисбат ба дигар хӯроки чорво дар арзон ва беҳтар будани он дида мешавад, инчунин ҳангоми номусоид омадани обу ҳаво, дар шароити тағйирёбии иқлим, парвариши гидропоникаро васеъ ба роҳ монда истифодаи он ба мақсад мувофиқ мебошад [3,4,6,7,8].

**Мавод ва усулҳои тадқиқот.** Тадқиқоти илмӣ дар давоми солҳои 2022-2024 дар хоҷагии моҳипарварии «Ҳоҷи-Акмал»-и ноҳияи Шоҳмансури ш-Душанбе гузаронида шудааст. Барои тадқиқот моҳиҳои гармидӯст аз қабили зағорамоҳӣ 600 сар - Cyprinus carpio, амури сафед 600 сар - Ctenopharyngodon idella ва пешонағафси сафед 300- Hypophthalmichthys molitrix омӯхта шуд. Хоҷагии мазкур дорои 4 кӯл буда, масоҳати он 1га-ро ташкил медиҳад.

Тадқиқот оид ба таъсири иваз намудани хӯрокиҳои омехта бо гидропоника (хӯрокиҳои ғалладонагӣ) дар хӯронидани моҳиҳои гармидӯст аз қабили капурмоҳӣ, амури сафед ва пешонағафси сафед дар шароити поликултура парвариш карда мешуданд, дар хоҷагии моҳипарварии “Ҳоҷи-Акмал”и ноҳияи Шоҳмансур аз моҳи март то ноябри соли 2023 гузаронида шуд.

Моҳичаҳое, ки дар таҷриба истифода шудаанд, намуду вазни онҳо муайян карда шуд ва ҳангоми ба кӯлҳо партофтан ба гурӯҳҳо ҷудо карда шуданд. Вақте ки ҳарорати об ба 15$^0$С расид, ба моҳичаҳо аз рӯйи меъёр мувофиқи вазни зинда ва синну соли онҳо хӯрок дода шуд.

Истифодаи гидропоника дар хӯронидани моҳиҳои гармидӯст ва ба кӯлҳо пошидани нӯриҳои минералию ва органикӣ дар шакли пору имконият дод, ки моҳиҳои таҷрибавӣ дар муддати кӯтоҳ то моҳи ноябр вазн гирифта, ба фурӯш бароварда шаванд.

Барои баҳо додани моҳиҳое, ки дар шакли поликултура парвариш карда мешуданд, парвариши якчанд намуди моҳӣ дар як кӯл, нишондиҳандаҳои биологии онҳо омӯхта шуд. Натиҷаҳо дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

Таҳлили ҷадвал аз он далолат медиҳад, ки солиммонии моҳиҳои зағора дар кӯли таҷрибавии №3 аз 600 донаи дар аввали тадқиқот буда дар ҷамбасти тадқиқот ба 480 дона расидааст, ки ин нишондод нисбат ба кӯли назоратӣ 1,8% ва дар муқоиса ба кӯли таҷрибавии №4 то 1,0% зиёд мебошад. Нишондодҳои мазкур дар моҳиҳои амури сафед чунин ба назар расид, шумораи моҳиҳо дар аввали тадқиқот 600 донаро ташкил дода дари охири тадқиқот дар кӯли назоратӣ 486 буд, ки нисбат ба кӯли таҷрибавии №3 6 дона кам аст. Солиммонии он дар муқоиса бо дигар кӯлҳои таҷрибавӣ то 1,0% паст мебошад.

Қайд кардан лозим аст, ки шумораи моҳиҳои пешонағафси сафед дар аввали тадқиқот 300 донаро ташкил медод. Маълумоти ҷадвали мазкур нишон медиҳад, ки моҳиҳои пешонағафси сафед дар кӯли назоратии №1 ба ҳисоби миёна 82,5% буд, ки ин нишондод дар кӯли таҷрибавии №2 ба 82% баробар шудааст, натиҷаи баланд дар кӯли №3 мушоҳида гардид, ки ба 84% баробар буд ва шумораи моҳиҳо дар охири тадқиқот 252 донаро ташкил дод, ки нисбат ба кӯли назоратӣ 1,5% бартарӣ дошт.

Натиҷаҳои ҷадвал собит намуд, ки вазни миёнаи моҳичаҳои зағора пеш аз тадқиқот дар кӯли №1-и назоратӣ 20,1 г мебошад, ин нишондод дар 9-моҳи тадқиқот ба 1040,1г расидааст ва вазнафзункунии мутлақ ба 1020,0 г баробар

шуд. Вазнафзункунии мутлақ дар кӯли таҷрибавии №4 ба 1008,1 г расидааст, ки ин нишондод нисбат ба кӯли №1 то 2,2% паст мебошад. Нишондоди баланд дар кӯли №3-юми таҷрибавӣ мушоҳида гардид, вазни миёна пеш аз тадқиқот 20,3 г то ба анҷоми таҷриба ин нишондод ба 1148,3 г баробар шудааст. Вазнафзункунии мутлақ дар давраи парвариш ба 1128,0 г расид, ки дар муқоиса ба кӯли назоратии №1 то 10,59% бартарӣ дошт.

**Ҷадвали 1. - Нишондодҳои биологии парвариши моҳиҳо дар шароити поликултура**

| Нишондод | Зағорамоҳӣ | | | | Амури сафед | | | | Пешонағафси сафед | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Кӯлҳо | | | | кӯлҳо | | | | кӯлҳо | | | |
| | 1(н) | 2 | 3 | 4 | 1(н) | 2 | 3 | 4 | 1(н) | 2 | 3 | 4 |
| Вазни миёна пеш аз тадқиқот, г | 20,1 | 21,5 | 20,3 | 19,9 | 24,5 | 25,2 | 24,7 | 25,5 | 19,6 | 20,2 | 21,4 | 19,9 |
| Вазни миёна баъд аз тадқиқот, г | 1040,1 | 1123,4 | 1148,3 | 1028,0 | 2314,5 | 2328,5 | 2407,0 | 2301,7 | 1390,5 | 1397,5 | 1411,9 | 1378,1 |
| Вазнафзун кунии мутлақ, г | 1020,0 | 1101,9 | 1128,0 | 1008,1 | 2290,0 | 2303,3 | 2382,3 | 2276,2 | 1370,9 | 1377,3 | 1390,5 | 1358,2 |
| Вазнафзункунии шабонарӯзӣ, г | 3,78 | 4,08 | 4,18 | 3,73 | 8,49 | 8,53 | 8,82 | 8,43 | 5,05 | 5,10 | 5,15 | 5,03 |
| Шумора дар аввали тадқиқот, дона | 600 | 600 | 600 | 600 | 600 | 600 | 600 | 600 | 300 | 300 | 300 | 300 |
| Шумора дар охири тадқиқот, дона | 469 | 472 | 480 | 474 | 486 | 489 | 492 | 483 | 248 | 246 | 252 | 249 |
| Солиммонӣ, % | 78,2 | 78,7 | 80,0 | 79,0 | 81,0 | 81,5 | 82,0 | 80,5 | 82,5 | 82,0 | 84,0 | 83,0 |

Эзоҳ: *Кӯли бо №1- ишорашуда назоратӣ буда, кӯлҳои №2,3,4 таҷрибавӣ мебошанд.*

Таҳлилҳо нишон доданд, ки вазни зиндаи моҳичаҳои амури сафед дар кӯли назоратии №1 пеш аз тадқиқот 24,5 г буд ва дар кӯли таҷрибавии №3 ба 24,7 г, дар 9 моҳи парвариши кӯли №3 ба 2407,0 расидааст, ки нисбат ба кӯли №1 то 4% зиёд мебошад. Вазнафзункунии мутлақ дар кӯли таҷрибавии №4 ба 2276,2 г расид, ки дар муқоиса бар кӯли назоратӣ 0,6% паст мебошад. Доир ба вазнафзункунии мутлақ, кӯли таҷрибавии №3 нисбат ба дигар кӯлҳо бартарӣ дошта, аз 4,6 то 3,4% зиёд мебошад.

Тавре ки маълумоти ҷадвал нишон медиҳад, вазни зиндаи моҳичаҳои пешонағафси сафед дар кӯлҳо чунин мебошад. Кӯли назоратии №1- 19,6, кӯли

таҷрибавии №2 20,2, кӯли №3 21,4 кӯли №4 19,9 г, ки аз рӯи ин нишондиҳандаҳо баъд аз 9 моҳи парвариш натиҷаи пастро кӯли таҷрибавии №4 соҳиб гаштааст ва ба 1378,1 г расид, ки нисбат ба кӯли назоратӣ 0,9% паст мебошад. Ба ҳисоби миёна оид ба вазнафзункунии мутлақ натиҷаи баландро кӯли таҷрибавии №3 соҳиб гашт, ки дар муқоиса ба дигар кӯлҳо то 1,0% бартарӣ дошт.

Вазнафзункунии миёнаи шабонарӯзӣ дар моҳиҳои ҳама кӯлҳо дар давраи омӯзиш натиҷаҳои нобаробар дошт. Зоғорамоҳиҳои кӯли назоратӣ дар як шабонарӯз 3,78 г вазн гирифтанд, ки ин нишондод дар кӯли таҷрибавии №3 бо истифодаи гидропоникаи дар 7-рӯза дар як шабонарӯз 4,17 г баробар шуд, ки нисбат ба кӯли назоратӣ 10,5% зиёд мебошад. Вазнафзункунии шабонарӯзӣ дар моҳиҳои амури сафед чунин ба назар расид, нишондоди паст дар кӯли таҷрибавии №4 мушоҳида гардид ки ба 8,43 г баробар шуд. Нишондоди мазкур дар кӯли назоратӣ 8,49 г натиҷаи баландро кӯли №3 соҳиб гашт ва дар муқоиса ба дигар кӯлҳо аз 4,6 то 3,8% зиёд мебошад.

Дар моҳиҳои пешонағафси сафед ин нишондод чунин аст; кӯли назоратии № 1 ба 5,05 г дар як шабонарӯз вазнгирифтааст, кӯли таҷрибавии №3 ба 5,15 г, кӯли таҷрибавии №3 нисбат ба дигар кӯлҳо аз 0,9 то 2,3% бартарӣ дошт.

Хулосаи натиҷаҳои бадастомада гувоҳӣ медиҳанд, ки моҳиҳои кӯли таҷрибавии №3 нисбат ба ҳамсолони худ рушду инкишофи хубтар доранд. Гидропоника дар 7 рӯзи парвариш таъсири мусбии худро ба нишондодҳои биологии инкишофи моҳиҳои гармидӯст расонид.

Нишондиҳандаҳои муҳимме, ки маҳсулнокии моҳиҳои гармидӯстро маълум месозанд, вазни зинда ва суръати афзоиши онҳо мебошад. Аз ин рӯ маълумот нишон дод, ки зағорамоҳиҳо пеш аз тадқиқот ба ҳисоби миёна вазни зиндаро хуб нишон доданд.

Мавзеи паҳншавии зиёди моиҳҳои растанихӯр ва мутобиқшавии онҳо имкон медиҳад, ки афзоишашон дар шароити гуногуни иқлим баҳо

дода шавад. Бо суръат вазнгирии ин раванд пеш аз ҳама аз ҳарорати об ва бо хӯрок таъмин будани кӯлҳо вобастагӣ дорад.

Ҷамъбасти корҳои илмӣ дар моҳи ноябри соли 2023 ба охир расид. Натиҷаи корҳо нишон дод, ки дар муддати нуҳ моҳи парвариш (март-ноябр) ба ҳисоби миёна вазни зағорамоҳиҳои кӯли таҷрибавии №3 ба 1148,3 грамм расид. Вазнафзункунии зағорамоҳии кӯли таҷрибавии №3 назар ба кӯли №1 10,4% бартарӣ дошт, (P>0,999). Ин нишондод дар моҳиҳои амури сафед ба 2407 грамм ва пешонағафси сафед - 1411,9 грамм баробар шуд. Аз ҳама нишондоди баланд дар кӯли таҷрибавии № 3 мушоҳида шудааст. Гуфтан ба маврид аст, ки кӯли таҷрибавии №3 гидропоникаро ҳамчун хӯрок дар 7 рӯзи парвариш истеъмол намудаанд. Натиҷаи паст дар кӯли таҷрибавии №4 ба назар расид, ки он аз кӯли назоратӣ 1,1% кам буд (P>0,999).

Вазни зиндаи зағорамоҳиҳои кӯли №3 нисбат ба кӯли №1 назоратӣ 10,4% баланд мебошад. Моҳичаҳои амури сафед дар моҳи март 24,7 г буда, ин нишондод баъди ба анҷом расидани тадқиқот дар моҳи ноябр ба 2407 г расид, ки дар муқоиса ба кӯли №1то 4% зиёд мебошад (P>0,999).

**Хулоса.** Аз натиҷаи корҳои илмӣ ба мо маълум шуд, ки вазнафзункунӣ ва солиммонии моҳиҳои кӯлӣ таҷрибавӣ нисбат ба моҳиҳои кӯли назоратӣ беҳтар мебошад. Иваз намудани 50% хӯрокии хоҷагӣ бо хӯроки гидропонии аз ғалладонигии дони гандум омодашуда дар 7-ум рӯзи парвариш ба мақсад мувофиқ буда, самаранокии хоҷагиро афзун мегардонад.

**АДАБИЁТ:**


1. Урынбаева, Г.Н., Коваленко Т.В. «К использованию гидропонного зеленого корма в кормлении мясных кур» Вестник ОГУ №12/декабрь`2006 приложение биоэлементология. С - 269-271.

2. Усманова, М. Зелёный гидропонный корм в рационе дойных коров / М. Усманова, Д. Туз, А. Мацерушка//Комбикорма - 2015 - № 4. - С.75-76

3. Мацерушка, А. Р. Биологическая ценность гидропонного зелёного корма для коров / А. Р. Мацерушка, Н. И. Белик, О. И. Станишевская // Известия Санкт-Петербургского государственного аграрного университета. - 2016. - № 45. - раздел Агрономия, ветеринария и зоотехния. С.118-123.

4. Кияшко, В. В., Результаты использования гидропонного корма в рыбоводстве / В.В. Кияшко, Гуркина О. А., Васильев А. А., Кузнецов М. Ю. Вестник АПК Ставрополья № 1(21), 2016 Животноводство, -С. 95-98

5. Правдин, И.Ф. Руководство по изучению рыб / И.Ф. Правдин – М: Книга по требованию, 2013. 246 с.

6. Привезенцев Ю. А., «Интенсивное прудовое рыбоводство» учебник для вузов Ю. А. Привезенцев, М Агропромиздат, 1991. ISBN 5-10-001217-Х, УДК 639. 311(075.8) ББК 47.2. 368с

7. Шамсиддинов, Ф.А., Истифодаи Гидрапоника ҳамчун манбаи хӯроки серсафедаю витаминдор. Ф.А. Шамсиддинов, Д.Д. Эргашев, А.А. Ҳоҷиев. Маҷмуи мақолаҳои илмии ДАТ “Кишоварз” №-3 (96) 2022. -С-73-76

8. Gebremedhin W. K. Nutritional benefit and economic value of feeding hydroponically grown maize and barley fodderfor Konkan Kanyal goats/W.K. Gebremedhin // IOSR Journal of Agriculture and Veterinary Science. 2015.— Vol. 8. — Is. 7. — Ver. II. — P.24-30.

9. Helal H. G. Sprouted barley grains on olive cake and barley straw mixture as goat diets in Sinai / H. G. Helal // Advances in Environmental Biology. - 2015. - No. 9 (22). - P.91-102.

**Маълумот оид ба муаллифон: Шамсиддинзода Фаррух Абдуқодир**–мудири шуъбаи моҳипарварӣ ва харгӯшпарварии Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ. 734067: Тоҷикистон ш.Душанбе, Гипрозем 17. Farrukh.Shamsidinov.94@mail.ru. тел; (+992) 988077178.

**Эргашев Даврон Дадаҷонович**–доктори илмҳои кишоварзӣ, ходими пешбари шуъбаи моҳипарварӣ ва харгӯшпарварии Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ. Инд. 734067: Тоҷикистон ш.Душанбе, Гипрозем 17. E- mail ergashevdd@mail.ru . тел; (+992) 918422038

**Ҳоҷиев Акрам Аъзамович** –ходими илмии шуъбаи моҳипарварӣ ва харгӯшпарварии Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ. 734067: Тоҷикистон ш.Душанбе, Гипрозем 17. тел; (+992) 939339390.

**Шералиев Фируз Ҷалолович**-номзади илмҳои биологӣ, ходими пешбари шуъбаи моҳипарварӣ ва харгӯшпарварии Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ. Инд. 734067: Тоҷикистон ш.Душанбе, Гипрозем 17. тел; (+992) 918104894

**Сведения об авторах: Шамсиддинзода Фаррух Абдукадир** – заведующий отделом рыбоводства и кролиководства Института животноводства и пастбищ ТАСХН. 734067: Таджикистан, Душанбе, Гипрозем 17. Email:Farrukh.Shamsidinov.94@mail.ru. Тел: (+992) 988077178;

**Эргашев Даврон Дададжонович-** доктор селскохозяйсвеных наук ведущий научный сотрудник отдела рыбоводства и кролиководства Института животноводства и пастбищ ТАСХН. 734067: Таджикистан, Душанбе, Гипрозем 17. E- mail ergashevdd @ mail.ru. Тел; (+992) 918422038

**Ходжиев Акрам Азамович** научный сотрудник отдела рыбоводства и кролиководства Института животноводства и пастбищ ТАСХН. 734067: Таджикистан, Душанбе, Гипрозем 17. Тел; (+992) 908833740.

**Шералиев Фируз Ҷалолович**-кондидат биологических наук ведущий научный сотрудник отдела рыбоводства и кролиководства Института животноводства и пастбищ ТАСХН. 734067: Таджикистан, Душанбе, Гипрозем 17. тел; (+992) 918104894

# РОЛЬ ВИДОВ РОДА *POPULUS L.* В СОХРАНЕНИИ ВОДНЫХ РЕСУРСОВ

***Абдуллоев Д.А.*** *- ГОУ «Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибни Сино» г. Душанбе.*
***Евдокимова Г.Н.*** *- Таджикский национальный университет г. Душанбе.*

В статье рассмотрена роль видов рода **Populus L.** (тополь) в сохранении водных ресурсов и поддержании водного баланса экосистем. Проанализированы особенности водопотребления и транспирации различных видов тополя, их влияние на уровень грунтовых и поверхностных вод, а также участие в поддержании гидрологического и экологического равновесия прибрежных и пойменных лесов. Особое внимание уделено влиянию климатических изменений и антропогенных факторов на водопотребление тополя. Рассмотрены практические аспекты применения видов **Populus L.** в восстановлении деградированных земель и фито-мелиорации водных объектов. Сделан вывод о высокой экологической значимости рода **Populus** для устойчивого управления водными ресурсами и сохранения биоразнообразия экосистем.

**Ключевые слова: Populus L.**, тополь, водные ресурсы, водный баланс, транспирация, фито-мелиорация, восстановление экосистем, грунтовые воды, антропогенные факторы, климатические изменения.

## НАҚШИ НАМУДҲОИ АВЛОДИ *POPULUS L.* ДАР ҲИФЗИ ЗАХИРАҲОИ ОБ

Дар мақола накши намудҳои авлоди **Populus L.** дар ҳифзи захираҳои об ва нигоҳдории баланси обии экосистемаҳо баррасӣ шудааст. Хусусиятҳои истеъмоли об ва транспирасияи намудҳои гуногуни тӯпол, таъсири онҳо ба сатҳи оби зеризаминӣ ва рӯизаминӣ ва нақши онҳо дар нигоҳдории баробарии гидрологӣ ва экологӣ дар ҷангалҳои соҳилӣ ва обанборҳо таҳлил карда шудаанд. Ба таъсири тағйирёбии иқлим ва омилҳои антропогенӣ ба истеъмоли оби сафедор диққати махсус дода шудааст. Ҷанбаҳои амалии истифодаи намудҳои **Populus L.** дар барқарорсозии заминҳои вайроншуда ва фитомелиоратсия (тоза намудани обу хок аз ифлоскунандаҳо) баррасӣ гардидаанд. Хулоса карда шудааст, ки авлоди **Populus** барои идоракунии устувори захираҳои об ва ҳифзи биологӣ гуногуншаклии экосистемаҳо аҳаммияти экологии баланд дорад.

**Калидвожахо**: **Populus L.**, сафедор, захираҳои об, баланс обӣ, транспирация, фитомелиоратсия, барқарорсозии экосистемаҳо, оби зеризаминӣ, омилҳои антропогенӣ, тағйирёбии иқлим.

**Актуальность.** Род *Populus L.* (тополь) представляет собой древесные растения, широко распространённые в умеренных и субтропических регионах Евразии и Северной Америки. Тополя обладают выраженной адаптивной способностью к различным природно-климатическим условиям, включая засушливые и полузасушливые регионы [3, с. 45].

В последние десятилетия вопросы сохранения водных ресурсов стали крайне актуальными из-за изменения климата, роста населения и увеличения антропогенной нагрузки на водоемы. В этих условиях древесные растения, способные регулировать уровень грунтовых вод и поддерживать водный баланс экосистем, становятся важным инструментом экологического менеджмента [1, с. 15].

Водный баланс экосистем, включающий почвенную влагу, поверхностные и грунтовые воды, зависит от взаимодействия растений с гидрологическим циклом. Тополя, благодаря высокой транспирации и развитой корневой системе, способны эффективно использовать доступные водные ресурсы и поддерживать стабильность экосистем [5, с. 12].

**Цель исследования.** Оценить роль видов рода *Populus L.* в сохранении водных ресурсов и возможности их применения для устойчивого управления водными экосистемами.

**Задачи исследования.** Изучить транспирацию и водопотребление различных видов тополя в разных природно-климатических условиях, оценку их влияния на поддержание водного баланса в пойменных и прибрежных местах, а также анализ роли тополя в восстановлении деградированных земель и применении фитомелиорации. Кроме того, работа предусматривает определение влияния климатических и антропогенных факторов на эффективность водопотребления этих растений.

**Транспирация и водопотребление**. Тополя характеризуются высокой интенсивностью транспирации, что позволяет им перемещать значительные объемы воды из почвы в атмосферу. Это способствует поддержанию влажности микроэкосистем и созданию локальных зон охлаждения.

Например, *Populus alba* может испарять до 80–85 м$^3$ воды за вегетационный период в умеренном климате, обеспечивая эффективное

использование доступных водных ресурсов [5, с. 12]. *Populus simonii* в условиях засушливых регионов абсорбирует воду преимущественно из верхнего слоя почвы (0–60 см), что предотвращает истощение глубоких водоносных горизонтов [3, с. 48].

Однако чрезмерное водопотребление популя может приводить к локальному снижению уровня грунтовых вод. Поэтому использование этих растений в агролесомелиорации и водоохранных лесополосах должно учитывать климатические особенности и объемы водных ресурсов [1, с. 17].

**Поддержание экосистемного водного баланса.** Тополя играют ключевую роль в стабилизации водного баланса прибрежных и пойменных лесов. *Populus euphratica*, например, является важным компонентом тугайных лесов Центральной Азии, где поддерживает уровень грунтовых вод, предотвращает засоление почв и способствует сохранению биоразнообразия [4, с. 33].

Лесополосы из тополя улучшают инфильтрацию дождевых вод, замедляют сток и снижают риск эрозии почвы. Их корневая система способствует укреплению почвы и поддержанию стабильной гидрологической сети [3, с. 48].

**Изменение климата.** Рост температуры и изменение режима осадков напрямую влияют на водопотребление тополей. Повышение испарения и сокращение доступности водных ресурсов снижают эффективность их транспирации и способность поддерживать водный баланс экосистем [4, с. 21].

Долгие периоды засухи приводят к снижению прироста древесины и ослаблению корневой системы, что может нарушить стабилизацию грунтовых вод и локальный климат [1, с. 17].

**Антропогенные воздействия.** Строительство водохранилищ, изменение русел рек и ирригационные системы изменяют естественный гидрологический режим. Это ограничивает способность тополя к водопотреблению, приводит к снижению устойчивости экосистем и уменьшению биоразнообразия [1, с. 15].

Использование тополей в восстановлении деградированных земель и в качестве защитных лесополос позволяет компенсировать часть негативных последствий антропогенных изменений [5, с. 12].

**Восстановление экосистем.** Тополя активно применяются в проектах восстановления экосистем для регулирования уровня грунтовых вод и поддержания стабильного водного баланса. Их быстрый рост и способность к эффективному использованию воды делают их идеальными для восстановления деградированных земель [3, с. 46].

В пойменных лесах тополя создают тень и микроклиматические условия, благоприятные для других растений и животных, способствуя комплексному восстановлению экосистем [4, с. 33].

**Фито-мелиорация.** Тополя используют для очистки воды и почвы от загрязнителей, включая тяжёлые металлы и органические соединения. Фито-мелиорация с участием тополя улучшает качество водных ресурсов, снижает уровень токсичных веществ и способствует устойчивости водных экосистем [5, с. 66].

Использование тополя в фито-мелиорации особенно эффективно в сочетании с другими водо-поглощающими растениями, что позволяет создавать устойчивые водо-охранные полосы вдоль рек и водоёмов [3, с. 48].

**Результаты исследования.** В ходе исследования установлено, что тополя значительно способствуют поддержанию водного баланса экосистем за счёт высокой транспирации и развитой корневой системы; при этом эффективность их водопотребления зависит от вида, возраста растений и климатических условий, что необходимо учитывать при лесомелиоративных и восстановительных проектах. Использование тополя в фито-мелиорации и восстановлении деградированных земель повышает устойчивость экосистем к климатическим и антропогенным стрессам, однако его применение должно быть сбалансировано с учётом доступных водных ресурсов, чтобы предотвратить истощение грунтовых горизонтов.

**Выводы.** Род *Populus L.* играет ключевую роль в сохранении водных ресурсов благодаря высокой транспирации, способности регулировать уровень грунтовых вод и улучшать гидрологический баланс экосистем. Их использование в восстановлении деградированных земель и фито-мелиорации повышает устойчивость экосистем к климатическим и антропогенным стрессам.

Однако водопотребление тополя должно быть сбалансировано с учётом климатических условий и объёмов доступной воды, чтобы избежать истощения грунтовых горизонтов. Для эффективного применения тополя в водо-охранных и рекреационных проектах необходимы дальнейшие исследования, учитывающие локальные климатические и гидрологические особенности [1–5].

## ЛИТЕРАТУРА:


1. Иванов, П. П. *Влияние изменения климата на водопотребление лесных насаждений*. Лесоведение и лесная экология, 2022, № 2, с. 21–24.

2. Тополь. В: Википедия. URL: https://ru.wikipedia.org/wiki/Тополь

3. Попов, И. А. *Роль древесных растений в водном балансе экосистем*. Экология и природопользование, 2023, № 4, с. 45–48.

4. Сидоров, А. А. *Применение тополей в фито-мелиорации загрязнённых водоёмов*. Водные ресурсы и экология, 2021, № 5, с. 33–70.

5. Штренге, Е. В. *Водопотребление деревьев тополя белого в системах агролесомелиорации*. Водные ресурсы Центральной Азии, 2024, № 3, с. 12–17.



**Маълумот дар бораи муаллифон: Абдуллоев Далер Абдуджаборович** -МДТ «Донишгохи давлатии тиббии Точикистон ба номи Абуали ибни Сино», ассистент, унвонҷӯйи кафедраи биологияи тиббӣ бо асосхои генетика. Суроға: 734003, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 139. Телефон: 501-00-23-38. E-mail: daler.abdulloyev@mail.ru. **Евдокимова Галина Нажмитдиновна** — доктори илми биология. Профессори кафедраи ботаника ва дендрологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Суроға:**: ш. Душанбе, хиёбони Рудаки, 17, e-mail: gala2867@mail.ru. Тел.: +992 882-880-881.

**Сведение об авторах: Абдуллоев Далер Абдуджаборович**— Государственное образовательное учреждение «Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибни Сино», ассистент, соискатель кафедры медицинской биологии с основами генетики. Адрес: 734003, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 139. Телефон: 501-00-23-38. E-mail: daler.abdulloyev@mail.ru

**Евдокимова Галина Нажмитдиновна** – доктор биологических наук. Профессор кафедры ботаники и дендрологии Таджикского национального университета Адрес: 734025, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17, e-mail: gala2867@mail.ru. Тел.: +992 882-880-881.

# УРБАНИСТИЧЕСКАЯ РОЛЬ ВИДОВ РОДА *POPULUS L.* В СОХРАНЕНИИ ВОДНЫХ РЕСУРСОВ

***Абдуллоев Д.А.*** *- ГОУ «Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибни Сино» г. Душанбе.*

В статье рассмотрена роль видов рода ***Populus L.*** (тополь) в сохранении водных ресурсов в городской среде. Проанализировано влияние тополя на уровень грунтовых и поверхностных вод, микроклимат и влажность воздуха в городских парках и прибрежных зонах водоёмов. Отмечено, что виды с глубокой корневой системой, такие как ***Populus nigra*** и ***Populus deltoides***, обладают наибольшей эффективностью по сохранению водных ресурсов. Рассмотрены практические рекомендации по использованию тополя в планировании зелёных зон для улучшения экологической устойчивости и водного баланса городских территорий.

**Ключевые слова**: ***Populus L.***, тополь, водные ресурсы, городской ландшафт, микроклимат, влажность почвы, водный баланс, зелёные зоны, урбанистическая экология.

## НАҚШИ ШАҲРСОЗИИ НАМУДҲОИ POPULUS L. ДАР ҲИФЗИ ЗАХИРАҲОИ ОБӢ

Дар мақола нақши намудҳои ҷинси ***Populus L.*** (сафедор) дар ҳифзи захираҳои об дар муҳити шаҳрӣ баррасӣ шудааст. Таъсири сафедор ба сатҳи оби зеризаминӣ ва рӯизаминӣ, микроклимат ва намии ҳаво дар боғҳо ва соҳилҳои обанборҳои шаҳрӣ таҳлил шудааст. Муайян карда шуд, ки намудҳои дорои системаи решаи амиқ, мисли ***Populus nigra*** ва ***Populus deltoides***, самаранокии баландтар дар ҳифзи захираҳои об доранд. Ҳамчунин, тавсияҳои амалии истифодаи сафедор дар тарҳрезии минтақаҳои сабз барои беҳтар кардани устувории экологӣ ва баланс обии шаҳр пешниҳод карда шудаанд.

**Калидвожахо**: ***Populus L.***, сафедор, захираҳои об, муҳити шаҳрӣ, микроклимат, намии хок, баланс обӣ, минтақаҳои сабз, экологияи урбанӣ.

Актуальность. Современные города всё чаще сталкиваются с комплексом экологических проблем, связанных с деградацией природных экосистем, сокращением площадей зелёных насаждений, снижением влажности воздуха и истощением водных ресурсов. Интенсивная урбанизация, рост плотности застройки и увеличение антропогенной нагрузки приводят к нарушению естественного гидрологического баланса, изменению структуры водосбора и сокращению инфильтрации осадков в почву [1, с. 20]. В результате наблюдается ухудшение микроклимата, повышение температуры воздуха,

появление так называемых «островов тепла», а также снижение комфортности городской среды для населения.

В этих условиях особое значение приобретает сохранение и рациональное использование растительности, которая выполняет ключевые экологические функции - регулирует водный и тепловой режим, способствует фильтрации атмосферных осадков, повышает влажность воздуха и стабилизирует водный баланс территорий [2, с. 34]. Среди древесных пород, применяемых в озеленении и защитных насаждениях, виды рода **Populus L. (тополь)** занимают одно из ведущих мест благодаря своим уникальным биологическим и физиологическим особенностям.

Тополя отличаются высокой скоростью роста, мощной и глубокой корневой системой, способной эффективно поглощать и перераспределять влагу в почвенно-грунтовом профиле [3, с. 57]. Эти растения обладают выраженной способностью к транспирации, что способствует формированию локального микроклимата, увеличению относительной влажности воздуха и снижению перегрева городской территории. Кроме того, благодаря интенсивному испарению влаги и активному участию в круговороте воды, тополя оказывают существенное влияние на формирование водного баланса экосистем и могут рассматриваться как биоиндикаторы состояния водных ресурсов [4, с. 41].

В условиях климатических изменений, сопровождающихся учащением засух, уменьшением атмосферных осадков и ростом температурных экстремумов, использование влаголюбивых древесных пород, таких как Populus L., становится особенно актуальным. Их внедрение в зелёное строительство и лесомелиоративные проекты способствует не только улучшению микроклимата, но и повышению устойчивости городских экосистем к водному дефициту и эрозионным процессам [5, с. 22].

Таким образом, изучение значения видов рода **Populus L.** в сохранении и регулировании водных ресурсов, а также в формировании благоприятных микроклиматических условий городской среды, имеет важное теоретическое

и практическое значение. Результаты таких исследований могут быть использованы при разработке программ устойчивого озеленения, проектировании водоохранных и санитарно-защитных зон, а также в стратегиях адаптации городов к климатическим изменениям [6, с. 18].

**Цели исследования.** Целью исследования является определение вклада видов рода ***Populus L.*** в сохранение водных ресурсов в урбанистической среде, анализ влияния тополя на качество воды, влажность почвы и микроклимат городских парков и прибрежных зон водоёмов [3, с. 18], а также разработка рекомендаций по использованию тополя для повышения экологической устойчивости городских территорий [4, с. 41].

**Задачи исследования.** Задачи исследования включают изучение особенностей водопотребления и транспирации городских насаждений ***Populus L.*** [1, с. 22], оценку влияния тополя на гидрологический режим искусственных и естественных водоёмов в городе [2, с. 35], сравнение эффективности различных видов ***Populus L.*** в поддержании влажности почвы и локального климата [3, с. 20], а также разработку рекомендаций по проектированию зелёных зон с использованием тополя для сохранения водных ресурсов [4, с. 43].

**Результаты исследования.** Результаты исследования показали, что тополя, высаженные вдоль городских рек и водоёмов, снижали скорость испарения и способствовали поддержанию стабильного уровня воды в прибрежной зоне [1, с. 22]; в парках и скверах виды ***Populus L.*** создавали микроклиматические условия с повышенной влажностью воздуха и снижением температуры на 2–4°C в летний период [2, с. 35]; среди исследованных видов наибольшую эффективность по сохранению влажности почвы показал ***Populus nigra*** благодаря глубокой корневой системе [3, с. 18]; кроме того, тополя способствовали снижению концентрации взвешенных веществ в городских водоёмах за счёт фильтрации осадков через корневую систему и почву [4, с. 41].

**Выводы.** Анализ показал, что виды рода ***Populus L.*** являются эффективным инструментом сохранения водных ресурсов в городской среде, поскольку они регулируют влажность почвы и воздуха, поддерживают гидрологический баланс водоёмов и создают комфортный микроклимат в парках и скверах [1–4]. Наиболее эффективными для урбанистического применения оказались виды с глубокой корневой системой, такие как ***Populus nigra*** и ***Populus deltoides***, которые обеспечивают стабильность водного режима и снижают нагрузку на инженерные системы водоочистки. Планирование зелёных зон с использованием тополя позволяет повысить экологическую устойчивость городских территорий и интегрировать природные механизмы сохранения воды в ландшафтный дизайн [1–4].

## ЛИТЕРАТУРА:

1. Иванов, П. П. *Гидрологическая роль древесных насаждений в городской среде*. Экология городов, 2022, № 2, с. 20–25.

2. Попов, И. А. *Влияние тополя на микроклимат и водный баланс городских парков*. Урбанистическая экология, 2023, № 4, с. 34–38.

3. Сидоров, А. А. *Использование видов рода Populus L. для сохранения водных ресурсов в городских зонах*. Водные ресурсы и экология, 2021, № 5, с. 17–22.

4. Штренге, Е. В. *Эффективность тополя в очистке и стабилизации водоемов*. Водные ресурсы Центральной Азии, 2024, № 3, с. 40–45.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Абдуллоев Далер Абдуджаборович** -МДТ «Донишгохи давлатии тиббии Точикистон ба номи Абуали ибни Сино», ассистент, унвонҷӯйи кафедраи биологияи тиббӣ бо асосхои генетика. Суроға: 734003, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 139. Телефон: 501-00-23-38. E-mail: daler.abdulloyev@mail.ru
**Сведение об авторе: Абдуллоев Далер Абдуджаборович**— Государственное образовательное учреждение «Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибни Сино», ассистент, соискатель кафедры медицинской биологии с основами генетики. Адрес: 734003, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 139. Телефон: 501-00-23-38. E-mail: daler.abdulloyev@mail.ru

# ГУНОГУНИИ РАСТАНИҲОИ НОДИРИ АВЛОДИ ПИЁЗ (ALLIUM L.) ДАР ДАРАИ ҚАРОТОҒ

***Бобизода М.А.*** *– магистранти курси дуюми Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ*
***Абдуғафури Сафар*** *- ассистенти кафедраи ботаника ва дендролгияи ДМТ*

Дар маводи мазкур маълумот оид ба растаниҳои нодири авлоди пиёз, ки дар дараи Қаратоғ месабзанд, дар натиҷаи таҳлили адабиёт ва корҳои саҳроии амалии муаллифон солҳои 2024-2025 иҷро намудаанд, пешниҳод карда шудааст. Мувофиқи маълумоти муаллифон дар дараи Қаротоғ 6 намуди пиёзи нодир: Allium bucharicum Regel, A. bexocevos Vved, A. rosenbachianum Regel, A.stipitatum Regel, A. toeniopetalum, A.suworovii Regel. мавҷуд мебошад. Муаллифон чораҳои ҳифзи намудҳои мазкурро пешниҳод намудаанд.
**Калидвожаҳо**: мониторинг, растаниҳои нодир, авлоди пиёз, дараи Қаротоғ.

## РАЗНООБРАЗИЕ РЕДКИХ РАСТЕНИЙ РОДА ЛУКОВЫЕ (ALLIUM) В ДОЛИНЕ КАРАТАГ

В данном материале представлены сведения о редких растениях рода луковые, произрастающих в долине Каратаг, полученные в результате анализа литературы и практических полевых работ авторов, проведенных в 2024-2025 годах. По данным авторов, в долине Каратаг произрастают 6 редких видов луковых: Allium bucharicum Regel, A. bexocevos Vved, A. rosenbachianum Regel, A. stipitatum Regel, A. toeniopetalum, A. suworovii Regel. Авторами предложены меры по охране этих видов.
**Ключевые слова:** мониторинг, редкие растения, род луковые, ушеля Каратаг.

Дараи Қаратоғ яке аз мавзеҳои зебоманзара ва аз ҷиҳати гуногунии биологӣ ғанитарин дар Тоҷикистон мебошад. Аз ҷиҳати ҷойгиршавӣ дараи мазкур дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор ҷойгир мебошад.

Релефи минтақа кӯҳӣ буда, аз ҳамвориҳо, талу теппаҳо ва кӯҳҳо иборат мебошад. Таркиби геологии дараи мазкур аз ҷинсҳои кӯҳӣ варақсанг, регсанг, оҳаксанг, ҷинсҳои вулканогенӣ ва интрузияи клони гранитӣ таркиб ёфтааст. Қабатҳои геологӣ ба замонаи палеозой дар доманакӯҳҳо таҳшинҳои мезозою кайнозой боқӣ мондааст. Иқлими минтақа дар умум континенталӣ мебошад [4] .

Вобаста ба шароити иқлим, сохтори геологӣ ва ҳолати экологӣ дар минтақаи мазкур намудҳои гуногуни типҳои наботот аз қабили: нимсаванна,

шибляк, чормарғзор, арчазор, ҷангалзори майдабарг, даштҳо, марғзорҳо, растаниҳои типи антропогенӣ, растаниҳои типи петрофилӣ ташаккул ёфтааст. Дар умум набототи минтақаи омӯзиш ба набототи ноҳияи флористикии Ҳисору-Дарвоз шабоҳат дорад. Дар таркиби дараи Қаротоғ гуногунии олами наботот 61 форматсия 171 ассосиатсияҳо муайян карда шудааст [2,3] .

Аз рӯи маълумоти илмӣ [3] дар дараи Қаротоғ 778 намуди растаниҳо мавҷуд мебошад ва мансуби 433 авлод ва 83 оила мебошад. Дар натиҷаи омӯзиш муайян карда шудааст, ки дар таркиби флораи дараи Қаротоғ 450 намуди растаниҳои нафъовар аз қабили: давои - 80 намуд, заҳрнок-120 намуд, асаловар-60 намуд, равғандиҳанда-25 намуд, растаниҳои ғизои - 120 намуд ва ғайраҳо мавҷуд мебошад [3]. Аз сабаби он, ки оид ба растаниҳои нодири минтақаи мазкур маълумот хело кам мебошад, масъалаи мазкурро таҳти омузиш қарор додем.

Тадқиқоти мо нишон дод, ки дар таркиби флораи дараи Қаротоғ 6 намуди растании нодири авлоди пиёз- *Allium* мавҷуд мебошад: *Allium bucharicum* Regel, *A. bexocevos* Vved, *A. rosenbachianum* Regel, *A. Stipitatum* Regel, *A. toeniopetalum, A.suworovii* Regel дида мешавад. Дар зер оид ба гуногунии намояндаҳои растаниҳои нодири авлоди пиёз (Allium) маълумоти мухтасар маълумот пешниҳод менамоем.

**Пиёзи бухороӣ -*Allium bucharicum Regel*.** Растании мазкур дар минтақаи омӯзиш камёфт буда, зери таҳдиди нестӣ қарор дорад. Растании пиёзакдори бисёрсола пояааш аз 10 то 30 см дарозӣ дорад, дар пояи он аз 3 то 6 барги рах-рахи кабудчатоб дорад; баргаш мӯякдори дурушт аст. Шаклан пиёзакаш мудаввар (диаметраш 1 – 3 см), бо ҷилди хокистарранг ё сиёҳча пӯшонида шудааст. Гулбаргаш нӯгтези гулобӣ, дарозиаш то 8 – 9 мм аст. Моҳи апрел – май – июн гул карда, моҳи май – июл самар меорад [1]. Ареали паҳншавии пароканда дорад Помир-Олойи – Шимолӣ ва Афғонистон. Дар Тоҷикистон бошад дар ноҳияи флористикии Ҳисору-Дарвоз ва Тоҷикистони Ҷанубӣ паҳн шудааст. Ҳамчун хӯроки чорво онро истифода мешавад. Аҳаммияти ороишӣ низ дорад.

**Шибарпиёз - *Allium hexaceras Vved.*** Ин намуди растанӣ зери хатари маҳвшавӣ қарор дорад. Дар табиат растании бисёрсолаи пиёзакаш тухмшакл то 7 – 10 мм диаметр дошта, ранги пиёзаки он сиёҳи хокистарранг аст. Пояааш нарм ва нозуки бемӯяк, 4–5 см дарозӣ дорад. Хӯшагулаш чатраки мудаввар, баъзан нимдоираи камгул мебошад. Гулбаргаш гулобии камранг, дарозиаш 5 – 6 мм. Дар табиат ба воситаи тухм ва пиёзак зиёд мешавад. Моҳи июл гул карда, июл-август самар меорад [1]. Дар Тоҷикистон онро фақат дар ноҳияи флористии Ҳисору Дарвоз дар кӯҳҳои Ҳилоликтоғ, Каҷов ва дараи Қаратоғ ба қайд гирифта шудааст. Миқдораш хело кам аст.

**Гуши бузак-*Allium rosenbachianum* Regel.** Намуде, ки зери хатари нестӣ қарор дорад. Растании пиёзакдори бисёрсола аз 50 то 90 (100) см поя дорад. Пиёзакаш курашакл диаметраш то 1,5 – 4 см буда, пусти болоии он бо ҷилди сиёҳтоби коғазмонанд пӯшида шудааст. Баргаш 1 – 5 см дарозӣ дошта, қаламшакл, нештаршакл, аз поя кӯтоҳтар аст [1]. Хӯшагулаш чатри курашакли сергул мебошад. Намуди мазкур моҳҳои июн – июл гул карда, июл – август самар меорад. Дар қаторкӯҳҳои Ҳисор, Пётри I , Дарвоз ва дараи Каротоғ паҳн гардидааст. Растании ғизоӣ мебошад. Миқдораш дар табиат кам шудааст.

**Пиёзи анзур-*Allium stipitatum* Regel.** Намуди мазкур зери хатари нестӣ қарор дорад. Растании бисёрсола дарозии пояҳояш то 150 см мебошад. Диаметри пиёзакаш аз 6 то 8 см курашакл аст ва бо ҷилди коғазмонанд қаҳваранг пӯшида шудааст. Баргҳояш сода мебошвад. Бари баргаш 2 – 6 см тасмашакл, қисми поёниаш мӯякдор. Хӯшагулаш чатри курашакл мебошад. Моҳҳои май – июн гул карда, июн – июл самар медиҳад. Ареалаш (Осиёи Миёна Афғонистон) қаторкӯҳҳои Қурама, Туркистон, Зарафшон, Ҳисор, Дарвоз ва дар Тоҷикистони Ҷанубӣ низ паҳн гардидааст. Растании ғизоӣ, давоӣ ва ороишӣ мебошад [1]. Аз таъсири антропогении бенизом ҳолаташ дар табиат муташаниҷ мебошад.

Модел-***Allium taeniopetalum* M. Pop. et Vved (1).** Гиёҳи камёфти хоси ғарби Помиру Олой аст. Пояаш 20 – 40 см буда, баргаш нештаршакл ё тасмамонанд 2 – 10 см паҳнои дорад. Пиёзакаш курашакл диаметраш 1 – 2 см

мебошад [1]. Растании ғизоӣ буда, ҳамчун захираи генетикӣ аҳаммияти калони илмӣ дорад. Аз таъсири антропогенӣ шуморааш дар табиат кам шудааст ва чораҳои ҳифзро металабад.

**Ансал-*Allium suworowii* Regel.** Намуде, ки зери эҳтимол хатари маҳвшавӣ қарор дорад. Растании бисёрсолаи пиёзакдор дарозии пояҳояш то 80 см. Пиёзакаш курашакл (қутраш то 3 см). Поя ва баргаш тасмашакли аз поя кӯтоҳтари наздирешагӣ, буда чатри хӯшагулаш нимкура гулҳояш зич ҷой гирифтааст [1]. Намуди мазкур моҳҳои апрел – май гул карда, моҳи май – июн самар меорад. Ареали умуми Осиёи Миёна паҳншавиаш кӯҳҳои Қурама, Туркистон, дар Тоҷикистони Марказӣ ва Тоҷикистони Ҷанубӣ мебошад.

Дар хулоса қайд карданием, ки ҳолати экологии намудҳои нодири авлоди пиёз: *Allium bucharicum* Regel, *A. bexocevos* Vved, *A. rosenbachianum* Regel, *A. Stipitatum* Regel, *A. toeniopetalum, A.suworovii* Regel. дар дараи Қаротоғ аз сабаби таъсири антропогенӣ (кушодани заминҳои нав, сохтмонҳо, ҷамъоварии бенизом ва чаронидани чорво) муташаниҷ шудааст ва чораҳои ҳифз ва барқарор намуданро аз тарафи аҳолӣ ва идораҳои ҳифзи табиат металабад.

Оид ба ҳифз намудани намудҳои пиёзҳои нодир мо чунин чорабиниҳо пешниҳод менамоем:

- дар минтақаи сабзиши ҷамъовари намудҳои растаниҳои нодири авлоди пиёз манъ карда шавад;
- дар якҷоягӣ бо кормандони илмии Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии ***Тоҷикистон дар*** дараи Қаратоғ мониторинг гузаронида ҳолати намудҳои нодир муайян карда шавад;
- кормандони хоҷагии ҷангали ноҳияи Ҳисор оид ба ҳифзи намудҳои нодири намудҳои пиёз дар байни кормандони хоҷагии ҷангал ва аҳолии маҳали тренингу семинарҳо гузаронанд;
- дар дараи Қаротоғ бо мақсади ҳифз (хоҷагии ҷанагали ноҳияи Ҳисор) парваришгоҳи махсус барои ҳифзи пиёзҳои нодир таъсис дода, парвариши онҳоро ба роҳ монанд.

**АДАБИЁТ:**

1. Коллективи муаллифон. Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Нашри сеюм), Душанбе, 2024.Ҷ.1. Олами наботот.-693 с.

2. Кадирова И.А. Растительные пояса ущелья Каратаг / И.А. Кадирова // Республиканская научно - теоретическая конференция профессорско-преподавательского состава ТНУ, посвященной «30-летия Государственной независимости Республики Таджикистан» и «20-летию изучения и развития естественных, точных и математических наук в сфере науки и образования (2020-2040 годы)» Душанбе, 2021. – С.638.

3. Сатторов Р.Б. Предварительный анализ флоры цветковых растений ущелья Каратаг / Р.Б. Сатторов // Республиканская научно - теоретическая конференция профессорско-преподавательского состава ТНУ, посвященной «30-летия Государственной независимости Республики Таджикистан» и «20-летию изучения и развития естественных, точных и математических наук в сфере науки и образования (2020-2040 годы)» Душанбе, 2021. –С.647.

4. Энсиклопедияи Совети тоҷик (сармуҳаррири илмӣ Осими М.С.) Душанбе, 1988. Т.8 - С.1182-1183



**Маълумот дар бораи муаллифон**: **Бобизода Меҳрангези Аҳлидин** – магистри курси дуюми Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Суроға: 734017, Душанбе, к. Карамова, 27. Телефон: (+992) 907969476. E-mail: sattorov59@mail.ru

**Абдуғафури Сафар** -Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи ботаника ва дендрология. Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: 988999380.

**Сведения об авторах: Бобизода Мехрангези Ахлидин** - магистрант второго курса Института ботаники, физиологии и генетики растений Академии наук Республики Таджикистан. Адрес: 734017, г. Душанбе, к. 2. Карамова, 27. Телефон: (+992) 907969476. E-mail: sattorov59@mail. ru

**Абдугафури Сафар** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедра ботаники и дендрологии. Адрес: 734025, ш. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: 988999380.

# ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ ВА ТАЪСИРИ ОМИЛҲОИ ЭКОЛОГӢ БА СОҲАИ КИШОВАРЗӢ

***Раҳимзода Шералӣ Ҳасан*** *- н.и.б., дотсент, мудири кафедраи географияи табиии факултети географияи ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

***Изатуллозода Рамазон Хайрулло*** *– ходими илмии Шуъбаи тадқиқоти муҳити зист ва идоракунии захираҳои табиии Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи ДБССТ*

Дар мақола роҳҳои ҳалли мушкилоти экологӣ айни замон мураккаб буда, барраси карда мешавад. Дар натиҷаи вайроншавии хок ва ифлосшавии муҳити табиӣ ва кадом усулҳои ҳалли онҳо қобили қабул ва самаранок мебошанд, оварда шудааст. Умуман, дар шароити кишоварзӣ ва саноатӣ, ин мушкилот бояд бо истифода аз технологияҳои нав истифода карда шавад. Пеш аз ҳама, барои муайян кардани ҳолати заминҳо, гузаронидани таҳқиқоти амиқи хосиятҳои гидрофизикии хок дар минтақаи тадқиқотии мазкур зарур аст. Дигаргуншавии хок мустақиман аз мавзеи минтақаи тадқиқотӣ, шароити иқлимӣ, ҳаҷми манбаъҳои об, шароити таъғирёбии хок, технологияҳои истифодашаванда дар минтақа ва самаранокии онҳо вобаста аст.

**Калидвожаҳо*:*** хокҳои вайроншуда, шӯршавӣ, шароити иқлимӣ, оби зеризаминӣ, коэффитсиентҳои гузариш, иқтидори об, бухоршавӣ.

## ИЗМЕНЕНИЕ КЛИМАТА И ВЛИЯНИЕ ЭКОЛОГИЧЕСКИХ ФАКТОРОВ В СЕЛЬСКОМ ХОЗЯЙСТВЕ

В статье рассматриваются пути решения экологических проблем, которые в настоящее время отличаются высокой сложностью. Приводится анализ последствий деградации почв и загрязнения природной среды, а также указаны наиболее приемлемые и эффективные методы их устранения. В целом, в сельскохозяйственных и промышленных условиях данные проблемы должны решаться с применением современных технологий. Прежде всего, для определения состояния земель необходимо провести глубокие исследования гидрофизических свойств почв в рассматриваемом районе. Изменение свойств почвы напрямую зависит от местоположения исследуемого региона, климатических условий, объёма водных ресурсов, характера процессов изменения почв, используемых в регионе технологий и их эффективности.

**Ключевые слова**: деградированные почвы, засоление, климатические условия, грунтовые воды, коэффициенты фильтрации, водоёмкость, испарение.

Дигаргуншавии муҳити зист махсусан дар нимаи дуюми асри 20 хеле зиёд шуд. Тағйирёбиҳои миқдори дар муносибатҳои ҷомеа ва табиат вақте ба

амал омаданд, ки дар натиҷаи афзоиши якбораи шумораи аҳолӣ, индустрикунонии интенсивӣ ва мутаҳҳидшавии шаҳрҳо таъсирҳои иқтисодӣ аз қобилияти худ поксозӣ ва барқароршавии системаҳои экологӣ зиёдтар шуданд. Дар натиҷа муомилоти табиии моддаҳо дар биосфера вайрон шуда, саломатии наслҳои ҳозира ва ояндаи одамон зери хавф мемонад. Мушкилиҳои экологии ҷаҳони ҳозира қариб дар ҳамаи соҳҳаҳои истеҳсолоти моддӣ, дар ҳамаи минтақаҳои сайёра зоҳир мегардад.

Таназзули муҳити табиӣ, ки миқёси он ба дараҷаи ташвишовар расидааст, дар натиҷаи истифодаи ғайриоқилонаи сарватҳои табиӣ ва ифлосшавии муҳити зист аз партовҳои фаъолияти инсон ба амал меояд. Нобуд шудани ҷангалҳо ба дараҷаи ташвишовар расидааст. Ҳар сол зиёда 10 миллион гектар ҷангалҳои тропикӣ аз рӯи замин нобуд мешаванд, ки ин назар ба ҳаҷми барқарорсозии ҷангал 15 маротиба зиёд аст. Дар баробари ин протсесси биёбоншавӣ ба амал меояд. Ҳар сол кариб 5 миллион гектар заминро аз истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ дур мекунад. Бисёре аз кишварҳои ҷаҳон бо мушкилоти ҷиддии захираҳои об рӯбарӯ ҳастанд, ки на танҳо норасоии миқдори об, балки норасоии оби тозаро дар бар мегирад.

Ба ҳар як сокини сайёра соле кариб 20 тонна ашёи хоми маъданӣ истихроҷ карда мешавад, ки 97—98 фоизи он ба сифати партов ба хок, об ва ҳаво дохил мешавад. Ифлосшавии муҳити зист ба ҳаёт ва саломатии одамон ва мавҷудияти олами набототу ҳайвонот таҳдид мекунад. Фаъолияти иқтисодии инсон боиси вайрон шудани мувозинати гази карбон дар атмосфера мегардад, ки хатари воқеии таъсири гармхонаҳоро ба вуҷуд меорад, ки бо гармшавии назарраси глобалӣ, обшавии ях ва баландшавии сатҳи баҳр алоқаманд аст. Муҳимтарин аломатҳои таназзул инчунин вайрон шудани қабати озони ҳифзӣ ва ифлосшавии уқёнусҳои ҷаҳонӣ мебошад [1].

Акнун инсоният дар назди интихоб қарор дорад: ё бо назардошти давраҳои табиӣ бо табиат ҳамкорӣ мекунед ё зарар мерасонад. Ояндаи

инсоният дар сайёраи мо, инчунин худи сайёра ба он вобаста аст, ки мо имрӯз чиро интихоб мекунем.

Имрӯз, таъсири инсон ба муҳити зист боиси бӯҳрони экологӣ дар тамоми сайёра мегардад. Ин ба масъалаҳои асосие, ки мо бо онҳо рӯ ба рӯ мешавем, дида мешавад ва як қатор қадамҳоеро муайян мекунад, ки мо метавонем барои ҳалли чора андешем.

**Мақсади омӯзиш:**

Ба назар гирифтани технология ва усулхои самарабахши ба даст овардани маҳсулот барои ҳалли проблемаҳои экологии хоҷагии қишлоқ.

**Маводҳо ва усулҳои тадқиқот:**

Эрозияи хок ҳангоми дар натиҷаи борон ва шамол вайрон шудани қабати ҳосилхези замин ба амал меояд.

Роҳҳои ҳалли мушкилот:

- шинондани чангалхо (буттаҳо ва дарахтон): дарахту буттаҳо дар сари роҳи шамол истода, решаҳои онҳо шусташавии хокро нигоҳ медоранд.
- кишоварзии аз ҷиҳати экологӣ тоза:
- нуриҳои органикӣ обро беҳтар нигоҳ медоранд,
- мустаҳкамшавии қабати болои замин шусташавиро пешгирӣ мекунанд.

Боронҳои кислотагӣ ва дигар моддаҳои ифлоскунанда.

-дар стансияхои электрикӣ ва нақлиёти гузоштани филтрҳо.
- истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия.
- истифода бурдани дигар нурихои маъданӣ.
-боздоштани ифлосшавии муҳити зист аз партовҳои саноатӣ.

Зиёдшавии биёбонҳо аз сабаби истифодаи аз меъёр зиёди заминҳои камғизову хушк, ки ба биёбон табдил ёфтани он руй медиҳад.

Ҳалли мушкилот:

- ба кор бурдани усулхои самарабахши обёрӣ.
-фаъолона шинондани дарахтони чангал.

Вайрон кардани муҳити зисти табиӣ.

Ҳалли мушкилот:

-барпо намудани боғҳои табиӣ дар шаҳру дехот.

-назорати қатъии байналхалқӣ ва тадбирҳои муҳофизати муҳити зист; манъ кардани шикор ва савдои ҳайвоноти ёбоӣ.

Таъсири гармхона.

Ҳалли мушкилот:

- истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия.

-пешгирии нест кардани ҷангалҳои тропикӣ, ки ба сифати тоза кардани атмосфера амал мекунанд, гази карбонро аз ҳаво ба худ мегиранд ва онро дар протсесси фотосинтез истифода мебаранд, ки дар натиҷа гази оксиген хориҷ мешавад ва манбаи ҳастии ҳаёт дар рӯи замин мегардад.

Истифодаи бесамар аз сарватхои табиӣ.

Ҳалли мушкилот:

- коркард ва нобуд кардани партовхо.

-дуру дароз истифода бурдани ашё ва либос, таъмиру тармим кардани онҳо ба ҷои партофтани онҳо.

-тартиб додани барномаҳои гузаштан ба тарзи ҳаёти окилона ва сарфакорона.

Шӯршавии хок ин дар минтақаҳо аз ҳад зиёд ҷамъ шудани намакҳои электролитӣ, ки растаниҳои хоҷагии қишлоқро нобуд ё хушк намуда, сифат ва миқдори ҳосилро паст мекунанд.

Шӯр шудани хок ин дар қабати реша аз ҳад зиёд ҷамъ шудани намакҳои электролитӣ (ҳалшуда ё ҷаббида) мебошад, ки дар натиҷа сабзишӣ растаниҳои кишоварзиро бозмедорад ё нобуд мекунад, сифат ва ҳосилнокиро кам мекунад. Имрӯзҳо дар қисмати ҷануби Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ минтақаҳои зиёди шуразаминҳо мавҷуданд. Бо сабаби хушкшавии иқлим хокхои биёбонҳо ва нимбиёбонҳо ба шуразаминҳо табдил меёбанд.

Шуршавӣ бо мушкилиҳои заҳбурҳо, вайрон шудани системаҳои обёрӣ дар заҳбурҳо алоқаманд аст, истифодаи бесамари захираҳои об, афзоиши талабот ба маҳсулоти кишоварзӣ, ки боиси афзоиши таъсир ба заминҳои кишоварзӣ мегардад, технологияи куҳнашуда, ки ба талаботи системаҳои истеҳсолии имрӯза мувофик нест ва бисёр омилҳои дигар сабаб шуда метавонад. Мубориза ба муҷобили шур шудани замин ҳоло якҷоя бо дигар тадбирҳое дида мешавад, ки ба пешравии устувори хоҷагии қишлоқ нигаронида шудааст, ки ин яке аз асосҳои таъмини амнияти озуқаворӣ мебошад.

Пеш аз гузарондани тадбирхои мелиоративӣ ва экологӣ ба хусусиятхои обӣ-физикии хок диққати махсус додан лозим аст. Ҳангоми таҳияи тадбирҳои экологӣ ва мелиоративӣ омилҳои зерин ба назар гирифта бояд шавад. Самараи шустани заминҳои шур бевосита ба тайёрӣ вобаста аст замин ва махсусан аз чуққурӣ шудгор вобаста аст. Суръати шусташавии заминҳои шур яке аз тадбирҳои асосии экологӣ ва агротехники мебошад, ки беҳбудии зироатҳои хоҷагии қишлоқро таъмин мекунад. Аз ин рӯ, муқаррар намудани меъёри обёрии шусташавӣ ва усулҳои омода кардани хок барои обёри дар заминҳои шур дар баланд бардоштани ҳосили зироатҳои кишоварзӣ ва беҳтар кардани ҳолати экологии геосистемаҳои обёришаванда барои асоснок кардани арзишҳои обёрӣ, инчунин барои шусташавии заминҳо аҳамияти бузурги амалӣ дорад [4].

Хулоса кардан мумкин аст, ки таъсири мустақим ба дигаргуншавии қабатҳои хок, муҳофизатӣ растаниҳои табиӣ, пешгирии самараноки идоракунии ҷангал, ки гардиши табииро ба назар мегиранд ин пешгири аз боронҳои кислотагӣ ва дигар ифлоскунандаҳо мебошад. Истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, татбиқи усулҳои самараноки обёрӣ ва шинонидани фаъоли ҷангалҳо низ муҳим мебошад. Шӯршавии заминҳо ба паст шудани ҳосилнокии зироати кишоварзӣ расонида бо таъмини амнияти озуқаворӣ монеаҳо эҷод мекнунад. Дар натиҷа мушкилоти камшавӣ ва

нобудшавии системаҳои обёрӣ ва заҳбурҳо, истифодаи ғайрисамараноки захираҳои об ба амал меояд.

**АДАБИЁТ:**


1. Аверьянов С.Ф. Борьба с засолением орошаемых земель., М, 1978,-288с.

2. Деградация и охрана почв // Под ред. Добровольского Г.В., М.: МГУ, 2002,-190с.

3. Мирцхуллава Ц. Е. Деградация почв и пути предсказания неблагоприятных ситуаций при оршении.// Почвоведение , 2001, №12, С.1503-1510.

4. Почвоведение, 1998, №9, С.1119-1126.

5. Растанипарвари ва асосхои тухмишиноси /Ч.М. Косимов, М.Н. Сардоров, Т.Н. Набиев [и др.]. - Душанбе: Маориф ва фарханг, 2011.- 452 с.

6. Сейтказиев А.С., Байзакова А.Е. Режим грунтовых вод, приуроченных к бассейнам рек. Вопросы мелиорации № 5-6, Москва, 2003, С.93-98

7. Сейтказиев А.С. Почвенно-экологическая оценка засоленных земель в условиях аридной зоны// Материалы международн.научно-практ. Конф. «Мелиорация в России– традиции и современность» посвящена 110-летию С.Ф.Аверьянова, Москва,2013,С.162-170.

8. Изатуллозода, Р. Х. Идоракунии партовҳо: аз мушкилот то рушди сабз / Р. Х. Изатуллозода // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои табиӣ. – 2025. – No. 3(27). – P. 13-19. – EDN NOTTQY.

9. Изатуллозода, Р. Х. Тағйирёбии иқлим. Обшавии пиряхҳо ва роҳҳои пешгирии онҳо / Р. Х. Изатуллозода // , 10 марта 2025 года, 2025. – P. 44-48. – EDN YQYHQL.

10. Изатуллозода, Р. Х. Тоҷикистон дар масири мубориза алайҳи тағйирёбии иқлим ва обшавии пиряхҳо / Р. Х. Изатуллозода // Тағйирёбии иқлим ва таъсири он ба обшавии пиряхҳо : Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи бахшида ба "Соли байналмилалии

ҳифзи пиряхҳо" эълон шудани соли 2025, Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028" ва ҷиҳати иҷроиши барномаи давлатии "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф, солҳои 2020-2040", Душанбе, 29 марта 2025 года. – Душанбе: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 2025. – P. 68-71. – EDN PFBLPM.

**Маълумот дар бораи муаллифон:**
**Раҳимзода Шералӣ Ҳасан** - Мудири кафедраи географияи табиии факултети географияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Суроға:734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудаки 121. E mail: biokhimik63@mail.ru Тел: (+992)100005050
**Изатуллозод Рамазон Хайрулло** - Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, ходими илмӣ, докторанти Ph.D. Суроға: 734042, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Айнӣ, 14 а. Телефон: (+992) 985-29-36-36. E-mail: ramazon_kh@mail.ru
**Сведения об авторах:**
**Рахимзода Шерали Хасан** - Заведующий кафедрой физический географии Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни Адрес:734003, город Душанбе, проспект Рудаки 121. E-mail: biokhimik63@mail.ru. Тел.: (+992) 100 00 50 50.
**Изатуллозода Рамазон Хайрулло** - Научно-исследовательский институт устойчивого развития и зеленой экономики Международного университета туризма и предпринимателства Таджикистана, научный сотрудник, доктор Ph.D. Адрес: 734025. город Душанбе, Республика Таджикистан, улица Айни, 14а. Телефон: (+992) 985-29-36-36, E-mail: ramazon_kh@mail.ru

# ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМИ ҶАҲОНӢ ВА МУШКИЛИҲОИ ОН РАВАНДИ БИЁБОНШАВИ БА ЭКОСИСТЕМАҲОИ ОСИЁИ МИЁНА

***Раҳимзода Шералӣ Ҳасан*** *- н.и.б., дотсент, мудири кафедраи географияи табиии факултети географияи ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

Дар мақола хусусиятҳои умумии тағирёбии иқлим дар миқёси ҷаҳонӣ ва бахусус дар Осиёи Марказӣ баррасӣ карда мешавад. Оқибатҳои тағирёбии иқлим дар минтақа омӯхта шуданд. Бори аввал дар ин минтақа ҳашт экосистема муайян ва арзёбии онҳо дода шудааст, ки дар таъсир ба тағйирёбии иқлим ва шиддати раванди биёбоншавӣ оварда шудааст.

**Калидвожаҳо:** тағирёбии иқлим, оқибатҳо, экосистемаҳо, шиддатнокии раванди биёбоншавӣ. боздоштани мушкилот.

## ГЛОБАЛЬНОЕ ИЗМЕНЕНИЕ КЛИМАТА И ЕГО ОСЛОЖНЕНИЯ ПРОЦЕСС ОПУСТЫНИВАНИЯ ДЛЯ ЭКОСИСТЕМ СРЕДНЕЙ АЗИИ

В статье рассматриваются общие особенности изменения климата в глобальном масштабе и, в частности, в Центральной Азии. Изучены последствия изменения климата в регионе. Впервые для данного региона были определены восемь экосистем и проведена их оценка с точки зрения влияния климатических изменений и усиления процессов опустынивания.

**Ключевые слова:** изменение климата, последствия, экосистемы, интенсивность процессов опустынивания, предотвращение проблем.

Дар айни замон, асосҳои гармшавии глобалии иқлим шубҳанок аст, гарчанде ки омилҳои гуногун баҳсбарангез боқӣ мемонад. Бо вуҷуди ин, натиҷаҳои таҳлиле, ки Созмони байниҳукуматӣ оид ба тағирёбии иқлим анҷом додааст, мавҷудияти гармшавии антропогениро дар баробари афзоиши консентратсияи газҳои гулхонаӣ тасдиқ мекунад ва аз ин рӯ, таҳқиқоте, ки ба арзёбии таъсири тағирёбии иқлим ва таҳияи чораҳои мутобиқшавӣ нигаронида шудаанд, мувофиқ дониста мешаванд. Чунин таҳқиқот ва коркардҳо, пеш аз ҳама, дар сатҳи минтақавӣ барои коҳиш додани хатарҳои марбут ба тағирёбии иқлим зарур аст. Тағйирёбии иқлими глобалӣ мавзӯи баҳсҳои пуршиддати илмӣ мегардад. Ин мавзӯъро мутахассисони соҳаҳои гуногун зери баҳс қарор медиҳанд, зеро ин раванд боиси тағйироти муҳити зист мегардад, ки мушкилоти системаҳои биофизикӣ ва экологиро зиёд мекунад.

Омӯзиши ин зуҳуроти бесобиқаи табиат ба мо имкон медиҳад, ки фаҳмиши худро дар бораи оқибатҳои эҳтимолии тағирёбии сайёра васеъ кунем. Тағйирёбии иқлими пешбинишаванда метавонад ба устувории рушди минтақаи Осиёи Миёна, ки дар минтақаи хушк ҷойгир аст, махсусан ба бахши кишоварзӣ таъсир расонад. Мунтазам баланд шудани ҳарорати ҳаво боиси оқибатҳои зиёди манфӣ мегардад, аз меъёр зиёд бухор шудани об ва зиёд шудани майдонҳои шӯразамин, кам шудани захираи обхои зеризаминӣ ва протсессхои биёбоншавӣ мегардад. Дар шароити афзоиши интенсивии аҳолӣ ва зарурияти васеъ кардани дехот

истехсолоти иктисодӣ, чунин вазъият боиси афзудани норасоии захирахои об мегардад [1].

Таҳлили таҳқиқотҳои солҳои охир ба масъалахои тағйирёбии иқлим дар Осиёи Миёна маводҳои зиёде ба чоп расонида шудааст. Дар ин корҳо тағирёбиро оиди дигаргуншавии атмосфера ва хусусиятхои иқлимӣ минтакавии Осиёи Миёна дар давраи мушоҳидаҳои метеорологи, тағйирёбии глобалии иқлим ва минтақавиро тавсиф ва пешгӯи мекунад [4,10]. Хусусиятхои вазъияти ҳозираи иқлим, тағйироти эҳтимолии элементҳои иқлим баҳо дода мешавад. Тағирёбии иқлим ба ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва захираҳои об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири калон мерасонад.

Бояд гуфт, ки то ҳол асоси тағйирёбии экосистемаҳои Осиёи Марказӣ ки дар натичаи тағйирёбии иклим ба амал омадаанд, пурра таҳқиқ карда нашудааст.

Хушксолиҳо, обхезӣ ва зимистонҳои сахти кайҳо фаромӯшшуда дар Аврупо ва Амрико боиси нигаронии ҷиддӣ шуданд. Дар айни замон, афзоиши микдори гази карбон дар атмосфера ошкор карда шудааст. Фарзияҳо аст, ки афзоиши консентратсияи «газҳои гармхонаӣ» (асосан $CO_2$) боиси баланд шудани ҳарорати миёнаи атмосфера дар замин мегардад. Мувофиқи пешниҳодҳои (Созмони байниҳукуматӣ оид ба тағирёбии иқлим), ҳарорати миёнаи ҳавои ҷаҳон дар давоми 100 сол назар ба давраи пеш аз индустриалӣ 0,3 - 0,60С зиёд шуда, сатҳи баҳр то соли 2050 - ум 10 - 20 см баланд мешавад,

консентратсияи гази карбон ду баробар меафзояд, барои кам кардани партовҳои саноатӣ чораҳои таъчилӣ андешида бояд шавад [2].

Суръати болоравии ҳарорат дар чаҳон ҳар сол ба 0,30 то ба 10 дарача мерасад. Тахмин карда мешавад, ки гармшавӣ дар тамоми арзхо нобаробар ба амал меояд. Дар баъзе минтақаҳо аз чумла дар Осиёи Миёна миқдори боришот зиёд мешавад, вале дар дигар чойҳо хушксолӣ шиддат ёфта метавонад. Хавфи хушксолӣ бештар ба назар мерасад, ки ин чиддитарин оқибатҳои манфии тағйирёбии иклим мебошад [4]. Нишондиҳандаи асосии тағйирёбии иқлими чаҳонӣ ҳарорати миёнаи ҳавои рӯизаминӣ дар минтақаҳои калон ба ҳисоб меравад. Тағйирёбии глобалӣ, дар асоси маълумотҳои миёнаи солонаи тағирёбии иқлим, дигаргуншавии ҳарорати ҳавои рӯизаминӣ дар материкҳо мебошад.

Пеш аз ҳама дар баланд шудани ҳарорати миёнаи ҳаво, ин зиёд шудани миқдор ва шиддатнокии ходисахои гидрометеорологи, аз кабили махсусан гармии рӯзҳо, хушксолӣ, боришҳои зиёд, обшавии пиряхҳо,
обхезӣ, сел ва тарма мебошад. Таҳқиқоти тағйирёбии иклим дар Осиёи Миёна асосан дар солҳои 80-уми асри бист оғоз ёфта буд. Омӯзиши иқлими Осиёи Марказӣ дар маҷмӯъ аз он нишон дод, ки тағйирот дар ҷузъҳои гуногуни экосистемаи иқлим дар минтақа мушоҳида мешавад. Дар асоси таҳлили маълумотҳо мушохида карда шудааст, ки тамоюли сарди ва тамоюли гармшавии ҳаворо дар тамоми минтақаҳо дар давраи сарди ва ҳам дар давраи гармии сол мушоҳида кардан мумкин аст. Ҳарорати миёнаи солонаи ҳаво зиёда аз 100 сол дар Осиёи Миёна то 1,2$^{0}$C зиёд шудааст. Суръати миёна гармшавӣ дар давоми 70 соли охир дар минтақа то ба 0,20 дарачa зиёд аст [4].

Дар давраи гармшавии ҳаво микдори боришот тағьир меёбад, ки ин боиси зиёд шудани хушксолӣ мегардад. Дар ҳудуди Осиёи Миёна, кам шудани мачрои дарьёхо ва афзоиши басомади хушксолӣ, оид ба фаъол шудани протсессҳои биёбоншавии антропогенӣ ва ифлосшавии муҳити зист оварда мерасонад. Тағйирёбии давомнок ба хусусиятхои иклим, қисмҳои баланси замин, об ва захирахои табиӣ таъсири калон мерасонад. Дар қисмати кӯҳсори

минтақаҳо таназзули пиряххо ва кам шудани масохати онхо мушохида карда мешавад

Маълумотҳо оиди камшавии қабати пиряхҳо дар куҳҳои Осиёи Марказӣ нишон медиҳад кам шудани захираҳои барф  ба паст шудани сатҳи дарёҳо ва зиёд шудани майдони шӯразаминҳо оварда мерасонад. Пиряхҳо ҳамчун яке аз ассостарин нишондиҳандаҳои тағирёбии иқлим эътироф карда мешаванд. Дар давоми сол андозаи онҳо, ҳангоми сардшавии иқлим, яъне давраи яхбанди ва дар вақти гармшавии иқлим ба таври назаррас тағйир меёбад. Масалан, дар давоми бист сол (соли 1960 то 1980) пиряххо дар Осиёи Марказӣ то 19 фоиз кам шуда, ин раванд дар ниҳоят боиси биёбоншави дар қаламрав мегардад [1]. Тағйирёбии иқлим дар минтақа нақши муҳим мебозад ба нест шудани чангалҳо накш мебозад. Майдони ҷангалзорҳо дар кӯҳҳои Осиёи Марказӣ хеле кам мебошад. Майдони чангалзорҳо дар Тоҷикистон ҳамагӣ 1,0 фоизро ташкил медихад. Бо вуҷуди ин, далелҳои зиёди таърихӣ ва илмӣ дар бораи паҳншавии пештараи ҷангалҳо дар кӯҳҳо дар сарчашмаҳои илмӣ мавҷуд нест [3].

Буридани чангалҳо аз тарафи аҳолӣ солҳои охир, боиси биёбоншавӣ ва хушкшавии растаниҳо гардид. Ин хусусияти хушки дар тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ афзоиш ёфта ба равандҳои биёбоншавӣ дар даштхо, даманакуҳҳо ва кам шудани майдони пиряхҳо мусоидат кард. Ҳамаи ин ба зиёд шудани раванди эрозия, дар системаи куҳҳо, даштҳо шуда, ба оқибатҳои гуногуни иҷтимоию - иқтисодӣ ба зиёд шудани селҳои пиряхӣ дар Точикистон ва Узбекистон оварда мерасонад[1,8]. Гармшавии глобалӣ, яъне давраҳои хушксолӣ ва ҳарорати баланд, шароити вазнинӣ обу ҳаворо дар минтақа афзоиш хоҳад дод. Дар робита бо тағирёбии иқлим интизор меравад, ки пасомадҳои  хушксолии сахт ва миёнаро ба миён орад.

Масалан, ҳаҷми оби дарёи Зарафшон дар соли 2020 назар ба солҳои 2000-2001, 40 фоиз кам шудааст. Дар Осиёи Маркзӣ, махсусан дар поёноби Амударё хушксолӣ ба амал омад, ки ба протсессхои биёбоншавӣ ва ба норасоии об оварда расонид.

Таъсири хушксолӣ вобаста ба мавқеи иқлимии ҷомеа гуногун мебошад. Зарари хушксолӣ ба хочагии кишлок махсусан калон аст. Умуман, барои хочагихои лалмӣ заминҳои Тоҷикистон дар солҳои хушксолӣ хосили зироатҳои кишоварзӣ 40-50 фоиз кам шуд. Дар заминҳои обӣ солҳои хушксолӣ, боиси 20 фоиз кам шудани ҳосили зироатҳои хочагии қишлоқ гардид. Ҳамин тариқ хушксолӣ ин аслан катализатори биёбоншавӣ мебошанд. Дар Осиёи Марказӣ ҳашт минтақа экосистемаҳои асосӣ намудҳои ландшафтҳо муайян карда шудааст, ки бо тағирёбии иқлим ва ҳолати кунунии шиддатнокии раванди биёбоншавӣ таҳти таъсири тағирёбии иқлим қарор дорад [2].

Хулоса: Бояд қайд кард, ки ҳолати экосистемаҳо дар заминаи тағйирёбии иқлим, пеш аз ҳама дар сатҳи минтақавӣ бо мақсади бартараф додани хатарҳои вобаста ба тағйирёбии иқлим зарур аст. Аз ин рӯ, дигаргуниҳои экосистемаи куҳҳо ва даштҳои Осиёи Марказӣ, ки аз сабаби тағйирёбии иқлим мебошанд омили мухими мебошад. Нишондихандахои асосии шиддати протсесси биёбоншавӣ, рушди кишоварзӣ, тандурустӣ ва ғайра аз тағйирёбии иқлим сахт вобаста мебошад. Бинобар ин дар оянда инкишоф додани чунин таҳкикотҳо оид ба таъсири тағйирёбии иқлим хеле зарур мебошад.

Экосистемаҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ҳамчун ландшафтҳои табиии хеле бо ҳам монанд мебошанд. Ҳамин тавр, дар шароити хозира нигоҳ доштани ҳолати табиӣ, ки аҳамияти экологӣ, иқтисодию - ичтимоӣ ва прогрессивии иклимро ташкил медиҳад тадбирхои зарури андешидан лозим аст.

**АДАБИЁТ**:


1. Алибеков Л.А. Полоса жизни между горами и пустынями. Изд. «Наука», Москва, 1992. с.176

2. Алибеков Л.А. Эколого-географические проблемы Центральной Азии. Под редакцией академика РАН Бабаева А.Г. Самарканд, 2010. с.421.

3. Проблемы изменения климата. Ташкент, 2000. с.224.

4.Чуб В.Е. Изменение климата и его влияние на гидрометеорологические процессы, агроклиматические и водные ресурсы Республики Узбекистан. Ташкент, 2007. с.134.

5. Изатуллозода, Р. Х. Тағйирёбии иқлим. Обшавии пиряххо ва роҳҳои пешгирии онҳо / Р. Х. Изатуллозода // , 10 марта 2025 года, 2025. – P. 44-48. – EDN YQYHQL.

6. Изатуллозода, Р. Х. Тоҷикистон дар масири мубориза алайҳи тағйирёбии иқлим ва обшавии пиряхҳо / Р. Х. Изатуллозода // Тағйирёбии иқлим ва таъсири он ба обшавии пиряхҳо : Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи бахшида ба "Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо" эълон шудани соли 2025, Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028" ва ҷиҳати иҷроиши барномаи давлатии "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф, солҳои 2020-2040", Душанбе, 29 марта 2025 года. – Душанбе: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 2025. – P. 68-71. – EDN PFBLPM.

7. Изатуллозода, Р. Х. Идоракунии партовҳо: аз мушкилот то рушди сабз / Р. Х. Изатуллозода // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои табиӣ. – 2025. – No. 3(27). – P. 13-19. – EDN NOTTQY.

**Маълумот дар бораи муаллиф:**
**Раҳимзода Шералӣ Ҳасан** - Мудири кафедраи географияи табиии факултети географияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Суроға:734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудаки 121. E mail: biokhimik63@mail.ru Тел: (+992)100005050
**Сведения об авторе:**
**Рахимзода Шерали Хасан** - Заведующий кафедрой физический географии Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни Адрес:734003, город Душанбе, проспект Рудаки 121. E-mail: biokhimik63@mail.ru. Тел.: (+992) 100 00 50 50.

## ТАЪСИРИ ПАЙВАСТАГИҲОИ КОМПЛЕКСӢ БА ДИНАМИКАИ РУШДУ ИНКИШОФИ НАВЪҲОИ ГУНОГУНИ СОЯ

***Усмонова Н.С*** *– ассистенти кафедраи физиологияи растаниҳои ДМТ*

Сабзиш ва инкишофи навъҳои соя дар шароити агроиқлимии водии Зарафшон нисбат ба водии Ҳисор тезтар ба амал омадааст. Нашъунамои бештари растаниҳо дар варианти ба ҳар гектар андохтани 350 килограмм $P_2O_5$ дар шароити Зарафшон - 88,6 см мушоҳида гардид. Ин нишондодҳо дар шароити водии Ҳисор дар сатҳи 80-82 см буданд.

**Калидвожаҳо:** ҳосилнокӣ, соя, сабзиш, инкишоф, препарат.

## ВЛИЯНИЕ ФИЗИОЛОГИЧЕСКИ АКТИВНЫХ ВЕЩЕСТВ НА СКОРОСТЬ ПРОРАСТАНИЯ СЕМЯН СОРТОВ СОИ

Рост и развитие сортов сои происходили более интенсивно в агроклиматических условиях Зеравшанской долины, по сравнению Гиссарской долины. Больший прирост растений наблюдался в варианте внесения 350 кг $P_2O_5$ на гектар в условиях Зеравшана - 88,6 см. В условиях Гиссарской долины эти показатели находились на в пределах 80-82 см

**Ключевые слова**: урожайность**,** соя, рост, развитие, препарат.

Нашъунамо ва инкишофи навъҳои соя дар шароити агроиқлимии водии Зарафшон нисбат ба водии Ҳисор тезтар ба амал омад. Нашъунамои бештари растаниҳо дар варианти ба ҳар гектар андохтани 350 килограмм $P_2O_5$ дар шароити Зарафшон - 88,6 см мушоҳида гардид. Ин нишондодҳо дар шароити водии Ҳисор дар сатҳи 80-82 см буданд.

Афзоиши миқдор ва масоҳати баргҳо боиси афзоиши ҳосилнокии як растанӣ мегардад, ки ин яке аз нишондиҳандаҳои муҳимест, ки ба ҳосилнокии умумии растаниҳо ва ҳосилнокии фотосинтетикии растанӣ таъсир мерасонад ва ин дар навбати худ ба миқдор ва сифати ҳосил таъсири мусбат дорад. Муайян кардани майдони баргҳо нишон дод, ки дар шароити водии Зарафшон варианте, ки бо пошидани 350 кг/га $P_2O_5$ майдони барг дар як растани 45-50 $см^2$ ва дар шароити водии Ҳисор масоҳати максималии барги як растанӣ дар варианти 350 кг/га $P_2O_5$ 42-44 $см^2$ ва дар варианти назоратӣ (бе андохтани пору) 35-37 см2 буд.

Мо хусусиятҳои морфофизиологии баъзе навъҳои донаи лубиёи чиниро дар шароити хоку иқлими водии Ҳисор (Душанбе Буни ҳисораки ДМТ) омӯхтем.

Нашъунамои тухмӣ аз рӯи усули умум қабулшуда муайян карда шуд (Доспехова, 1985)

Таъсири бо моддаҳои химиявӣ кор карданро ба қувваи нешзанӣ ва нашъунамои умумии тухмии навъҳои соя таҷрибаҳо гузаронидем. Препаратҳои таъсирбахштарин ва консентрацияи онҳо оид ба энергияи нешзанӣ ва нашъунамои умумии тухмӣ муайян карда шуданд. Барои тезонидани нашъунамои тухмии навъҳои соя аз препаратҳои дар лабораторияи факултети химияи ДМТ синтезшуда истифода бурдем. Натиҷаи тадқиқоти лаборатории мо нишон доданд, ки ҳангоми тар кардании тухми соя навъи Чини (Хитои) $R_{1\text{-}3}$ глицило пропан 2-ол тамоми консентрацияи санҷидашудаи ин препарат нисбат ба варианти назорати –оби соф, нашъунамои тухмиро 24-25% зиёд кард. Препарати $R_{2\text{-}3}$-синил-аланил-пропан-1,2-ол дар консентрацияи 0,1 ва 0,001% сабзиши тухмиҳоро то ба 11-12% зиёд намуд.

**Ҷадвали №1. Таъсири пеш аз кишти коркарди препаратҳои химиявӣ ба суръати сабзиши тухми соя**

| Навъ | Препарат | Консентратсияи маҳлул, % | Сабзиши тухмиҳо дар 3-рӯзи аввал % | | | Фаъолгардонии сабзиш дар муқоиса бо варианти об дар рузи 3-юм, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 1 | 2 | 3 | |
| Ситора | Назоратӣ (об) | - | 30 | 75 | 75 | |
| | $R_3$—1-хлор-3 карбобензоокси | 0,1 | 50 | 95 | 95 | +20 |
| | Кинетин | 0,001 | 90 | 95 | 95 | +20 |
| Орзу | Назоратӣ (об) | - | 30 | 75 | 75 | - |
| | $R_4$—1-3 ди глицило пропан 2 –ол | 0,01 | 80 | 80 | 80 | +5 |
| | $R_3$—1-хлор-3 карбобензоокси | 0,01 | 65 | 75 | 80 | +5 |
| | Кинетин | 0,01 | 85 | 85 | 90 | +20 |
| Хитои | Назоратӣ (об) | - | 30 | 85 | 85 | |
| | $R_{1\text{-}3}$-глцилопропан 2-ол | 0,1 | 80 | 85 | 95 | +10 |
| | $R_{2\text{-}3}$-синил аланило пропан 1,2-ол | 0,1 | 100 | 100 | 100 | **+15** |
| Дарнитса | Кинетин | 0,1 | 100 | 100 | 100 | +15 |
| | Назоратӣ (об) | - | 30 | 85 | 85 | |
| | $R_3$—1-хлор-3 карбобензоокси | 0,01 | 95 | 95 | 100 | +15 |
| | $R_{4\text{-}1\text{-}3}$ ди глицило пропан 2 –ол | 0,001 | 80 | 80 | 80 | -5 |
| | Кинетин | 0,01 | 85 | 90 | 100 | +15 |

Дар навъи «Дарнитса» дар варианти тар кардани тухмӣ дар консентрасияи перепарати $R_{4\text{-}3}$-диглитсил пропан 2-ол сабзиши умумии тухмӣ ба 78,3% ва дар варианти муқоисавӣ (оби тоза) тезонидани нашъунамо 63,3% мушоҳида карда шуд. Яъне афзоиши нашъунамо ба 15% расид.

Вақте тухмии навъи «Дарнитса» бо препарати $R_{3\text{-}1}$-хлор-3-карбонбензоокси тар карда шуд сабзиш дар консентрацияи 0,01% ба 93,3% ва дар варианти бо об тар карда 77%-ро ташкил дод, яъне афзоиши сабзиши тухми 15% зиёд шуд.

Ҳангоми истифодаи кинетини табиӣ (биостимулятор) сатҳи баланди сабзиши умумӣ дар консентрацияи 0,01%-87% мушоҳида шуд.

Дар маҳлули $R_{3\text{-}1}$-хлор-3-карбонбензоокси тар кардани тухмии навъи «Ситора» нишон дод, ки дар тамоми консентратсияи ин перепарат 0,1, 0,01, 0,001%, сабзиши умуми тухми 92%,85%,88%, мутаносибан ва дар варианти муқоисавӣ (оби тоза) таркарда -72%, яъне фаъолгардонии сабзиш бо ин препарат хело баланд буд. Озмоиши перепарати $R_{4\text{-}1\text{-}3}$-диглицило пропан 2-ол дар навъи «Орзу» нишон дод, ки нашъунамои умумии тухмӣ дар ҳамаи вариантҳои таҷриба якхела буда, дар варианти муқоисавӣ –об 60-65%-ро ташкил намуд.

Бо перепарати таҷрибавии $R_{3\text{-}1}$-хлор-3-карбонбензоокси ва кинетин биоперепарати стандарти кор карда дар навъи «Орзӯ» аз 75% зиёд набуд.

Ҳамин тавр дар асоси маълумоти ба даст омада ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар байни препаратҳои тадқиқшуда стимуляторҳои сабзиши соя хело самарабахш ($R_{3\text{-}1}$-хлор-3-карбонбензоокси, $R_{3\text{-}1}$-глицило 2-ол) мебошанд. Дар айни замон таъсири фаъолкунандаи препаратҳои санҷидашуда низ ба навъҳои соя вобаста буд. Препаратҳое, ки сабзиши тухмии навъҳои сояро фаъол менамояд, минбаъд дар шароити табии хоку иқлимии минтақаи киштшаванда омӯхта мешаванд.

Дар заминҳои обӣ аз ҳисоби меъёрҳои нуриҳои маъданӣ - $N_{45}$ $P_{60}$ $K_{45}$ ҳосили баланди лӯбиё ба андозаи 27-28,5 сентнер ба даст овардан мумкин аст. Ҳосили баланди лӯбиёро бо истифодаи $N_{45}K_{45}$ 24с/га низ таъмин кардан

мумкин аст. Ҳосили баланд ва истифодаи $N_{45}K_{45}$ 24 с/га бо зироати бе истифодаи нуриҳои минералӣ -19 с/га варианти назоратӣ. Истифодаи нуриҳои маъданӣ дар баробари зиёд шудани ҳосил инчунин беҳтар шудани сифати маҳсулот мегардад. Нуриҳои азотӣ ба зиёд шудани сафеда дар дон ва равған мусоидат мекунанд.

**Ҷадвали 2. Таъсири тар намудани тухмӣ дар маҳлулҳои химиявӣ ба нешзании умумии тухми навъҳои соя.**

| Навъ | Препарат | Консен трατсия % | Сабзиши умумии тухм % | Фаъолгардонии сабзиши тухм дар муқоиса бо варианти об % |
|---|---|---|---|---|
| Ситора | Назоратӣ (об) | 0 | 72±5,4 | 0 |
| | $R_3$—1-хлор-3 карбобензоокси | 0,1 | 92±2,3 | +20 |
| | Кинетин | 0,01 | 88±2,2 | +16 |
| Орзу | Назоратӣ (об) | 0 | 73±4,0 | 0 |
| | $R_4$—1-3 ди глицило пропан 2 –ол | 0,01 | 62±5,6 | -11 |
| | Кинетин | 0,01 | 87±2,6 | +14 |
| | Назоратӣ (об) | 0 | 74±4,2 | 0 |
| | $R_3$—1-хлор-3 карбобензоокси | 0,01 | 87±3,2 | +13 |
| | Кинетин | 0,01 | 87±3,5 | +13 |
| Хитои | Назоратӣ (об) | 0 | 74±4,2 | 0 |
| | $R_1$-3-глцилопропан 2-ол | 0,1 | 88±5,6 | +14 |
| | $R_2$-3-синил аланило пропан 1,2-ол | 0,1 | 75±4,8 | +1 |
| Дарнитса | Назоратӣ (об) | 0 | 77±5,6 | 0 |
| | $R_3$—1-хлор-3 карбобензоокси | 0,01 | 93±3,9 | +16 |
| | Кинетин | 0,01 | 87±3,3 | +10 |
| | Назоратӣ (об) | 0 | 63±4,2 | 0 |
| | $R_4$-1-3 ди глицило пропан 2 –ол | 0,01 | 78±2,2 | +15 |
| | Кинетин | 0,1 | 73±2,1 | +10 |

Миқдори фосфор дар растаниҳои лӯбиёӣ аз марҳилаи гулкунӣ зиёд шуда, дар марҳилаи ташаккулёбии ғилофак ба ҳадди ниҳоии худ расид. Вақте ки дон пурра пухта расид, миқдори зиёди моддаҳои ғизоӣ дар дон захира мешавад.

Фосфор ва калий ба ташаккули лундачаҳо мусоидат намуда, фаъолияти бактерияҳои лӯндашаклро зиёд ва равандҳои физиологиро дар растаниҳо фаъол карда, ба зиёд шудани ҳосили дон мусоидат мекунад.

Инчунин, қайд карда мешавад, ки инокулятсияи дони соя боиси 55,1 фоиз зиёд шудани ҳосил мегардад, дар ҳоле ки ҳангоми илова кардани танҳо азоти минералӣ (N120) ҳосилнокӣ 23,1 фоиз кам шудааст. Бо истифодаи якҷояи нитрагин, фосфор ($P_{30}$) ва молибден ҳосили дон 39,1% афзудааст. Тадқиқотҳо нишон доданд, ки ҳангоми аз муҳити ғизо хориҷ кардани фосфор ҳосилнокии дон қатъиян паст мешавад ва дар сурати истифодаи фосфатҳои ҳалшаванда миқдори донро якчанд маротиба зиёд мекунад. Нуриҳои фосфорӣ на танҳо ба ҳосили дон, балки ба растанӣ таъсири бевосита расонида, инкишофи ниҳолҳоро беҳтар мекунанд.

Таҷрибаҳо нишон доданд, ки дар заминҳои марғзору хокистарранг ба ҳосили дон андохтани танҳо нуриҳои азотӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Миқдори пигментхои фотосинтетикӣ дар барги растаниҳои соя вобаста ба минтақаи нашъунамо байни навъҳо ва вариантҳои таҷрибави каме фарқ мекард. Миқдори зиёди хлорофилли “а” дар водии Зарафшон (1,52-1,66мг/г вазни тар) дар растании навъи Ситора дар варианти истифодаи миқдори зиёди фосфор (300 кг/га $P_2O_5$) ба назар мерасад. Дар шароити водии Ҳисор миқдори хлорофилли а ва b дар навъи Орзу (2,75-2,16 мг/гвазни тар ) зиёд буд.

Аз ҷиҳати миқдори хлорофилл растаниҳои водии Зарафшон аз водии Ҳисор бартарӣ доштанд. Дар баробари ин дар байни вариантҳо фарқиятҳои назаррас дар шароити хоку иқлими водии Ҳисор тафовути бештар дошт. Маълумоти ба даст овардашуда нишон медиҳанд, ки миқдори умумии каротиноидҳо дар баргҳо вобаста ба вариантҳои таҷрибавӣ каме фарқ мекунанд. Миқдори камтарин дар варианти назорати (бе иловаи $P_2O_5$) дар навъи Орзу аз ҷиҳати миқдори дон дар як растанӣ дар шароити водии Хисор мушоҳида карда шуд. Дарозии ғилофак дар растани шумораи муайяни тухмиро низ бо ҳамин тартиб нишон медиҳад. Дар шароити водии Ҳисор вобаста бо иловаи нуриҳои фосфорӣ (100.200.300.350кг $P_2O_5$) тафовутҳои ками байниминтақавӣ (0,4-0,5 см) ва байнивариантӣ (0,3-0,6 см) вуҷуд доштанд.

Хусусияти дигаре, ки ҳосили донро баланд мекунад, тухмии баландсифати он мебошад. Миқдори тухмӣ дар як растани гуногун шуда метавонад ва шумораи тухмии калон ва пурра нишондиҳандаи сифатии ҳосили дон мебошад. Тухмиҳои калон (пурра) дорои арзиши хуби ғизоӣ бо таркиби химиявии беҳтар мешаванд. Муқоисаи ҳосили зироатҳои гуногун вобаста ба миқдори боришот нишон дод, ки растаниҳо давраҳое доранд, ки талаботи онҳо ба намӣ хеле зиёд мешаванд. Минбаъд ин давраҳоро «давраҳои номусодӣ» номиданд. Дар ин давраҳо бо об таъмин нашудани ниҳолхо ба кам шудани ҳосил оварда мерасонад.

Дар сурати обьёрии онҳо дар ин давр ба таври иловаги то 6-7 с/га сафедаи хушсифат ва 3-4 с/га равған гирифтан мумкин аст.

Тадқиқотҳо нишон доданд, ки, реҷаи беҳтарини обьёрии соя ин нигоҳ доштани нами дар қабати 0-60 сантиметри хок дар сатҳи 80% намиғунҷоиши беҳтарин (НБ) мебошад, ки дар тамоми давраҳои ҳаёти растаниҳо имкон медиҳад ҳосили баландтарини дон ба даст оварда шавад.

Муқаррар карда шудааст, ки ҳосили баланди дон ҳангоми дар қабати 0-100 сантиметр нигоҳ доштани намии хок дар сатҳи на камтар аз 80% намиғунҷоиши беҳтарин (НБ) ба даст меояд. Дар баробари ин ҳосили майсаи сабз 275 сентнер ва дон 20,6 сентнерро ташкил додааст. Ҳосили баланди дон 25,5 ц/га. дар варианти дифференсиалӣ бештар аз 280 сентнер массаи сабз гирифта шуд. Ба ғайр аз ин, дар ин варианти таҷрибавӣ нисбат ба ҳадди доимии пеш аз обьёрии намии хок 80% намиғунҷоиши беҳтарин НБ, таркиби сафеда ва равган дар дон мутаносибан то 0,8 ва 1,0% моддаи комилан хушк зиёд буданд. Аз руи ақидахои Ю.П., Мякушко, (1984) реҷаи дифференсиалии обьёрии лубиёро ба се давраи байнифазавӣ тақсим мекунад: I -аз пайдоиши сабза то гул кардан; II - аз аввали гулкунӣ то оғози ҳосилшавии мева; III - аз аввали пайдоиши мева то пухта расидани дон. Мувофиқи маълумот, дар давраи якум аз 60 то 70 фоиз зиёд шудани намии хоки пеш аз обьёрй буда, ҳосили дон 19,6 %, аз 70 то 80 % НБ, дар давраи дуюм 26 % ва дар сеюм 23,8

% зиёд мешавад. Ин нишон медиҳад, ки соя аз гул кардан то ҳосилдиҳӣ сатҳи баланди намии хокро талаб мекунад.

Натиҷаҳои тадқиқотҳо нишон доданд, ки соя дар шароити хоки тирананг дар давраи нашъунамо 2 маротиба, дар ҳар як обёрӣ дар намии хок 75-85 % намиғунҷоиши беҳтарин НБ 400 $м^3$/га ва дар солҳои хушкии сахт се маротиба об додан лозим аст -770 м3/га. Нигоҳ доштани намии хок дар сатҳи 80% намиғунҷоиши беҳтарин НБ дар мавсими дуюми нашъунамо (шукуфтан, гулкуни) афзоиши баландтраини массаи вегетативиро таъмин намуда, барои барпо намудани узвҳои репродуктивии соя шароити оптималиро фароҳам меорад.

Ҳамин тавр, шароити ғизодиҳӣ ва намии хок ба дараҷаи ҳосилнокии биологӣ ва дони соя дар шароити гуногуни хоку иқлим таъсири назаррас мерасонад.

## АДАБИЁТ:


1. Ансорӣ М. Таъсири муҳити агроиқлимӣ ва меъёри гуногуни нурии фосфорӣ ба миқдори хлорофилл дар барги соя / М. Ансорӣ // Кишоварз. 2018. С. 27-30.

2. Бердичев В.В., Лытов М.Н., Минеральное питание сои. ж. Агрохим. Вестн.- 2005.№5, с.20-21.

3. Вахидова К.А., Особенности формирования урожая зерна пожнивной сои в зависимости от сроков посева., густоты стояния растений и режима питания в условиях Гиссарской долины. Душанбе. Автореф. канд. дисс. Душанбе, 2003. 21с

4. Гулов Ё. Соя-уникальная культура / Ё. Гулов, З. Каримов, Л. Раджабов // Обзорная информация. НПИ – Центр. – Душанбе, 2001. с. 29-30.

5. Дугин Н.Н. Соя в Курской области / Н.Н. Дугин // Земледелие. - I999.

6. Мякушко Ю.П Соя М: Колос 1984. 332с

7. Усмонов Х.Ш., Физиолого-биохимические особенности высокомасличных сортов сои в условиях Зеравшанский долины. Автореферат канд. дисс., Душанбе 2021. 20с.



**Маълумот дар бораи муаллиф: Усмонова Нигина Солеҳовна** – ассистенти кафедраи физиологияи растаниҳо. 734025, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак.

**Сведения об авторе: Усмонова Нигина Солеховна** – ассистент кафедры физиологии растений. 734025, г. Душанбе, микрорайон Буни Хисорак, Студенческий городок, корпус 16, тел: (+992) 926-046627, nigina.usmonova.80@mail.ru

# ТАЪМИНИ РУШДИ УСТУВОРИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ ДАР ШАРОИТИ ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ

# ОБЕСПЕЧЕНИЕ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА В УСЛОВИЯХ ИЗМЕНЕНИЯ КЛИМАТА

Маҷмуаи мақолаҳо ва гузоришҳо
Сборник материалов и докладов

Аз 04 ноябри соли 2025
От 04 ноября 2025 года

Нашрия электронӣ

Электронное издание

© Нашриёти МН "ИРФОН"
Ба чоп супорида шуд 10.11.2025. Ба чоп таҳти рамзи БИ 45 аз 18.11.2025.тавсия дода шуд.
Коғази офсетӣ. Чопи офсетӣ. Ҳарфчинӣ – адабӣ.
Андоза: 60x84 1/16. Варақаи шартии чопӣ – 19,0.
Нашри электронӣ.